*Гулчеҳра Муҳаммадиева*

**Ба ҷашни фархундаи 30-солагии**
**Истиқлолияти давлатии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад**

# БАЛҶУВОН

Душанбе
2021

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-54

**Муҳаррир:**
**Аламхон Кӯчарзода профессор,**
**узви вобастаи Академияи илмҳои**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Гулчеҳра Муҳаммадиева. Балҷувон.**
– Душанбе, 2021, 304 саҳ.

Муаллиф хонандаро ба як гӯшаи зебоманзари Тоҷикистон - Балҷувон даъват намуда, бо табиати назарраборбову нотакрори ин диёр, таърихи мухтасар ва дастовардҳои он дар даврони Истиқлол шинос менамояд.

Умед аст, ки хонанда ҳангоми мутолиаи китоб саҳифаҳои таърих ва давраи муосирро варақгардон карда, аз ғизои гуворои маънавӣ баҳрабардор мегардад.

**Китоб бо мусоидату дастгирии**
**муҳтарам Давлатзода Нусратулло Муқим**
**Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.**
**Муаллиф миннатдории хеш ва сокинони**
**Балҷувонро ба он кас мерасонад.**

ISBN 978-99947--------

© Гулчеҳра Муҳаммадиева, 2021



***«Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдираширо бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***


НОҲИЯИ БАЛҶУВОН
НОҲИЯИ НУРОБОД
НОҲИЯИ САНГВОР
ОБИГАРМ
РОҒУН
ШАҲРИ РОҒУН
Боғи табиии Сарихосор
Сафедоб
Шикелдара
Ғулзамин
шарбатхонаи «Сарихосор»
Қозиён
Қалъанак
Сиёҳтут
Муллоконо
Дарозпитов
Резгаи
Поғула
Даштии Газо
Пештова
Шибдара
Шингидара
Шомушаб
Кулхуҷа
НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД
Мақбараи Ҳазратишо
Нусай
Пастелак
Шаҳтутак
Моҷак
Аспиринғон
Навобод
Даштарҳо
Ҳунго
Шаҳидон
Афарди
Садаҳо
Вахш
Парвариштгоҳи
Тоҷдара
Сарихосор
Бахри Норак
Боғизоғон
Даштикилко
Обанбори Норак
Чилтори
Сафедоб
Дошманди
Даштигулҳо
Чашмасор
Ҳорма
Чорғондара
Анабой
Сиёҳлояк
НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ
Курохам
Дараихуҷа
Ҷаркуруғ
Курохам
Ховалинг
Саруполак
Деҳбут
Чашмаи Ҳаё
Дифат
Ҳуррамдеҳ
Арарак
Ҳуҷахитобони
Ҳазлаат
Дупонамайдон
Обшорон
Гирбас
Кабутсун
Бурма
Қаҳтут
Дарайбаҳтур
Олучадара
Ҳолдорчашма
Чорбоғ
Гулакизарин
Олучадара
Балҷувон
Саримазор
Навбаҳор
Боимирзоғ
Салими
Ҷучабулок
Турко
Мачити
Мулкон
Ҳайбарчашма
Кӯҳнабалҷувон
Қалъачанор
Обшорон
Бедибоҳтурай
Дара
Чарпарон
Оқбулок
Тухона
Хироб
Қалъаи Мири Балҷувон
Мулло Қурбони
Чорчашма
Қутлуҳуштак
Осорхонаи Саидқул Турдиев
Солмолидашт
Шаҳмон
Файзобод
Шифочашма
Некмардон
Самар
Шаҳидибобохон
Мақбараи Ҳоҷи Еқуби Сиҷлони
Зарнисор
Сулдузи
Зарбулудашт
Чашмасанги Бало
Заҳрисой
Дебдор
НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК
НОҲИЯИ МЎЪМИНОБОД
Ширинчашма
Олучадараитоҳ
Олучадараитор
Заркӯҳ
Думра
Узнохур
Чашмасанги Поён
НОҲИЯИ ВОСЕЪ
69° 50'
70° 00'
69° 40'
38° 44'
38° 36'
38° 28'
38° 20'
38° 12'
0
6
12

# СУХАНЕ ЧАНД ОИД БА ЭҶОДИ КИТОБ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ва суҳбатҳояшон борҳо оид ба тарбияи меҳандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва алалхусус эҳтиром нисбат ба волидайн таъкид намудаанд.

Падарам шодравон Маҳмадиев Рачаб зодаи деҳаи Тойдараи Балҷувон буданд. Солҳои муҳоҷиркунӣ ҳамроҳи ҳамдеҳагон зодгоҳи ободу зебои худро тарк гуфта, ба ноҳияи Фархор кӯч мебанданд.

Аз маълумоти бойгонӣ маълум гашт, ки солҳои муҳоҷиркунонӣ (аз апрели соли 1946 то октябри соли 1954) 260 деҳаи Балҷувон бе одам монд ва харобу валангор шуд, 56 мактаби ибтидоӣ ва 7-сола, ки дар онҳо зиёда аз 2990 нафар мактаббачаҳо таҳсил мекардаанд, баста шуданд. Мувофиқи фармони Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 1954 ноҳияи Балҷувон барҳам дода шуд (Филиали Бойгонии Давлатии Марказии РСС Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, ф.156, оп.7, д.17, вараҷаи 91).

Он солҳоро падарам бо аламу афсӯси зиёд ба ёд оварда, дар бораи зебогии ин диёри афсонавӣ нақлҳои аҷиб мекарданд. Оид ба номи деҳа меафзуданд, ки дар он галаи асп буд ва як ҷо бо онҳо тойчаҳоро мечарониданд. Пагоҳӣ аҳли деҳа ба тамошои ҷасту хези тойчаҳо баромада, ҳаловат мебурданд ва ин деҳаро аз ҳамин хотир **Тойдара** ном монда буданд.

Вақте падар дар бораи табиати зебо, гулҳои шабнамзадаву хушнакҳату хушрӯй, чашмаҳои обашон шаффофу табобатӣ, аз боғу роғи гулафшон, аз орувони пуркору

мурғони хушхон, аз дарахтони сермеваи ширину пурбор, аз инсонҳои баору номуси ин диёр ва насими форами Тойдара сухан мегуфтанд, ба ҳаяҷон меомаданд ва рӯяшонро ба дигар тараф мегардонданд, ки ашки чашмонашонро мо, фарзандон набинем.

Худ, ки маҷрӯҳ буданду роҳгардӣ барояшон мушкил буд, боре аз ман хоҳиш карданд, як бор ба Тойдара равам. Ман хоҳиши падарро ба ҷо оварда, ба ҳамон макони афсонавӣ рафтам. Гарчанде роҳ хеле душвор буд, ба баландии деҳа баромада, ба назарам омад, ки ба офтоб наздик шудам. Мегӯй, ки ҳозир абрҳоро бо даст медорӣ.

Ҳолати рӯҳии падарро эҳсос кардам, ки барояшон зодгоҳи назарраборашонро тарк намуда, ба таҳдашт рафтан чӣ қадар мушкил буд. Вақте ба хона баргаштам, падари маризам канорам гирифтанд ва чанде маро аз худ намехостанд дур кунанд. Бӯй мекашиданду, бӯй мекашиданду, бӯй...

– Оҳ, бачам, бӯи ватанамро овардӣ, – гуён оби дида карданд ва баъд:

– Духтарам, ту соҳибқаламӣ, дар бораи он диёри зебо чизе навис, то дигарон низ аз он зебоиҳо бархӯрдор бошанд, – гуфтанд падар.

Аз байн солҳо гузашт. Дер боз дар ноҳияи Балҷувон набудам. Баъди аз тариқи телевизион тамошо намудани сафари кории Сарвари давлат – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Балҷувон (моҳи авусти соли 2019), ки дар рафти он гулгашти зебо ва боз як қатор корхонаву иншоот ба истифда дода шуданд, қарор додам, ки он ҳама бунёдкориву ободониҳоро бо чашми худ бинам.

Вақте ки навгониҳою ободкориҳои ноҳия: **шоҳ**роҳи васеи замонавии автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг, Дарвозаи боҳашамати ноҳия, Қалъаи таҷдидшудаи мири Балҷувон, маркази савдо ва хизматрасонӣ, гулгашти зебою мунаввар, коргоҳи дӯзандагӣ, бинои дуошёнаи боғчаи кӯдакона барои 100 нафар, толори варзишӣ,

тарабхонаи «Насими Балҷувон», корхонаи коркарди сангҳои маҳаллии ҶДММ «Элегант» ва дигар иншоотҳоро аз наздик дидам, шуълаи ифтихор аз ватану ватандорӣ дар замири дилам аланга зад.

Ба ҳама он ободкориву пешравиҳо ба соҳибкорон ва фаъолони ноҳия дар дилам офарин гуфта, қарор додам, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Чумҳурии Тоҷикистон орзуи падарамро амалӣ намоям. Қалам ба даст гирифтам, ки дар бораи ин гӯшаи зебои диёри соҳибистиқлол таассуроти худро рӯи қоғаз биёоварам, то хонанда иттилооте дар бораи ин макони биҳиштосо ва мардуми сарбаланди он дошта бошанд.

***Муаллиф***



# ОҒОЗ

***«Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди тоҷикон дар асри XX ба шумор меравад.»***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Баъди ҳазор соли суқути давлати Сомониён дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX мардуми сарбаланди тоҷик истиқлолияти сиёсӣ ба даст овард.

Тоҷикистон маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандона, дурбинона, ватандӯстона ва инсонпарваронаи Сарвари пухтакораш чун давлати мустақили соҳибихтиёр ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардид.

Бистуҳафтуми июни соли 1997 бо ташаббусҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расонида шуд.

Тибқи таҳлилу омӯзишҳои коршиносон таҷриба ва амалияи сулҳи тоҷикон на танҳо аҳамияти миллӣ, балки арзиши ҷаҳонӣ дорад. Беҳуда нест, ки таҷрибаи мо дар таъмини сулҳ ва ба Ватан баргардонидани қариб як миллион гуреза аз тарафи сиёсатмадорону ҷомеашиносони байналхалқӣ ҳамчун як падидаи нодири сулҳофарӣ эътироф гардидааст.

Дар ҳолате, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ мехост тамоми ҷумҳуриро фаро гирад, дуди сиёҳ на танҳо фазои кишвар балки дили мардумро сиёҳ карда буд ва одамон ба ояндаи нек бо шубҳа менигаристанд ва вақте Иҷлосияи тақдирсози XV1–уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор гашт, бисёриҳо на танҳо масъулияти сарварии давлат, балки метарсиданд ҳатто масъулияти

роҳбарии вазорату идораҳои давлатиро ба зимма гиранд.

Вақте бо талошҳои ҷасоратмандонаи Сардори давлат сулҳу ваҳдати сиёсӣ барқарор карда шуд, вазифаҳои муҳими дигар - сохтани роҳҳои муосири мошингард, нақбҳо, шабакаҳои интиқоли барқ, таъмини озуқаворию аҳолӣ ва ғайраву ғайраҳо пеши рӯй омад, ки ҳалли онҳо бояд истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам устувортар месохт. Ин буд, ки солҳои минбаъда роҳи оҳани Қурғонтеппа-Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, нақби «Истиқлол» дар ағбаи Анзоб, нақбҳои «Шаршар», «Хатлон», «Шаҳристон», хати баландшиддати 500 киловатаи интиқоли барқи «Ҷануб – Шимол», ду агрегати неругоҳи барқи обии «Роғун» ва боз дигар иншоот ба истифода дода шуд.

Бо ҷидду ҷаҳд ва талошҳои бемисли сарвари давлатамон баргардонии фироиёни аз хориҷи кишвар беҳтарин ва шарифтарин амал дар раванди сулҳи тоҷикон ба шумор меравад. Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ пешрафти кишвари моро чандин даҳсола ақиб партофт. Аммо, меҳнаткашони меҳнатдӯст ва меҳанпарвари мо тавонистанд харобию хисороти он рӯзҳоро бо заҳмати шабонарӯзӣ бартараф намоянд.

Мо соҳиби муқадасоти миллии худ гаштем. Дар фазои озоду ором Парчами мо болафшонӣ намуд, нишон, суруди миллӣ, Конститутсияи давлати соҳибистиқлол қабул шуд. Низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия, парламенти дупалатагӣ ва ҳокимияти мустақили судӣ ташкил гардид.

Ҷашнгирии 1100-солагии давлатдории Сомониён, Сол бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 1150-солагии Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳазораи Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдвсӣ, 680–солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, 700-солагии Шайх Камоли Хуҷандӣ, 960-солагии Умари Хайём, 2700-солагии Авесто, 1025-солагии Абӯалӣ ибни Сино, 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини

Балхӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700 - солагии шаҳри Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисори Шодмон, 1310-солагии Имоми Аъзам, 5500-солагии Саразм ва дигар чорабиниҳои илмию фарҳангӣ ба устувор гардонидани истиқлолияти Ватанамон таҳкурсии боэътимод гузоштанд.

Ибтикороти дурандешонаи Пешвои муаззами миллат, роҳандозӣ намудани ду иқдоми муҳим – озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст « ва «Тоҷикистон – ватани азизи ман»-ро сокинони диёр хеле хуш пазируфтанд. Рӯ ба китоб овардан ва эҳёи маънавии миллат яке аз мақсадҳои асосии Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Ин озмун на танҳо барои наврасон, балки барои волидайн ва омӯзгорони онҳо таконе буд ба суи донишомӯзӣ ва донишандӯзӣ. Онҳо бо масъулияти баланд ба тайёрии бачаҳо диққати лозимӣ медоданд.

Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ чунин зикр гардидааст:

«Китобхонаҳо бояд ба маркази муҳими илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад.»

Муҳимтарин дастоварди халқи мо дар он буд, ки таҳти роҳбарӣ ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат дар кӯтоҳтарин муддат оташи ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ хомӯш карда шуд.

Давоми 30 соли Истиқлолият Тоҷикистони азизамон марҳалаҳои муҳимро тай намуд: як силсила мушкилоту монеаҳои мавҷуда бартараф гардида, барои рушди бе-

майлони давлати соҳибихтиёр таҳкурсии устувор гузошта шуд, таҷрибаи беназири Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат ҷиҳати таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ барои дигар давлатҳо ибратбахшу омӯзанда шуд. Дар роҳи бунёдкориву созандагӣ, дар муайян намудани мавқеи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ қадамҳои умедбахшу устувор гузошта шуд.

Ташаббусҳои Пешвои миллат оид ба Соли баналмиллалии оби тоза эълон гардидани соли 2003, қабул шудани барномаи даҳсолаи «Амалиёти байналмилалии об барои ҳаёт», ки соли 2005 аз ҷониби саронибеш аз 180 кишвари ҷаҳон дастирӣ ёфт, «Соли баналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон шудани соли 2013 ва «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардидани солҳои 2018-2028», ки тибқи қатъномаи Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд, далелҳои муҳими амалҳои ояндасозии Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ва афзудани эътибори баналхалқии кишварамон маҳсуб мёбанд.

Сарвари давлатамон аз минбарҳои баландтарини ҷаҳонӣ бо забони ширину нобу шоиронаи тоҷикӣ ҳарф гуфта, ташаббускори бисёр амалҳои наҷибе гардиданд, ки ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида шуда, аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтанд. Ин аст ки зиёда аз 160 давлати ҷаҳон Тоҷикистони азизи моро ба расмият шинохтанд ва чун давлати соҳибихтиёри демократӣ эътироф мекунанд.

Сокинони Тоҷикистон сиёсати дохилию хориҷии Президент ва Ҳукумати ҷумҳуриро якдилона дастгирӣ мекунанд ва аз сулҳи ба даст оварда, бунёдкориву созандагие, ки дар кишвар амалӣ гашта истодаанд, шукргузоранд.

Мардуми сарбаланди Балҷувон низ аз ҳадафҳои муайяннамудаи Сардори давлат, ки амалӣ гаштани онҳо

кафили сулҳу субот, ободию шукуфоии диёрамон мебошад, рӯҳбаланд гардида, баҳри гул-гулшукуфоии ҳар як гӯшаи ноҳия меҳнати садоқатмандона менамоянд.

Ноҳияи Балҷувон дар тӯли таърихи бисёрҳазорсолаи худ саҳми сазовор дошта, дар саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик мақоми хосаи хешро пайдо намудааст.

Балҷувон ҳамчун яке аз қитъаҳои пурнеъмату фаровони сарзамини Хатлон дар аҳди қадим, яке аз ҳокимигариҳои бонуфузи Бухорои Шарқӣ ва фароғатгоҳи тобистонаи ҳокимони Хатлон дар асрҳои миёна дар бисёр воқеаҳои тақдирсози миллати тоҷик ширкат намуда, мардуми барӯманди он баҳри муттаҳидии халқу миллат, якпорчагии сарзамини тоҷик ҷонбозиҳо намудааст.



# САЙРЕ ДАР БЕКИГАРИИ БАЛҶУВОН

Таърихнигорон аз қабили академик В.В.Бартолд, академик Б.Ғафуров, академик Ю.Яъқубов, муаррихон Б.А. Литвинский, Н. Виноградова ва дигарон барои эҳё намудани таърихи ниёгонамон, аз ҷумла Балҷувон, талошҳои бесобиқа намудаанд.

Дар бораи таърихи Балҷувон метавон аз китобу рисолаҳои Гулшании Бухоро (Таърихи Ҳумоюн»), Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсаиди Балҷувонӣ (« Таърихи Нофеъ»), Ғоибов Ғолиб («Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз»), Шарифов Достӣ («Таърихи мухтасари Балҷувон», Сотим Улуғзода («Восеъ») ва дигар муаррихону муаллифон маълумоти ҷолиб дарёфт намуд.

Аммо, бинобар сабабе, ки ҳадаф аз навиштани китоби мазкур омӯзиши муфассали таърихи ин минтақаи куҳанбунёди Ватан набуда, хонандагони нуктасанҷ метавонанд оид ба таърихи Балҷувон аз рисолаҳои муаллифони болозикр истифода намоянд, мо бо нигоштани чанд сатр аз саҳифаҳои таърих, иктифо хоҳем намуд.

Аз маводҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки бо мақсади мустаҳкам намудани ҳокимияти амирӣ дар Бухорои Шарқӣ, воҳидҳои маъмурии нав – бекигарии Балҷувон таъсис дода шуд. Тибқи маълумотҳои таърихӣ дар солҳои 1877 - 1905 дар Кӯлобу Балҷувон 19 бек ҳукмронӣ кардааст.

Бекигарии Балҷувон амлокдориҳои Балҷувон, Ховалинг, Пушинг, Кангурт, Сари Пӯл, Сари Хосор, Тутқавул, Шайдон, Даштак, Қади Ов, Сурхоб ва Танобчиро дар тобеият дошт. Ҳар кадом амлокдориҳо то 40-50 деҳаи хурду калонро дар бар мегирифт. Амлокдориҳо ва шаҳригариҳо ба оқсақолӣ, арбобгарӣ ва аминӣ тақсим мешуданд. Ин ҳама маънои онро дорад, ки барои идора кардани ҳукумат

дар аморати Бухоро ва бекигарӣ як системаи муайяни идоракунӣ вуҷуд доштааст. Амир аз иттиҳоди мардуми Бухорои Шарқӣ ҳарос дошт ва бинобар ин, кӯшиш мекард ба ҳар минтақа зарбаҳои алоҳида зада, неруҳои маҳаллиро заиф гардонад.

Истисмори бераҳмонаи аҳолӣ ва талаву тороҷи амволи онҳо, камҳосилии заминҳо ва харобазор гардидани боғу роғ сабабгори асосии сар задани шӯришҳо дар бекигарии Балҷувон, аз ҷумла бо сарварии Мулло Хол (1880-1884), Восеъ (1888), Назирпаҳлавон (1916) ва дигарон гардиданд.

Аз дигар ҷиҳат нооромии маҳалҳои номбаршуда сабабгори юриши бераҳмонаи амир Музаффар ба ин ҷо мегардид.

Мувофиқи тасдиқи олими рус Ю.Н.Послaвский, то моҳи феврали соли 1917 бекигариҳои Кӯлоб ва Балҷувон зиёда аз 295 ҳазор нафар аҳолӣ доштаанд (Ю. Н. Послaвский).

Балҷувон дар тӯли ҳазорсолаҳо макони мардуми ориёӣ будааст. Бостоншиноси тоҷик, академик Юсуфшоҳ Ёқубов дар тадқиқотҳои илмии худ исбот менамояд, ки дар асоси бозёфтҳои асри сангин, ки аз бошишгоҳи Кӯлдараи Балҷувон ба даст омадаанд, одамон дар ин сарзамини хушобу ҳаво қариб як миллион сол пеш зиндагӣ доштанд. Ҳоло бошишгоҳи Кӯлдара мавзеи қадимтарин аҳди санг на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар қалamрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб меёбад. (Ю.Ёқубов. Проблемаи омӯзиши таърихи Хатлони қадим. Эҳёи Кӯлоб, шаҳри Душанбе, 1991 саҳ.26).

То замони ҳукумронии амир Музаффархон дар Бухорои Шарқӣ сарфи назар аз он ки дар байни ҳокимони маҳаллӣ гоҳ-гоҳ ихтилофҳои марзию иқтисодӣ ба вуқӯъ меомаданд, дар маҷмуъ вазъияти сиёсӣ нисбатан муътадил буд. Ҳар як ҳоким дар мавзеи худ ҳокими мутлақ ба ҳисоб мерафт.

Ҳаёти мардуми заҳматкаш нисбатан орому осуда ҷараён дошт. Аммо ҳангоме, ки дар соли 1864 ҳуҷуми қатъии қушунҳои ҳукумати Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна сар шуд, воқеият дар Бухорои Шарқӣ оҳиста-оҳиста, вале ба куллӣ тағир ёфт.

Аз саҳифаҳои таърих бароямон равшан аст, ки амир Музаффархон аз ҷониби қушунҳои сар то по мусаллаҳи Руссия мағлуб гашта, байни Русия ва Бухоро шартномаи тиҷоратӣ имзо мекунад.

Амир Музаффархонро бемуваффақият анҷом ёфтани амалиётҳои ҷангии соли 1866 ба муқобили қушунҳои рус ором нагузошт. Ӯ мехост, ки ҷои мулкҳои аз даст додаашро ( Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов, Ҷиззах ва ғайра) зуд аз ҳисоби мулкҳои Бухорои Шарқӣ пур кунад.

Солҳои 1868-1870 барои амир Музаффархон бо сабаби шикастхӯрӣ аз қушунҳои рус, аз даст рафтани Самарқанд, исёни писараш-Абдумаликтӯра, имзои шартномаи барояш вазнин бо Русия ва ғайраҳо давраи хеле душвор ба ҳисоб меравад.

Соли 1832 ҳокими Қундуз Муродбеки қатаған, ки дар хунхорӣ аз Чингизхон мондани надошт, ба пойтахти Хатлон шаҳри Кӯлоб лашкар кашида, онро ғасб кард. Баъди чанд муддате кӯлобиҳо шӯриш бардошта, намояндагони Муродбекро сарнагун сохтанд. Аз ин ҳолат Муродбек ба ғазаб омада, боз ба Кӯлоб лашкар кашида, онро пурра хароб мегардонад ва як қисми аҳолиро ба Хонаободи Афғонистон мекӯчонад.

Ҳокими Кӯлоб Товулхони қатаған (солҳои ҳукмронӣ 1828-1841), ки бо номи Ақтахон низ машҳур буд ва аз авлодони Муродбек ҳисоб мешуд, гурехта, ба Балҷувон меравад ва қалъаи онро мустаҳкам гардонида, ба муқобилият тайёрӣ мебинад. Вале Муродбек ба Балҷувон нарафта, ба Қундуз бармегардад.

Соли 1841 баъди дар ҷанги Файзобод кушта шудани

Товулхон ба ҷояш писараш Мизробхон (солҳои ҳукмронӣ 1841-1853) ба тахт нишаста, ба Ҳисор лашкар кашида, қасоси падарро мегирад ва ба мустаҳкамнамоии қалъа ва ҳокимигарии худ мепардозад. Аз вазъият истифода намуда, Мизробхон қалъаи нави Балҷувонро дар соҳили рости дарёи Оби Шаҳид бино намуда, Кӯлобро низ баъди марги Муродбек аз нав ба тобеияти худ медарорад.

Мизробхон шахси бомаърифат, атолиқи сиёсатмадор, шоир, олими соҳаи кимиё ва тӯпсозӣ буда, дар Ҳиндустон таҳсил намуда буд. Ӯ ҳатто ду тӯпи калони ҷангӣ дошт, ки ҳар кадомро чор барзагов мекашид ва дар юриши Ҳисор бо як тири тӯпи «Ҷаҳонгир» лашкари душманро таслим намуда буд. Дар замони Мизробхон, ки карбос эквиваленти пулро ичро мекард, савдогарони ӯ аз Ҳиндустон пайсаҳои мисӣ оварда, дар мубодилоти пулӣ ворид карданд, ки барои пешрафти иктисодиёти миригарӣ хеле мадад расонид.

Соли 1853 ҳангоми ба мадади мири Ҳисор аз ғасби амири Бухоро рафтанаш Мизробхон дар Норак ногаҳон вафот мекунад. Ба ҷояш бародараш Қамчинхон мири Балҷувон мешавад. Вай ҳамагӣ се сол ҳукм ронда, вафот мекунад ва Сарахон мири Балҷувону Кӯлоб мегардад.

Сарахон асосан дар Кӯлоб зиндагӣ намуда, барои ободонии он хеле корҳоро анҷом дод. Ҳангоми гармиҳо Сарахон ба Балҷувон мерафт. Ҳавои форам, манзараҳои зебо, чашмаҳои мусаффо, гулу гиёҳ ва растаниҳои табобатӣ, дарахтони сермеваи Балҷувон ӯро водор мекард, ки ҳамтабақҳояш-шоҳи Дарвоз, мирони Хисору Деҳнав ва Қаротегинро ба ин мулки зебо барои истироҳат даъват намояд. Ҳолатҳое мешуд, ки тамоми тобистон онҳо дар Балҷувон мемонданд. Зебоии ин мавзеъ меваҳои лазиз, насими форам, ҳунармандии кайбонуҳои ин мулки афсонавӣ онҳоро афсун мекард.

Аз нақли мусафедони ин водӣ, ки онҳо низ аз падару

бобоён шунидаанд, Сарахон бо пешхизматонаш барои ба ҳайрат монондани меҳмонҳояш пайваста чорабиниҳои шавқовари фарҳангӣ ва варзишӣ мегузаронидааст.

Мардуми таҳҷоӣ селаи кабкҳоро як ҷо ҷамъ оварда, назди меҳмонон «киш» мегуфтанд ва аз ҷасту хез ва хониши форами кабкон меҳмонон шавқ бурда, ба шикори онҳо мепардохтанд. Рӯзи дигар ҷанги хурӯсҳоро ташкил мекарданд. Дигар рӯз пахлавонони минтақа назди меҳмонон гӯштин мегирифтанд. Давандагии беҳтарин аспҳоро дар назди меҳмонон ба маърази тамошо мемонданд. Беҳтарин овозхонон дар хизмати меҳмонони Сарахон буданд. Бо гузаштани тобистон меҳмонони ӯ дилу бедилон Балҷувонро тарк мекарданд: бо орзуе, ки соли оянда боз хоҳанд омад ба ин мавзеи биҳиштосо.

Давраи ҳукмронии Сарахон ё Сарабек аз даврахои пурқувватшавии миригарӣ ба ҳисоб рафта, ба он шоҳи Дарвоз, мири Хисору Деҳнав ва Қаротегин муддате тобеъ гардиданд. Аз ин пурқувватшавии Балҷувон ҳаросида, амири Бухоро Музаффархон (1860-1885) ба ин диёр лашкар мекашад ва Ҳисорро забт карда бо мири Кӯлоб созиш мебандад.

Сарахон ба Бухоро рафта, муддати як сол назди амир мемонад ва ба мансаби атоликӣ (генералӣ) ноил мешавад. Дар ин муддат ба ҷои ӯ бародараш Ҳамрохон мири Кӯлобу Балҷувон буд. Соли 1869 Сарахон ба ватан баргашта, боз кӯшиши мустақилӣ менамояд.

Амир Музаффархон соли 1870 бори дигар лашкар кашида, Кӯлобро тобеъ менамояд. Сарахон ба Афғонистон мегурезад. Бо фармони амир чиҳати заиф гардонидани миригарӣ он ба 2 бекигарӣ – Балҷувон ва Кӯлоб тақсим карда шуд ва минбаъд бекҳо, яъне ҳокимонро худи Амир аз Бухоро таъйин мекард.

Мардуми меҳнатдӯсти Балҷувон аз зиёд будани хироҷу закот норозигӣ баён менамуданд. Онҳо бераҳмона зулму

истисмор карда мешуданд. Деҳқонони меҳнаткаши бекигариҳои Балҷувону Кӯлоб якчанд намуди андоз медоданд: закот - маблағе, ки аз мол ва ҳайвоноти ба бозор дароварда рӯёнда мешуд; хироҷ – андоз аз замин; закоти чакана барои худи бек; қӯшпулӣ – андоз аз ҳайвони корӣ; танобпулӣ – андоз аз боғ ва ҳавлӣ; алафпулӣ – андоз аз кишти юнучқа; боҷ – рӯёндани маблағ барои молҳо ва ҳайвоноте, ки аз як гӯшаи бекигарӣ ба гӯшаи дигари вай ба савдо бурда мешуд; осиёбпулӣ; обҷувозпулӣ ва ғайраву ғайраҳо. Кор ба ҷое расид, ки оқибат аҳолии ин минтақа соли 1888 шӯриш бардоштанд ва ин шӯриш пояи ҳукумати Бухороро ба ларза овард (Б.Ғафуров.Тоҷикон.Таърихи қадимтарин қадим, асри миёна ва даврои нав. Қисми 2, Душанбе. Нашриёти «Ирфон» 1998, саҳ.210-215.)

Балҷувон чун вилояти мустақил дар даврaҳои бекии Сарахон (1856-1870) аз амир Музаффархон рӯ гардонда, андоз намесупурд. Ҳокими Ҳисор ҳам ҳамин хел мавқеъро ишғол кард.

Соли 1870 амир Музаффархон ба водии Ҳисор лашкар кашид. Ҳамроҳи вай қушбеги Яқубхон ҳам буд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо дар ин сарзамин 15 рӯз ҷанг давом кардааст (Искандаров Б.И. «Восточная Бухара и Памир в период присоединения Среней Азии к России» саҳ.176.)

Академик Б.Ғафуров дар китоби «Тоҷикон»-и худ менависад, ки шумораи танҳо қатлшудагон дар Ҳисор ба 5 ҳазор расида, водӣ ба харобазор табдил ёфт (саҳ.175-176)..

Бедодгарии амир Музаффархон дар водии Ҳисор тарсу ваҳми ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарахонро хеле зиёд намуд. Он лаҳза дар зери итоати ӯ водии Вахш- мулкҳои Қурғотеппаю Қубодиён низ буд. Амир худи ҳамон соли 1870 ба муқобили Сарахон дастаҳои махсусроо бо сарварии Яъқуббек фиристод.

Сарахон медонист, ки барои муқобилият қувваш кифоягӣ намекунад ва ҳангоми мағлубият саломат нахоҳад

монд. Бинобар ин ӯ барои халосии ҷони худ ба мулки Афғонистон гурехт.

Дар натиҷа Яъқуббек бе ягон муҳориба мулкҳои Кӯлоб, Балҷувон, Қурғонтеппа ва Қубодиёнро ба зери тасарруфи ҳукумати амирӣ даровард.

* * *

Ба ҳайати бекигарии Балҷувон ҳудуди ноҳияҳои ҳозираи Данғара, Темурмалик, як қисми Восеъ, Ховалинг, деҳаҳои Кангурт, Сари Хосор, Ҷорубқул ва Тутқавул дохил мешуданд.

Соли 1914 бо талаби Ҳокимияти Руссия аввалин маротиба барӯйхатгирии аҳолии Бухорои Шарқӣ гузаронида шуда буд. «Дар соли 1914 бекигарии Балҷувон нисбат ба Кӯлоб аҳолии бештар дошт. Агар аҳолии бекигарии Балҷувон 63 ҳазору 102 нафар бошад, бекигарии Кӯлоб 39 ҳазору 681 нафар буд.» (Б.Х.Қармышева. Очерки этнической истории южных районов Таджикистана и Узбекистана. М.1976, саҳ.32)

Дар Балҷувон ҳафтае ду маротиба – рӯзҳои чоршанбе ва шанбе бозори калон баргузор мешуд. Балҷувон дар ибтидои асри Х1Х чун вилояти мустақил танга сикка мезад.

Пас аз дар Тоҷикистон барқарор гардидани Ҳукумати Шӯравӣ дар ҳудуди собиқ бекигарии Балҷувон ноҳияҳои алоҳида бо марказҳои маъмуриашон таъсис ёфтанд. Бо қарорҳои Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон 23 ноябри соли 1930 ноҳияҳои Балҷувон, Кангурт, Қизил–Мазор, Ховалинг, 8 июли соли 1932 ноҳияи Данғара ва 8 августи соли 1936 ноҳияи Сари Хосор арзи ҳастӣ намуданд (Саридораи бойгонии Тоҷикистон, фонди 12, ОП-2, дафтари 10 вараҳаи 57).

Дар баробари табиати биҳиштӣ, обшорону майсазорҳо, кӯҳҳои сарбафалак, киштзорҳою чарогоҳҳои фарох аз таърихи гузаштаи ин диёр даҳҳо ёдгориҳои таърихӣ, то ба

замони мо омада расидаанд. Ин ёдгориҳо ҳамчун мероси гаронбаҳои халқамон имрӯз дар зери ҳимояи давлат қарор доранд ва умед аст, ки дар солҳои наздик онҳо ҳамчун объектҳои сайёҳии ноҳия муаррифгари ин куҳандиёр мегарданд. Ёдгориҳои бостонию таърихии ин диёр худ гувоҳи таърихи пурғановати ин сарзамин мебошанд.

Оид ба номи Балҷувон дар байни олимону донишмандон ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Донишмандон Сайдаҳтам Юнусов ва Ҷонибек Асрориён дар чунин ақида мебошанд, ки Балҷувон шакли вайроншудаи Балхиён аст. Яъне, ин сарзамин бо давраҳои дуру дарози таърихӣ алоқаи зич дошта, бо решаи Балх марбут аст. Донишманди дигар Ҷумъахон Алимов, ки мутахассиси соҳаи номшиносӣ буда, махсусан дар бораи муайян намудани маънои луғавии Сари Хосор, Балҷувон, Кангурт корҳои тадқиқотӣ бурдааст, низ дар ҳамин ақидааст, ки Балҷувон ин Балхиён мебошад.

Муаррих Ғолиб Ғоибов пайдоиши вожаи «Балҷувон»-ро дар пояи таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ ба қарнҳои IX–X мансуб донистааст: «Балҷувон ҳамчун номи мавзеъ ҳанӯз дар асри XIV дар сарчашмаҳо ёд шудааст. Вале гумон меравад ин мавзеъ дар асрҳои IX–X вуҷуд дошта бошад. Дар асарҳои ҷуғрофиёни араб мавзее бо номи «Балаҷон» ба назар мерасад, ки шояд ҳамин Балҷувон аст» (Ғолиб Ғоибов. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз, с. 559).

Ин ки бозёфти ёдгориҳои таърихӣ дар қиёс бо дигар минтақаҳои ҳамҷавор дар Балҷувон бештар дида мешаванд, ҳамин маъноро дорост, ки сарзамини мазкур беш аз дигарон ҳаводиси таърихиро аз сар гузаронидааст, чунки аз аҳди бостон то имрӯз ин мавзеъро Бохтар, сипас Хуталон ва айни замон Хуросон номидаанд ва маънои вижагии «Балҷувон» Балхувон буда, аз Балх ва балхӣ таркиб ёфтааст (С.С.Юнусӣ, Ҷ. Асрориён. Авроқи рангини Кӯлоб, 1992, с. 68).

Ба ҳамин тариқ, вожаи Балҷувон шакли тағйирхӯрдаи Балхувон маҳсуб мешавад ва айни замон барои хосу ом ошност. Ин минтақа, ки имрӯз бархе аз навоҳии ҷануби кишварро фаро мегирад, дар гузаштаи дур Бохтар номида мешудааст ва қабл аз барпошавии ҳокимияти Шӯравӣ бо исми бекигарии Балҷувон машҳур гардидааст. Дар ин мавриД Абдулмуъмин Муродиён менависад: «Вожаҳои Балҷувон ва Балҷвон бо хати арабиасоси тоҷикӣ як тарзи навишт доранд. Агар дар ин калимаи бо хати ниёгон навишташуда танҳо нуқтаи ҳарфи ҷ (ҷим) – ро аз пойин ба боло баред, бо тағйир ёфтани ҳарфи ҷ (ҷим) ба х (хе) калимаи дигар – Балхвон ҳосил мешавад.

Ба гумони ғолиб, вожаи «Балҷвон» шакли вайроншудаи «Балхвон» буда, он дар навбати худ шакли лаҳҷавии «Балхбон» аст. Ба ҳамин тартиб Балхбон Балхвон талаффуз шуда, дар навишти ниёгон Балҷвон ва ҳини баргардондан ба хати кириллӣ Балҷувон гаштааст» (Ҷумҳурият, 19 декабри соли 2017).

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониашон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон 27 июли соли 2017 таъкид намудаанд, ки «Ноҳияи Балҷувон яке аз гӯшаҳои дар ҳақиқат зебову биҳишосо ва мавзеи хеле қадимаи Тоҷикистони азизамон ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи андешаи муҳаққиқону донишмандон Балҷувон шакли тағйирхӯрдаи калимаи Балхиён буда, бозёфтҳои таърихии аз ҳудуди ноҳия бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки дар ин сарзамин ҳанӯз дар давраи асри санг одамон зиндагӣ мекардаанд.

Мардуми Балҷувон аз қадим бо Ҳисору Дарвоз ва манотиқи дигар робитаҳои тиҷоратӣ дошта, ба бозорҳои он аз Афғонистону Русия ва Туркистону Ҳинд маҳсулоти гу-

ногун ворид карда мешуданд. Минбаъд олимон муайян кардаанд, ки дар гӯшаҳои гуногуни Балҷувон на танҳо тилло, нуқра ва мис, балки конҳои сурб, намак ва нафту газ мавҷуданд.

Имрӯз дар ҳудуди ноҳияи Балҷувон мавзеъҳои воқеан тамошобоб ва ёдгориҳои таърихӣ, аз қабили қалъаҳои Мир, Чорбоғ, Тӯпхона, Дектур, Чаноро, Чавгонӣ, Додӣ, бошишгоҳҳои давраи асри санг дар деҳаҳои Файзобод, Шаҳиди Бобохон вуҷуд доранд, ки гувоҳи таърихи бостонии Балҷувон ба ҳисоб мераванд.»

* * *

Хабари ғалабаи инқилоби Октябр дар андак муддат ба гӯшаҳои дурдасттарини Аморати Бухоро, аз ҷумла ба Балҷувон низ паҳн гашт. Дар шӯриши мусаллаҳонае, ки пас аз 4 рӯзи ғалабаи инқилоби Октябр дар ш.Тошканд ба вуқӯъ пайваст, бисёр мардикорону косибон аз водии Кӯлоб низ иштирок доштанд. Масалан, сокинони Балҷувон Бобоюнус Худойдодзода, Холиқи Яъқуб, Шариф Комил, Шариф Абдураҳим, Абдуғаффор Комил, Шариф Ширин ва дигарон. Онҳо дар бораи синфи коргари рус, Ҳукумати Шӯравӣ, «Эъломияи ҳуқуқҳои халқҳои Русия», Ҳукумати халқӣ, ислоҳоти обу замин маълумоти кофӣ доштанд ва баъди бозгашт ба ҳамдеҳагон аз дидаву шунидаҳояшон нақл карда, дар бедор намудани ҳисси мубориза ва озодандешии мардуми аз ҳаёти сиёсии давр дур, нақши муҳим бозиданд.

31 августи соли 1920 Амири Бухоро Олимхон ба Бухорои Шарқӣ гурехт. 2 сентябри соли 1920 Аморати Бухоро сарнагун карда шуд. Отряди экспедитсионии Ҳисор 21 феврали соли 1921 ба қароргоҳи Амир дар Душанбе расид. Вале Амир чанд рӯз пештар қароргоҳашро ба Кӯлоб кӯчонда буд. Ӯ дар муддати 4 рӯзи дар қалъаи Кӯлоб будданаш ҳамаи мансабдорони бекиҳои Кӯлоб, Дарвоз ва

Балҷувон (Абдуқодир, Эшони Султон, Диловари Дарвозӣ, Давлатмандбӣ, Иброҳимбек)-ро назди худ хонда, аз онҳо хоҳиш намуд, ки мардумро ба муқобили Артиши Сурх бархезонда, ҳуҷумро боздоранд. Аммо нақшаҳои Амир Олимхон амалӣ нагаштанд. Қувваҳои ҷамъовардааш ба шикастҳои паиҳам рӯ ба рӯ шуданд. Аз ин рӯ, баъди чанд рӯз, аввали марти соли 1921 Амир Олимхон ҳамроҳи беш аз 1500 нафар ба Афғонистон фирор кард.

Баъди аз нав пурқувват гардондани сафҳо Артиши Сурх дар назди Балҷувон бо қӯшунҳои Анварпошшо ба ҷанг даромад. Ҷанг се шабонарӯз давом кард. Қувваҳои Анварпошшо шикаст хӯрда, ба деҳаи Обидара қафо нишастанд. 4 августи соли 1922 полкҳои 15 ва 16-уми савора ба мавқеи босмачиён ҳуҷуми ногаҳонӣ карда, онҳоро ба муҳосира гирифтанд. Анварпошшо ва Давлатмандбӣ кушта шуданд. Дар торумор кардани дастаҳои Анварпошшо, баробари аскарони сурх ҷавонмардони балҷувонӣ Қирғиз Аҳмадов, Шаҳобуддин Тоиров, Маҳмадалӣ Набиев мусоидат намуданд.

Хонандаи азиз, ин буд як сайри мухтасари таърихӣ дар паҳнои бекигарии Балҷувони куҳан.

# ТАБИАТИ БАЛҶУВОН

***«Мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиатҳои умум мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем».***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Моҳияти об дар ҳама давру замон барои инсон, муҳити атроф, ҳайвонот, парандаҳо, зироат ва ғайра ниҳоят бузург аст. Об бузургтарин неъмат ва омили асосии тамоми мавҷудоти зинда мебошад.

Дар қаламрави Осиёи Марказӣ ҷумҳурии мо дар саргаҳи ташаккулёбии обҳои минтақа ҷойгир аст. Дар кишвар амон 64% обҳои Осиёи Марказӣ тавлид меёбанд. Мамлакати мо аз захираи об бой буда, 8492 пирях дар масоҳати 8476 км.кв, зиёда аз 1400 кӯли гуногунҳаҷм, даҳҳо ҳазор чашма-оби одию маъданӣ ва обанборҳои зиёд дорад.

Дар кишварамон дарёҳои Сир, Вахш, Зарафшон, Кофарниҳон, Панҷ, Сурхоб ҷорӣ мешавад, ки на танҳо Тоҷикистон, балки мамлакатҳои ҳамсоя – Ӯзбекистон ва Туркманистонро шодоб менамоянд.

Дар китоби муқаддаси «Авесто» об чун яке аз чаҳор унсури ҳаётан муҳимми табиат – оташ, хок ва ҳаво номбар шудааст. Об муъҷизаи ҳаёт аст ва табиат сокинони ноҳияи Балҷувонро аз ин муъҷиза сероб гардонидааст. Дар ноҳия манбаъҳои зиёди ин неъмати бебаҳои табиӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, 200 чашма, рӯдҳои Дашти Ангора, Дароз Питов, Шикилдара, Шингидара, Гандара, Шибдара, Шӯрак, Сафедак, Булғурӣ, Шӯроб, Хорма, Рӯи об, дарёҳои Сурхоб, Тира, Оби-Мазор, Талхак, Шаршараи Пушти Боғ, Шаршараи Камолӣ, Шаршараи Сафедов, чашмаҳои шифобахши Оби гӯгирди Султон Увайсӣ, Қалъанақ, Булғурӣ,

Оби Гӯр, Оби шулук, Касҳо, Ҳибил, Дарахти азимҷуссаи Шинг (дехаи Шингидара),Ҷувоз Чинор (дехаи Даштарҳо) ва ғайраҳо.

Умедворем, ки олимони соҳаи тиб ин чашмаҳоро аз назари илмӣ омӯхта, ба онҳо баҳои муносиб медиҳанд.

Сарвари давлатамон ҳамеша таъкид мекунанд, ки ба қадри оби ошомиданӣ расем, чунки на дар ҳама кишвару давлатҳо ба монанди Тоҷикистон оби тоза фаровон аст. Аз нарасидани оби ошомиданӣ дар кураи замин садҳо ҳазор тифлон ба бемориҳои гуногун гирифтор шуда, ҳалок мегарданд.

Масъалаи истифодаи самараноки захираҳои об аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, маҳз бо ташаббуси Сарвари давлатамон Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028»-ро қабул намуд, ки сокинони олам ин таклифро якдилона дастгирӣ карданд.

Балҷувон дорои сарватҳои зеризаминии зиёд мебошад. Ангиштсанг, нафт, газ, руҳ, сурб ва сарватҳои зиёди дигаре интизори кашф кардан ҳастанд.

Табиати Балҷувон сирҳои зиёди ногуфта дорад.

Дар талу теппаҳои Балҷувон асосан рустаниҳои шифоию ғизоӣ, ки хоси даштҳои кӯҳӣ буда, барои инсон як боигарии беҳамто аст, месабзанд: рустаниҳои дорӯӣ (145 навъ), асаловар (47 навъ), ғизоӣ (107 навъ).

Мехоҳам дар бораи баъзе аз набоот ва ҳайвоноте, ки табиат ба мардуми Балҷувон арзонӣ додааст, хонандаи азиз каме маълумот дошта бошад.

Дар бахши гиёҳҳо ва ҳайвонот маводҳо аз китоби «Сари Хосор (тавсифи табиӣ-географӣ, сохти геологӣ, ҳолати сейсмикӣ, гуногунии биологӣ, захираҳои обӣ, вазъи радиатсионӣ)». – Душанбе: Дониш, 2018, истифода шудааст. Табиати дар ин китоб инъикосёфта, дар дигар мавзеъҳои ноҳияи Балҷувон низ дучор мегарданд.

## Гиёҳҳои шифобахш

Дар ҳудуди Тоҷикистон беш аз 2500 намуди растаниҳои худрӯйи шифобахш месабзанд. Аз сабаби омӯзиши нопурра ҳанӯз намудҳои гуногуни растаниҳои шифобахш дар тибби имрӯза мавриди истифода қарор нагирифтаанд.

Аз лиҳози гуногунии намуди растаниҳои шифобахш ва захираҳои табиии онҳо мавзеи Сари Хосори ноҳияи Балҷувон минтақаи хеле муҳими табиӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин мавзеъ беш аз 200 намудии растаниҳои шифобахш ба қайд гирифта шудааст. Аксар намудҳои растаниҳои шифобахши ин мавзеъ аз рӯйи таҷрибаи амалию анъанаҳои тибби халқӣ аз ҷониби мардуми маҳал барои табобати маризиҳои гуногун васеъ истифода бурда мешаванд. Дар байни растаниҳои шифобахш аз рӯйи гуногуннамудӣ намояндагони оилаҳои лабгулон (Lamiaceae), чатргулон (Apiacaea), мураккабгулон (Asteraceae) ва настарониҳо (Rosaceae) мавқеи хоссаро ишғол менамоянд.

### Ангат - *Hippophae rhamnoides*

Буттаи сершохи хордор буда, ба оилаи санҷидиҳо (Elaeagnaceae) мансуб мебошад. Аз 3 то 11 м қад мекашад. Баргҳои нештаршакли рахдор дошта, 2.5-3 см дарозӣ доранд. Меваи донакдори он гирд буда, диаметраш то ба 0,5 см мерасад. Моҳҳои апрел-май гул мекунад. Моҳҳои сентябр-октябр меваш пӯхта мерасад. Дар соҳили дарёҳои минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон сабзиш мекунанд. Дар қитъаҳои ҷудогонаи соҳилҳои Шӯробдарёи мавзеи Сари Хосор ангат ҷангалзорҳои анбӯҳро ба вуҷуд овардааст. Меваи сершираи ангат дар таркиби худ 10-12% равған дошта, аз маҷмӯи витаминҳои B, C, E, кислотаҳои органикӣ мебошад ва барои тайёр намудани доруворӣ истифода бурда мешавад. Аз дарахти ҷудогонаи ангат аз 5 то 10 кг ҳосил ҷамъоварӣ намудан мумкин аст. Ангат бо ху-

сусиятҳои муолиҷавии худ дар тибби халқӣ ва муосир машҳур аст. Нӯшобаи меваи тару тозаи аз ангат тайёр кардашуда фаъолияти узвҳои ҳозимаро ба эътидол оварда, маризии захми меъдаро шифо мебахшад. Равғани ангат пӯстро маҳин мегардонад ва воситаи таъсирбахшест барои дармони ҷароҳатҳои бадан.

**Чойкаҳак –*Hypericum perforatum***



Растании бисёрсолаи алафӣ буда, ба оилаи чойкаҳакгулон (Hypericaceae) дохил мешавад. Баландии пояи ин растанӣ ба 90-100 см мерасад. Пояҳои рости бисёр дошта, рангаш сабз мебошад. Баргҳои нӯгтези ҳамвор дорад. Гулҳояш зарди тиллоӣ буда, аз боло онҳоро доғҳои сиёҳи ғадуддор пӯшонидааст.

Меваи дарозрӯя дорад. Тухмҳояш то 1 мм дарозӣ доранд. Асосан, дар марғзор, канори роҳ ва нишебиҳои гуногуни офтобшин месабзад. Барои муолиҷа қисми рӯйизаминии растаниро дар давраи гулкунӣ истифода мебаранд. Чойкаҳак дар таркибаш равғанҳои эфирӣ, моддаҳои даббоғӣ, в-ситостерин, витаминҳои С, В, Е, флавоноидҳо ва дигар моддаҳои фаъоли биологӣ дорад. Обҷӯши растанӣ барои муолиҷаи бемориҳои меъдаю рӯда, дарди сар, бехобӣ ва бемориҳои шуш васеъ истифода бурда мешавад.

**Пудина - *Mentha asiatica***

Растании бисёрсолаи алафӣ буда, ба оилаи лабгулон (Lamiaceae) дохил мешавад. Баландии пояи растанӣ то 150 см мерасад. Растании сершоха буда, шохаҳояш рост мебошанд. Баргҳои дарозрӯяи нештаршакл дорад. Хӯшагул 2-8

см дарозӣ дошта, зич мебошад. Дар тахачзор, сиёҳчангал, ҷангалзори нимсаваннаҳои калоналаф, соҳили дарёҳо месабзад. Растании равғани эфирдор буда, дар тиб барои муолиҷаи каса лиҳои шуш ва ҷигар истифода бурда мешавад.



**Бӯзбош - *Nepeta podostachys***



Растании бисёрсолаи алафӣ буда, ба оилаи лабгулон (Lamiaceae) мансуб аст. Пояи рости сершоха дошта, баландиаш то ба 70 см мерасад. Баргҳо то 2.5 см дарозӣ ва дарозрӯяи нӯгтез мебошанд. Тӯдагули хӯшамонанди дароз дорад. Донаки он лучи тухмшакл буда, то 1.8 мм дарозӣ дорад. Тиррешааш ба монанди чӯби тобхӯрда мебошад. Қисми рӯйизаминии растанӣ 0.15% крахмал, 12% сафеда, 3.8% равған ва 0.04% равғани эфирӣ дорад. Бӯзбош барои муолиҷаи бемориҳои камхунӣ, камиштиҳоӣ, дарди сар, муътадил намудани фаъолияти кори дил, ҳамчун воситаи оромкунандаи системаи асаб истифода бурда мешавад.

**Субинак (кокутӣ) - *Origanum tyttanthum***

Растании бисёрсола буда, ба оилаи лабгулон (Lamiaceae) дохил мешавад. Пояҳои рости сершохаи мӯякчадор дошта, 30-80 см дарозӣ доранд. Баргҳо эллипсшакл ё дарозрӯя, нӯгтез, қариб луч мебошанд ва аз ҳар ду тараф

ғадудчаҳо доранд. Барг 2.5-3 см дарозӣ дорад. Тӯдагули хӯшачаи мураккаб дошта, 10-30 см дарозӣ дорад. Баргаки зери гул мӯякчадор ё луч мебошад ва шакли эллиптикӣ дорад. Косача 2.5-3 мм дарозӣ дорад. Тоҷгул ранги сафед ё гулобии тира дорад. Донакаш луч буда, ранги ҷигарии сиёҳ дорад.

Дар қисми рӯйизаминии субинак 6.9% протеин, 5.6% сафеда, 3.9% равған ва 3,7 мг каротин мавҷуд аст. Барои муолиҷа қисми рӯйизаминии растаниро истифода мебаранд. Субинак барои муолиҷаи сулфа, тақвияти иштиҳо, пешобронӣ, инчунин, барои муолиҷаи касалии саръ, захми меъда ва бемориҳои занона истифода бурда мешавад.

### Ҷамбилак - *Ziziphora brevicalyx*

Растании нимбуттача буда, ба оилаи лабгулон (Lamiaceae) дохил мешавад. Пояи сершумори мӯякчадор дорад.



Баргҳо тухмшакл буда, 1.8 см дарозӣ доранд. Гулҳо ранги гулобӣ, дошта, дар тӯдагули саракмонанд ҷамъ шудаанд. Мевааш донакдор буда, тухмшакли дарозрӯяи лучи суфта мебошад ва ранги бури равшан дорад. Дар ҷойҳои сангреғазамин, нимсаваннаҳо ва даштҳо мерӯяд. Қисми рӯйизаминии растанӣ 1% равғани эфирӣ мавҷуд аст, ки аз пулегон, ментол, витамини С, каротин, алколоидҳо, гликозидҳо ва кислотаҳо иборат аст. Ҷамбилак барои муолиҷаи пешобравӣ, тақвият бахшидани иштиҳо васеъ истифода бурда мешавад. Ҷӯшобаи ин растанӣ фаъолияти кори дилро муътадил менамояд ва ҳамчун воситаи оромкунандаи асаб истифода бурда мешавад.

**Чачрақӣ (коснӣ) - *Cichorium intybus***



Растании бисёрсолаи алафӣ буда, ба оилаи мураккабгулон (Asteraceae) дохил мешавад. Пояи рости сершоха дошта, баландии он 1.5 м-ро ташкил медиҳад. Баргҳои паршакли дароз дорад. Гулҳояш дуҷинса буда, ранги кабуд доранд. Тухмаш дарозрӯяи се ё панҷгӯша мебошад. Дар лаби ҷӯйбору дарёҳо, заминҳои бекорхобида, қад-қади роҳҳо мерӯяд.

Дар таркиби қисмати рӯйизаминии растанӣ инулин, сафеда, қанд ва пектин мавҷуд аст. Чачрақӣ барои муолиҷаи бемориҳои касалиҳои ҷигар ва қувват бахшидани фаъолияти дилу меъда васеъ истифода бурда мешавад. Обҷӯши решаи он ба беморони гирифтори зардпарвин тавсия карда мешавад.

**Бӯймодарон - *Achillea filipendulina***



Растании бисёрсолаи алафӣ буда, ба оилаи мураккабгулон (Asteracea) дохил мешавад. Пояаш сершохаи рости он то 120 см дарозӣ дорад. Баргҳо мӯякчадори ғадуддор мешаванд ва то 40 см дарозӣ доранд. Гул дар сабадча ҷойгир буда, сершумор мебошад. Гулгоҳ силиндршакл ва аз баргакҳои назди гул кӯтоҳтар мебошанд. Гулҳои забончашакл ранги зарди равшан ва найчагулҳо ранги зард доранд. Тухми ин растанӣ 1.5-2 мм дарозӣ до-

шта, сиёҳи хокистарранг мебошад. Решаи чӯбшуда дорад. Дар таркиби бӯймодарон монова сексвитерпеноидҳо, стероидҳо, каротиноидҳо, фенилпропаноидҳо, кумарин ва дигар моддаҳо мавҷуд аст. Дар тиб қисми рӯйизаминӣ растаниро дар давраи гулкунӣ истифода бурда мешавад. Бӯймодарон барои муолиҷаи бемориҳои пешобравӣ истифода бурда мешавад, хусусиятҳои зиддимикробӣ ва зиддизанбурӯғӣ дорад.

**Явшон - *Artemisia persica***



Растании бисёрсолаи алафӣ ё нимбуттагӣ буда, ба оилаи мураккабгулон (Asteraceae) дохил мешавад. Пояи хокистарранги сабзи пашмакдор дошта, баландии он 25-70 см ташкил медиҳад. Пояҳои рости сербарг дошта, қисми поёнии пояш луч мебошад. Баргҳои поя тухмшакл буда, 3.5 см дарозӣ доранд ва думчакӯтоҳ мебошанд. Гулҳояш дар сабадаки нимдоираи думчакӯтоҳ ҷойгир мебошад ва 3-5 мм диаметр доранд. Тоҷгули қифмонанд ва гулҳои найчашакли борик дорад.

Гулҳои паҳлӯии занона миқдоран кам буда, гулҳои мобайнӣ бешумор мебошанд. Тухмаш дарозрӯяи зардтоби сиёҳ мебошад. Тиррешаи ғафс дорад. Дар нимсаваннаҳои калоналаф, биёбонҳои баландкӯҳ ва камолзор месабзад.

Таркиби химиявии барг, гул ва решай явшон аз моддаҳои (Z)-OKCUMeHOH (39.6%), аскаридол (16.0%), а-терпинен (10.0%), гидрати сис-сабинҳо (38.8%), терпинолен (13.3%), этил-2-нониноат (24.4%) ва в-седрен-9-он (76.7%) иборат аст.

**Зелол, зирк - *Berberis heterobotrys***



Растании буттагӣ буда, ба оилаи зелолиҳо (erberidaceae) дохил мешавад. Баландии пояи растанӣ 3-3.5 метрро ташкил медиҳад. Пояҳои пир ранги ҷигарии бунафш, шохаҳои ҷавон бошад, ранги ҷигарӣ ва ҷигарии сурхранг доранд. Дар пӯсти пояи ин растанӣ хорҳои 3-қира ва 7-қира ташаккул меёбанд, ки пайдоиши баргӣ доранд. Баргҳояш шакли гирд ё тухмшакли чаппа дошта, нӯгҳояшон хордор мебошанд. Гулҳо ба миқдори 9-40 адад дар хӯшачаи овезон ҷамъ шудаанд. Меваҳо дар давраи пӯхта расидан ранги сиёҳро мегиранд. Шакли мева гирд ё тухмшакл мебошад. Дар сиёҳҷангалҳо ва арчазорҳо паҳн шуда, дар баъзе мавзеъҳо гурӯҳҳои алоҳидаро ба вуҷуд меорад.

Дар таркиби меваи зелол сахароза ва туршии аскорбин зиёд мебошад. Дар тибби халқӣ обҷӯши меваи зелолро барои муолиҷаи бемориҳои пӯст, шамолхурӣ, захми пӯст ва ревматизм васеъ истифода мебаранд. Аз решаи зелол қиёме тайёр менамоянд, ки бо номи "қиёми зелол" машҳур аст. Қиёми зелол сабзиши устухони шикастаро метезонад, латхӯрӣ ва баромадани устухонҳоро дармон мебахшад. Таъсири хусусиятҳои шифоии қиёми зелолро мардуми кӯҳистон баробари мумиёи асил медонанд.

**Зира - *Bunium persicum***

Растании алафии бисёрсола буда, ба оилаи чатргулон (Apiaceae) дохил мешавад. Пояи лучи сершохаи он 3060 см дарозӣ дорад. Чатраш то 15 см диаметр дошта, аз 13 то



33 шохчаи мевадор иборат аст. Гулбаргҳо секунҷа мебошанд. Мева бӯйи махсуси тез дошта, аз думчаи мева 3-4 маротиба кӯтоҳтар мебошад. Дар байни арчазор, бодому пистазор, камол ва юғанзор месабзад. Меваи пухтарасидаи хушкшуда то 3% ва қисми рӯйизаминии растанӣ то 0.24% равғани эфирӣ доранд. Меваи зира дар тибби мардумӣ барои муолиҷаи бемориҳои меъда ва ҳамчун воситаи пешобронӣ истифода бурда мешавад.

Меваи зираро дар ғизоҳои серравған (шурбо, ош, манту ва ғ.) ҳамроҳ менамоянд. Равғанҳои эфирии таркиби меваи зира ғизоҳои серравғанро ба хубӣ ҳазм менамоянд.

Дар мавзеи Сари Хосори ноҳияи Балҷувон 20 намуди набототи нодире вомехӯранд, ки ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) дохил карда шудаанд. Ба ин гурӯҳ авлодҳои гули лола (Tulipa), сечук (Eremurus), сиёҳгӯш (Juno), савсан (Iris), пиёз (Allium) ва ғ. мансуб мебошанд. Ҷамоаи ин намудҳо дар масоҳати хеле маҳдуд боқӣ мондааст. Аз худ намудани мавзеъҳои рушд, чаронидани чорво, ҷамъоварии растаниҳои доруворӣ, ороишӣ ва ғизоӣ сабабҳои асосии маҳдуд гардидани масоҳати ҷамоаи набототи нодир ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, масъалаи омузишу зиёд намудани ин намудҳо аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Растаниҳои нодир ва дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордошта дар ҷамоаҳои чормағззор, себзор, арчазор, фаркзор ва миёни заминҳои камдарахти сангреғазамин месабзанд. Сабаби дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарор ги-

рифтани ин растаниҳо барвақт чидани гули онҳо мебошад. Дар натиҷаи ҷамъоварии гули онҳо пиёзаки дар зери хок бебаргу поя мондаи ин растаниҳо қобилияти захира кардани моддаҳои лозимаро гум мекунанд ва солҳои оянда маҳв мегарданд.

Баъзе растаниҳо (пиёзи анзур, гӯши бузак, модел ва ғ.) ҳамчун растаниҳои ғизоӣ дар фасли баҳор ҷамъоварӣ карда мешаванд. Зира ба пуррагӣ ҷамъоварӣ карда мешавад ва минбаъд аз тухм сабзиш кардани он аз байн меравад.

**Лолаи бедоғ - Tulipa praestans**



Лолаи бедоғ яке аз растаниҳои эндемикии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ба оилаи занбақгулон (Liliaceae) дохил мешавад. Дар қисмати марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар нишебии кӯҳҳо, дар байни дарахту буттаҳо ва гиёҳҳо дар баландии 1000 то 2500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд.

Лолаи бедоғ ранги сурхи равшани зебо дошта, дар ҳолати шукуфонӣ шакли пиёларо дорад. Дар табиат дар як пояи ин растанӣ аз 1 то 3 гул вомехӯрад. Аз дигар лолаҳо бо он фарқ мекунад, ки дохили косагулаш доғ надорад. Дарозии гулбаргҳояш 5-7 см ва паҳноиашон 2.5-3.5 см ташкил медиҳад. Дар табиат пиёзаки он дар чуқурии 30-40 ва ҳатто 50 см ҷой мегирад. Пиёзак ҳар сол то 0,5 см дар хок чуқур медарояд.

Сабаби асосии нобудшавии лолаи бедоғ ҷамъоварии бенизоми гулу пиёзак ва чаронидани чорво дар давраи гулкунии он мебошад. Аҳаммияти лолаи бедоғ дар мувозина-

ти экологӣ муҳим буда, ҳусни табиатро зебо мегардонад. Барои ба вуҷуд овардани лолаҳои ороишӣ дар селексия низ аҳаммияти калон дорад.

Ба мақсади аз маҳвшавӣ нигоҳ доштани лолаи бедоғ ҷамъоварии гул ва пиёзаки онро манъ намуда, дар мавзеъҳои рушди он бояд чорво чаронида нашавад.

### Лолаи саҳро - *Tulipa tubergeniana*



Лолаи саҳро дар Тоҷикистони Ҷанубӣ дар адирҳо ва теппаҳои сергил, байни растаниҳои эфемерӣ ва дар миёнакӯҳҳо дар байни дарахтони писта ва бодом дар баландии 400 то 1600 м аз сатҳи баҳр мерӯяд.

Лолаи саҳро ба оилаи занбақгулон (Liliaceae) дохил мешавад. Гулҳояш тоқ буда, 8-9 см дарозӣ доранд. Гулбаргҳо нӯги тез дошта, рангашон сурх мебошад. Дар дохили гул доғи сиёҳ бо ҳошияи ранги зард мавҷуд аст. Гарддонҳо ранги бунафши паст доранд. Пояш 15-30 см баландӣ дошта, миқдори баргҳо дар поя 3-4-то мебошанд.

Лолаи саҳро намуди нодир буда, мавзеъҳои рушди он, сол аз сол маҳдуд мегардад. Аз худ гардидани мавзеъҳои рушд, чаронидани чорво, чидани гул ва пиёзакҳо сабабҳои асосии нодир гардидани лолаи саҳро мебошанд.

### Сиёҳгӯш- *Juno nicolai*

Сиёҳгӯш дар қисмати ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон паҳн гардида, ба оилаи савсангулон (Iridaceae) дохил мешавад. Дар доманакӯҳҳо ва каторкӯҳҳо дар баландии 900 то 2000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд.

Сиёҳгӯш гули аввали баҳор буда, зебост ва бӯйи латиф

дорад. Дар ҳар растанӣ, аз 1 то 3 гул мешукуфад. Дарозии гул 12-14 см буда, найчаи пояш хокистарранг ва гулаш бунафш аст. Баргҳояш дар як вақт бо гулҳо ё ин ки каме дертар месабзанд ва ҳангоми гулкунӣ аз гулҳо кӯтоҳтар мешаванд.



Дар солҳои охир мавзеъҳои рушди сиёҳгӯш дар табиат хеле маҳдуд гардидааст. Сабаби камшумор гардидани он аз ҳад зиёд чидани гулу пиёзакҳо ва чаронидани чорво мебошад.

**Сичбаҳор, севчук - *Eremurus aitchisonii***



Дар Тоҷикистон бисёр васеъ паҳн шудааст ва ба оилаи занбақгулон (Liliaceae) дохил мешавад. Дар миёнакӯҳҳо ва баландкӯҳҳо, дар ҷойҳои кушод, байни дарахту буттаҳо, дар баландии аз 1600 то 3000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд.

Баландии растанӣ то 2 м мерасад. Баргҳои сабзи равшан, калони найзамонанд, луч, 50-65 см дарозӣ ва 6-8 см паҳноӣ дорад.

Сичбаҳор растании зебо буда, аз нимаи моҳи апрел то нимаи моҳи май гул мекунад. Тухмҳояш дар моҳи июн мепазанд.

Дар шароити табиӣ, дар кӯҳҳо сичбаҳор моҳҳои май-июн гул мекунад. Аз сабаби маҳдуд гардидани минтақаҳои паҳншавӣ ба гурӯҳи растаниҳои нодир дохил кар-

да шудааст. Аз ин лиҳоз, ин гули зеборо ҳимоя ва минтақаи рушди онро аз чаронидани чорво ҳифз намудан зарур аст.

**Ҳолмон - Petilium eduardii**



Дар мавзеъҳои сиёҳчангал ва арчазори Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст. Ба оилаи занбақгулон (Liliaceae) дохил мешавад. Дар чангалзори кӯҳӣ дар байни дарахтону буттаҳо, ҷойҳои камзамин, баъзан дар ҷойҳои кушод дар байни алафу гиёҳҳо, дар нишебиҳои қисмати шимолӣ, дар баландии 1200 то 2600 м аз сатҳи баҳр месабзад.

Ҳолмон растании пиёзакдор буда, гулҳои калон, қутраш 8-10 см дарозӣ дорад, шакли зангӯламонанди хамида дорад. Дар хӯшагули чатрмонанди он аз 5 то 15 дона гул мерӯяд. Ранги гулбаргҳо дар растанӣ гуногун ва рангоранг буда, аз сурху норинҷӣ то зарди пасти гулобиранг мешавад. Баландии растанӣ 60-90 см аст.

Ҷамоаи ҳолмон дар табиат сол аз сол маҳдуд мегардад. Сабаби маҳдуд гардидани мавзеъҳои рушди растанӣ аз ҳад зиёд чидани гулҳо бо пиёзак мебошад. Буридани дарахтону буттаҳо низ сабаби кам гардидани ҳолмон мегардад, чунки ин растанӣ одатан дар зери сояи онҳо хуб нашъунамо менамояд.

**Пиёзи анзур - *Allium stipitatum***

Дар Тоҷикистон дар ҷойҳои камзамин ва нишебиҳои санглох дар баландии аз 1200 то 3000 м аз сатҳи баҳр васеъ паҳн гардидааст.



Пиёзи анзур растании ғизоӣ ва ороишӣ буда, ба оилаи пиёзгулон (Alliaceae) дохил мешавад. Гулпояи баланд дорад ва чатргулҳои калон 14-16 см дарозӣ доранд. Дар гултоҷ гулҳои зиёди бунафши торики ситорашакл дошта, миқдори гулҳо дар гултоҷ то ба 300-350 дона мерасад. Гулпоя 120-150 см баландӣ дошта, ҳамвор, ранги сабзи торик дорад. Ҳамаи баргҳо наздирешагӣ буда, тасмашакл ва қисматҳои боло ва поёнашон серпат мебошанд, то 30-40 см дарозӣ ва 5-7 см паҳноӣ доранд. Тухмҳо сиёҳранг ва ноҳамвор буда, дар 1 г то 115 донаро ташкил медиҳанд.

Мушоҳидаҳои сершуморе, ки солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни паҳншавии пиёзи анзур гузаронида шудаанд, нишон медиҳанд, ки қариб дар ҳамаи мавзеъҳои рушд шумораи он хеле коҳиш ёфтааст ва дар баъзе ҷойҳо ба ҳадди нестӣ расидааст.

Пиёзи анзурро ҳар сол барои консерва намудан ҷамъоварӣ менамоянд, вале кишти он то ҳол ба роҳ монда нашудааст. Ин растанӣ манбаи ғизоӣ барои ҳайвоноти ваҳшӣ дар фасли тирамоҳ ва зимистон ба шумор меравад.

**Олами ҳайвоноти ноҳия**

Дар сохтори экосистемаҳои ноҳияи Балҷувон ҷангалзори паҳнбарг мавқеи хосаро ишғол менамояд. Ин навъи ҷангал дар худ даҳҳо намуди дарахту буттаҳо ва гиёҳҳоро муттаҳид месозад, ки дар робитаи мутақобила сабзиш менамоянд. Дар ҷамоаи ҷангалзори паҳнбарги мавзеи Сари Хосор дарахтони заранг, чормағзу шулаш ва чинор мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Тавассути ҷангалзори паҳнбарг микроиқлими хоса фароҳам мегардад. Ҷангалзори

паҳнбарг муҳити хосаи зист барои садҳо намуди ҳайвонот ба ҳисоб мераванд.

Рӯйхати олами ҳайвонот ноҳияи Балҷувон беш аз 2000 намуди ҳашарот, 4 намуди моҳиҳо, 24 намуди хазандагон, 130 намуди парандагон ва 23 намуди ширхӯронро дар бар мегирад. Дар ин мавзеъ 31 намуди ҳайвонот дучор мешаванд, ки ба Китоби сурхи Тоҷикистон дохил шудаанд.

**Синфи парандагон**

Дар ин мавзеъ 84 намуди парандагон, аз ҷумла 9 намуд парандагони муқимӣ, 12 намуд парандагони кӯчанда, 18 намуд парандагони мавсимии лонагузор, 42 намуд парандагони мавсимӣ ва 3 намуд парандагони эҳтимолан аз дигар ҷой ба ин мавзеъ парвозкунанда ба қайд гирифта шудааст. Намудҳои хоси парандагон дар соҳили дарёҳои кӯҳӣ ва резишгоҳи онҳо, ки аз растаниҳои буттагӣ таркиб ёфтаанд, маскан мегиранд. Ба ин гурӯҳи парандагон ҷури обии хокистаранг, ҷури обии шикамсафед, мусичаи калон, зоғобӣ, дурроҷи сиёҳ, чархресак, сангобдаваки сафед, саноғобдаваки кӯҳӣ, шилмуш, пашшахӯраки хокистарранг, шарафаки валвала, саъбаи сарсафед, фароштуруки харсангӣ, чарғи думдароз мансуб мебошанд.

Дар қитъаҳои аз харсангҳо ва сангрезаҳо таркиб ёфта дурроҷи алои сангӣ, дурроҷи кабуди сангӣ, чирраки кӯҳӣ, кабӯтари харсангӣ, кабӯтари кабуд, буми калон маскан мегиранд.

Ҳамчунин дар ин мавзеъ паррандагони мисли дурроҷи холдор, дурроҷи сиёҳҷоғар, эзорсурхаки сафедбол, акка, булутбинии арчагӣ, шонасарак, заргулдор, мусичаи калон, харкафтар, кийигуй (чеглок), бедона, булбул, дуроҷи сиёҳ, уқоби пакана дида мешаванд.

**Шоҳин - *Falco peregrinoides***

Парандаи нодири лонагузор буда, бештар дар ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон вомехӯрад. Ба рӯйхати



намудҳои нодир ва дар зери таҳдиди маҳвшавӣ ва қарордоштаи парандагони Тоҷикистон ворид карда шудааст. Дар байни харсангҳо лона мегузорад. Намуди нодир буда, дар ҳудуди ин мавзеъ 2-3 ҷуфти он ба қайд гирифта шудааст. Аз парандагони андозаашон хурд ва миёна, аз ҷумла кабк ғизо мегирад. Хояндагони хурдро низ ҳамчун туъма истифода мебарад. Ҷуфти доимӣ ташкил мекунад. Аз 3 то 5 тухм мегузорад. Дар моҳи август чӯҷаҳо бол пайдо мекунанд. Баробари оғози сардии ҳаво дар ҳамвориҳо парандагони кӯчандаро сайд мекунад. Як лонаи шоҳин дар мавзеи Сари Хосор дар харсангҳои атрофи деҳаи Дашти Ангаро дарёфт карда шуд. Лонаи шоҳинро бештар ғуруқшиканҳо бо мақсади ба даст овардани чӯҷаҳои он вайрон мекунанд.

**Булбули туркистонии ғарбӣ - *Luscini megazhyncha***

Ин намуд паҳншавии васеъ дошта, ба ғайр аз Помир дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон вомехӯрад. Парандаи хушхон буда, барои он тарзи ҳаёти пинҳонӣ хос аст. Бештар дар водии дарёҳои аз анбӯҳи буттаҳою дарахтон таркиб ёфта, маскан мегирад. Парандаи мавсимии лонагузор мебошад. Дар нимаи дуюми моҳи апрел парвози булбул ба мавзеъҳои лонагузорӣ оғоз мегардад. Ҷинсҳои модина аз 3 то 5 тухм мегузоранд. Парвози чӯҷаҳо дар охири моҳи июн-июл ба қайд гирифта шудааст.

Парвози тирамоҳӣ дар моҳи сентябр мушоҳида мегардад. Парандаи ҳашаротхӯр мебошад. Дар давраи афзоиш наринаҳои булбул тамоми шабонарӯз нағмасароӣ мекунанд.

**Шилмуш - *Garullax lineatus bilkevitchi***



Парандаи васеъ паҳнгардида буда, андозаи баданаш ба андозаи бадани соч баробар аст. Бидуни Помир шилмуш дар ҳама минтақаҳои дигари Тоҷикистон вомехӯрад. Парандаи муқимии нодир буда, ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Дар минтақаҳои ҷангалӣ ва буттазорҳо дучор меояд. Парандаи хушхон мебошад. Дар буттазори зич ва дарахтони қадпаст лона месозад. Ҷинсҳои модина аз 3 то 5 тухм мегузоранд. Ҷуфти доимӣ ташкил мекунад. Дар давоми сол то 2 маротиба тухм мегузорад.

Дар мавсими сармо кӯчиши амудӣ зоҳир менамояд. Ҷуфти доимӣ ташкил медиҳад. Аз растаниҳо ва ҳашарот ғизо мегирад.

**Заргулдори ҳиндӣ - *Otiolus oriolus***



Дар Тоҷикистон парандаи васеъ паҳнгардида буда, ба ғайр аз Помир дар ҳама минтақаҳои дигар вомехӯрад. Бо ранги зарди ҷилодор аз парандагони дигар фарқ мекунад. Дар ҷангалзори паҳнбарг, боғҳо, баъзан дар дарахтзори назди маҳалҳои аҳолинишин маскан мегирад.

Парандаи ҳашаротхӯр буда, рӯзона фаъол мебошад. Ҷуфти доимӣ ташкил медиҳад. Дар оғози моҳи май парида меояд.

Барои зимистонгузаронӣ дар моҳҳои август-сентябр омодагӣ мегирад. Дар Ҳиндустон зимистонро сипарӣ мекунад.

Аз 2 то 4 тухм мегузорад. Чӯҷаҳоро ҷинсҳои модина ва нарина якҷоя бо ғизо таъмин мекунанд. Дар охири моҳҳои июл ва август чӯҷаҳо қанот пайдо мекунанд. Парандаи фоидарасон буда, кирмина ва гамбусакҳои зараррасони дарахтонро нобуд мекунад.

### Кабк - *Alectoris kakelik*



Ба қатори мурғмонандҳо ва оилаи тазарвҳо мансуб мебошад. Дар баландиҳои зиёда аз 1200 метр аз сатҳи баҳр вомехӯрад.

Вазни кабк аз 300 то 700 г, баъзан то ба 900 г мерасад. Дар шароити табиӣ дар макони сукунат ҷуфт-ҷуфт ва селаро ба вуҷуд меорад.

Барои лонагузорӣ кабк муҳити сангзор, харсангҳо, минтақаҳои бо растаниҳои буттагӣ фаро гирифташударо интихоб менамояд. Ҳангоми талаф ёфтани лона дуюмбора лона мегузорад. Дар шароити табиӣ дар як сол як маротиба аз 7 то 22 тухм мегузорад, ки вазни онҳо 19-24 граммро ташкил медиҳанд. Мавсими тухмгузорӣ ба даҳаи дуюми моҳи апрел рост меояд.

Вобаста ба мавсими сол таркиби ғизои кабк тағйир меёбад. Дар баҳор ва тобистон аз барг, гул, ғуҷуммева, поя ва гули себарга, растаниҳои лӯбиёгӣ, тухми растаниҳои эфемерӣ ва ҳашарот ғизо мегирад. Тирамоҳ таркиби ғизоии кабкро тухму растаниҳои гуногуни худрӯй ва кирминаи ҳашарот ташкил медиҳанд. Баъди боридани барф кабк аз меваи санҷид, ангат, настаран ва ғ. ғизо мегирад.

Парандаи муқимӣ буда, кӯчиши мавсимии амудӣ зоҳир менамояд. Душманони асосии кабк парандагони соҳибчангол, рӯбоҳ ва мири мушон ба шумор мераванд.

**Харкафтар - *Columba palumbus casiotis***



Ба қатори кабӯтаршаклон, оилаи кабӯтарҳо мансуб аст. Дар қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Дарвоз, водии дарёҳои Кусавлисой, Хоҷаи Дуг, Оқтангӣ, болооби дарёҳои Исфара, Зарафшон ва водии Вахш вомехӯрад.

Дар ҳудуди Тоҷикистон харкафтар парандаи лонагузор буда, ҷойҳои лонагузории он баландиҳои аз 1200 то 3100 м аз сатҳи баҳрро дар бар мегиранд.

Дар моҳи май лона мегузорад. То 2 тухм мегузорад. Вобаста ба муҳити зист, таркиби ғизои харкафтарро барг ва меваҳои марминҷон, олучаи ёбоӣ, тут ва ғ. ташкил медиҳанд.

Душмани табиии харкафтар парандагони соҳибчангол мебошанд. Намуди шикорӣ буда, зимистон ба минтақаҳои гарм кӯчиш мекунад.

**Мусичаи калони кӯҳӣ - *Columba orientalis meena***

Ба қатори кабӯтаршаклон ва оилаи кабутарҳо мансуб аст. Дар Тоҷикистон дар ҳудуди қаторкӯҳҳои Зарафшон, Ҳисору Қаротегин, Вахш ва Дарвоз, болооби дарёҳои Исфара, Зарафшон, Вахш ва водиҳои дарёҳои Ванҷ, Бартанг, Вахон Шуғнон вомехӯрад.

Парандаи лонагузор ба ҳисоб меравад. Дар охири моҳи

март ба мавзеъҳои лонагузорӣ парида омада, арчазори омехта иборат аз дарахтони фарк, чормағз ва арчаро интихоб менамояд. Баъзан дар боғҳои наздикии деҳаҳои кӯҳӣ сукунат меёбад. Моҳҳои май-июн афзоиш мекунад. Дар давоми сол як маротиба ду дона тухм мегузорад. Дар тарбияи насл ҳар ду ҷинс, фаъолона иштирок мекунанд.

Таркиби ғизои мусичаи калони кӯҳиро кирмина, зочаи парвонаҳо, меваи олуи ҷангалӣ, хуч, зелол, гандум, нахӯд ва ғ. ташкил медиҳанд. Душманони табиии мусичаи калони кӯҳӣ, бургут, уқоби пакана ва шоҳин мебошанд.

**Товусаки биҳиштӣ - *Terpsiphone paradisi leucogaster***



Ба қатори гунҷишкшаклон ва оилаи пашшахӯракҳо мансуб мебошад. Дар қаторкӯҳи Туркистон, водии дарёи Зарафшон, нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор, Дарвоз, Қаротегин, Пётри I, Қаратов, Ҳазратишоҳ ва Оқтов, дар байни анбӯҳи буттаву дарахтзори паҳнбарги дараҳои кӯҳӣ вомехӯрад. Парандаи мавсимии лонагузор мебошад. Аз охирҳои моҳи апрел то миёнаи моҳи май парвоз карда меояд. Моҳи август- сентябр кӯчиш мекунад. Охирҳои моҳи май ва аввалҳои моҳи июн 4-5 тухм мегузорад, ки аз онҳо охирҳои моҳи июн ва аввалҳои моҳи июл чӯҷа мебарояд. Товусаки биҳиштӣ парандаи фоидарасон буда, аз ҳашарот ғизо мегирад.

**Бургут - *Aquila chrysaetus***

Ба қатори парандагони соҳибчангол ва оилаи лочинҳо мансуб буда, намуди васеъ паҳнгардида мебошад. Дар

аксар минтақаҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳ паҳн гардидааст. Дар Помир ва Бадахшон намуди муқаррарӣ ба шумор меравад.



Дар кӯҳҳо сукунат ёфта, нишебиҳои харсангдори барои шикор муносибро интихоб менамояд. Дар ҳамворӣ ва доманакӯҳҳо вонамехӯрад.

Намуди камшумор ба ҳисоб меравад. Ҷуфтҳои лонагузори бургут дар кӯҳсор аз ҳамдигар дур-дур маскан мегиранд. Парандаи муқимӣ ба шумор меравад. Дар ҷустуҷӯи ғизо кӯчиши мавсимӣ зоҳир мекунад. Парандаи моногамӣ буда, ҷуфти доимиро ташкил медиҳад. Дар синни 2-3 солагӣ ба балоғат мерасад. Дар зери харсангҳо ва нишебиҳои баландкӯҳ лона сохта, моҳҳои феврал-март 2-3 тухм мегузорад. Парандаи соҳибчангол буда, мурғи ҳилол, кабк, кафтар, заргӯш, суғурро шикор мекунад, баъзан ба буз, гӯсфанд ва гургбачаҳо низ ҳамла мекунад.

**Мурғи ҳумо - *Gypaetus barbatus***



Ба қатори шоҳинмонандҳо ва оилаи лочинҳо мансуб буда, дар қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Пётри I, Ҳисор, Дарвоз, Ҳазратишоҳ ва кӯҳсори ҳудуди Бадахшону Помир ва кӯҳи Муғул паҳн гардидааст. Баъзан дар пасткӯҳҳои байни дарёҳои Кофарниҳону Вахш ва Боботоғ низ вомехӯрад.

Муҳити хоси сукунати мурғи ҳумо нишебии кӯҳҳо, водиҳои

Кӯҳҳо ва дарёҳо ба ҳисоб мераванд. Ҷуфтҳои лонагузори он аз якдигар хеле дур (15-20 км) маскан мегиранд. Парандаи муқимӣ буда, дар баландиҳои 1800-4000 метр аз сатҳи баҳр лона мегузорад. Миёнаҳои моҳи март 1-2 тухм гузошта, моҳҳои апрелу май аз тухмҳо чӯҷа мебарояд.

Мурғи ҳумо аз боқимондаи ҷасади ҳайвоноте, ки баъди хӯрдани каргас, бургут ва ширхӯрони даранда боқӣ мондааст ғизо гирифта, баъзан заргуш, суғур, кабк ва наслҳои ҷавони ҳайвоноти сумдори ваҳширо низ сайд мекунад.

**Дуҷҷи обӣ - *Chaimarrornis leucocephala***



Ба қатори гунҷишкшаклон ва оилаи дурроҷҳо мансуб буда, дар водии дарёи Зарафшон аз Ярм, Худгиф то пиряхи Зарафшон вомехӯрад. Дар қаторкӯҳҳои Вахш, Дарвоз, инчунин Бадахшон (водии дарёҳои Ғунд, Шохдара, Панҷ ва шохобҳои он) паҳн гардидааст.

Дар соҳили дарёҳои кӯҳӣ ва шохобҳои онҳо, нишебиҳои шахсору санглох сукунат мекунад. Бештар дар тангҷои шахсор маскан мегирад, аз ҷойҳои туғёни дарё дур меравад. Дуҷҷи обӣ аксар қад-қади дарёҳои хурд ва шохоби онҳо, ки тезҷараёнанд ва оби соф доранд лона мегузорад. Дар баландиҳои 1600-3000 метр аз сатҳи баҳр вомехӯрад ва дар баландиҳои 800-1400 метр зимистонро мегузаронад.

Парандаи муқимист, вале вобаста ба мавсим мунтазам ҷой иваз мекунад. Моҳи октябр аз саргаҳи маҳалли лонагузорӣ поёнтар кӯчиш мекунад. Моҳҳои декабр-феврал, қад-қади дарёҳои доманакӯҳ вомехӯрад.

Таркиби ғизои дуҷҷи обиро мӯрчаҳо, малаххо, торта-

накшаклон, ҳашароти дубол, меваи олучаи ҷангалӣ, хуч, ирғай ва дигар растаниҳои буттагӣ ташкил медиҳанд.

Аз сабаби шароити қаҳратуни баландкӯҳ дертар ба афзоиш шурӯъ мекунад. Хониш ва ҷуфт шудани ҷинсҳо нимаи аввали моҳи май мушоҳида мегардад. Зери сангҳои калони лаби дарё лона месозад, ки барои тухмгузорӣ бехатар мебошанд.

### Зоғобӣ - *Myophonus caeruleus*



Ба қатори гунҷишкшаклон ва оилаи дурроҷҳо мансуб буда, дар нишебиҳои қаторкӯҳҳои Қаротегин, Дарвоз, Пётри 1, Шуғнон, Ванҷ ва Вахон паҳн гардидааст.

Парандаи муқимии кӯҳсор аст. Қад-қади дарёҳои тезҷараён, наздикии шаршараҳо, ҷойҳои тунукоб ва сернам дар баландиҳои 1100-2800 м аз сатҳи баҳр сукунат мекунад. Зимистон вақте, ки барфи бисёр меборад аз муҳити лонагузорӣ ба поён кӯчиш мекунад. Дар ҳама мавзеъҳои сукунат камшумор аст.

Ҷуфти доимӣ ташкил медиҳад. Барои лонасозӣ ҷои соя, тарқиши шаҳҳои назди обро интихоб мекунад. Лонаро аз ушнаҳо, реша ва пояи растаниҳо месозад. Лонаро бо гил маҳкам мекунад. Як лонаро 10-12 сол истифода мебарад. Охирҳои моҳи май ва аввалҳои моҳи июн 4-5 тухм мегузорад.

Ғизои зоғобӣ ҳашарот, кирмина ва ҳайвоноти бесутунмуҳра, тармеваю меваи растаниҳои худруй, тухму донаи наботот ба ҳисоб меравад. Мор ва калтакалосҳои хурдро ҳамчун туъма ғизо мегирад. Мушоҳида карда шуд, ки модинаи ин намуд чӣ гуна чӯҷаҳояшро аз мори обии хурд

ғизо медод. Душманони табиии зоғобӣ мири мушон, гурза, чипор, чеглок ба ҳисоб мераванд.

### Синфи ширхӯрон

Дар ҳудуди ноҳияи Балҷувон 23 намуди ҳайвоноти ширхӯр вомехӯрад, ки ба 6 қатор (дарандагон, сумдорон, дастболон, заргӯшшаклон, хояндагон, ҳашаротхӯрон) мансуб мебошанд. Дар ин мавзеъ намудҳои васеъ паҳнгаштаи фаунаи биёбон аз қабили заргӯш-толай *(Lepus tolai),* кӯрмуши шарқӣ *(Ellobius tancrei);* намояндагони фаунаи ҷангал - муши паррон *(Dryomus nitedula),* муши ҷангалии хӯрд *(Sylvaemus uralensis),* хирси малла *(Ursus arctos),* силовсин *(Lynx lynx);* намудҳои дар Палеарктика васеъ паҳнгашта - гург *(Canis lupus),* рӯбоҳ *(Vulpes vulpes),* қашқалдоқ *(Meles meles),* мири мушони сафед *(Mustela nivalis),* сагобӣ *(Lutra lutra);* намудҳои кӯҳии дар Осиёи Марказӣ паҳнгашта - далла *(Martes foina),* бабри барфӣ *(Panthera uncia),* нахчир *(Capra sibirica)* дучор меоянд.

### Гӯсфанди кӯҳии бухоройӣ (Уриал) – *Ovis vignei bochariensis*



Гӯсфанди кӯҳии бухоройӣ намуди нодир буда, дар доманакӯҳҳо ва қаторкӯҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ паҳн гардидааст. Ин намуд дар қаторкӯҳҳои Вахш, Туркистон, Ҳазратишоҳ, қисмати ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Дарвоз, кӯҳҳои Қаратови Панҷ ва пасткӯҳҳои Оқтов, Буритов, Арунтов, Тереклитов, Сурхкӯҳ ва Сарсарак ба қайд гирифта шудааст.

Дар минтақа гӯсфанди кӯҳии бухоройӣ паҳншавии

маҳдуд дошта дар фасли гарми сол минтақаҳои субалпӣ ва алпиро ҳамчун муҳити сукунат истифода мебарад. Бо фаро расидани сармо кӯчиши мавсимӣ зоҳир намуда дар минтақаҳои ҷангалзорони сирак ва доманакӯҳҳо ҷой мегирад. Давраи ҷуфтшавӣ ба моҳҳои ноябр-декабр рост омада, муҳлати ҳамл 5-5.5 моҳ давом мекунад. Моҳҳои апрел-май 1, баъзан 2 барра таваллуд мекунад.

Гӯсфанди кӯҳии бухоройӣ ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба Рӯйхати сурхи ИБҲТ ва замимаи 2 Конвенсия «Дар бораи савдои байналхалқии намудҳои флора ва фаунаи ёбоӣ, ки дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарор доранд» дохил карда шуда, дар ҳолати хатарноки маҳвшавӣ қарор дорад.

**Хуки осиёимиёнагӣ - *Sus scrofa nigripes***

Хуки осиёимиёнагӣ намуди муқаррарии Тоҷикистон ба шумор рафта, сокини аслии ҷангалзори паҳнбарг ба шумор меравад. Ин намуд дар Тоҷикистон дар баландиҳои аз 300 то беш аз 2000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. Хуки осиёмиёнагӣ дар ин минтақа ба таври хеле васеъ паҳн гардида, дар солҳои охир яке аз муҳимтарин объектҳо барои шикори ғаниматӣ гардидааст.

Мавзеи зисти хукҳо гуногун буда, намуди нисбатан сершумор ва васеъ паҳнгаштаи ҷуфтсумон дар қисмати ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Масоҳати зиёди чангал, чашмаҳои табиии ин мавзеъ муҳити хоси сукунати хуки ваҳшӣ ба ҳисоб меравад. Хуки ваҳшӣ барои дарёфти ғизо ба маҳалҳои аҳолинишин ворид гардида, ба кишти зироатҳои кишоварзӣ ва боғот зарари муайян мерасонад.

**Бабри барфӣ - *Panthera uncia***

Бабри барфӣ ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯйхати сурхи ИБҲТ дохил карда шуда, дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарор дорад. Муҳити сукунати бабри барфӣ



баландиҳои 2000 то 5400 м аз сатҳи баҳрро фаро мегирад. Дар марғзорҳои субалпӣ ва алпӣ, нишебиҳои чуқур вомехӯрад. Паҳншавии бабри барфӣ қаторкӯҳҳои Туркистон, Ҳисор, Зарафшон, Қаротегин, Вахш, Хазратишоҳ ва ҳудуди Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшонро дар бар мегирад.

Тарзи ҳаёти ҷудогона мегузаронад ва дар мавридҳои алоҳида гурӯҳҳои хурди иборат то 6 фардро ташкил медиҳад. Аз 1 то 5 бача таваллуд мекунад. Давраи ҷуфтшавӣ охири моҳи январ оғоз гардида, то миёнаи моҳи март идома меёбад. Ҳомиладорӣ 93-110 рӯзро ташкил медиҳад. Дар дусолагӣ ба балоғати ҷинсӣ мерасад.

Қисмати болоии мавзеи Сари Хосор вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, релеф ва баландӣ, барои сукунати бабри барфӣ мувофиқ мебошад. Мавҷуд будани ин ҳайвони нодирро дар ин мавзеъ сокинони маҳаллӣ низ тасдиқ менамоянд. Далели мавҷудияти бабри барфӣ дар ин мавзеъ пеш аз ҳама мавҷуд будани манбаи ғизо, аз қабили бузи кӯҳии сибирӣ, гӯсфанди кӯҳии бухороӣ, суғури сурх ва ғ. мебошад.

**Хирси малла - *Ursus arctos isabellinus***

Дарандаи аз ҳама калони Тоҷикистон ба шумор рафта, дар минтақаҳои кӯҳӣ паҳн гардидааст. Ҳамчун намуди дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордошта ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯйхати сурхи ИБҲТ ворид карда шудааст. Шикори он дар Тоҷикистон қатъиян манъ аст.

Давраи ҷуфтшавии хирси малла ба моҳи июн рост меояд. Давраи ҳомиладории модинаҳо то 7 моҳ идома ёфта,



дар охирҳои моҳҳои декабр ва аввали январ 1-3 бача тавтавлид менамояд. Хирс да синни сесолагӣ ба балоғат мерасад. Хирс лонаи зимистонаи худро дар баландиҳои аз 2000 то 3500 м аз сатҳи баҳр дар ҷойҳои дастнораси бо буттаву дарахтон зич пӯшидашуда интиихоб менамояд.

Макони хоси сукунати хирси малла ҷангалзори паҳнбарг ба ҳисоб меравад. Вояи ғизои хирси малла омехта буда, он аз растанӣ (баргу пояи наврасидаи камол, ревоҷ, меваи настаран, олуча, себ, чормағз, тут, олу ва ғ) ва ҳайвоноти гуногун (ҳайвоноти бесутунмуҳраю сутунмуҳрадор ва ҷасади онҳо) иборат аст.

Ҳангоми гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳили рости Шӯробдарё (болотар аз шаршараи Пушти Боғ) 3 ахлоти хирси малла дарёфт карда шуд. Таркиби ахлотҳо аз боқимондаҳои растанигӣ - тут, олучаи ҷангалӣ ва себи ҷангалӣ иборат буд.

**Гург - Canis lupus**



Гург яке аз дарандагони васеъ паҳнгардидаи Тоҷикистон ба шумор рафта, дар баландиҳои аз 300 то 5000 метр аз сатҳи баҳр паҳн гардидааст.

Гургҳо дар фасли тирамоҳ тӯдаро ташкил медиҳанд, ки шумораи онҳо дар ҳар тӯда аз 5 то

12 фард иборат аст. Гург дар мувозинати экосистемаҳо, ба хусус дар ҷангалҳо, даштҳо ва кӯҳҳо нақши муҳим мебозад. Тӯъмаи гург асосан аз ҳайвоноти касал ва беҳол иборат мебошад. Ин даранда дар солим нигоҳ доштани ҷамоаи дигар ҳайвоноти ваҳшӣ алалхусус ҳайвоноти сутунмӯҳрадор нақши муҳим мебозад.

Дар солҳои охир ҳодисаҳои ба чорвои хонагӣ ҳуҷум намудани гург тез-тез ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии ин ҳодисаҳо маҳдуд гардидани саршумори тӯъмаи гург, алалхусус ширхӯрони сумдор (бузи кӯҳии сибирӣ, гӯсфанди кӯҳии бухороӣ ва ғ.) дар табиат мебошанд.

**Рӯбоҳ - *Vulpes vulpes***

Рӯбоҳ дарандаи васеъ паҳнгардидаи Тоҷикистон ба шумор рафта, дар ҳамаи экосистемаҳои табиӣ - туғайзор, соҳили дарёҳо, водиҳо, доманакӯҳҳо, баландкӯҳҳо ва биёбонҳои балдандкӯҳ мебошад. Давраи ҷуфтшавии рӯбоҳ дар қисмати ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ба моҳҳои декабр - январ рост омада, даҳаи дуюми моҳи март 4-6 бача таваллуд мекунад. Зимистонро рӯбоҳ дар алоҳидагӣ мегузаронад.

Тӯъмаи рӯбоҳ асосан аз хояндаҳо, парандагон ва тухми онҳо, хазандагон, ҳашарот, муш, калламуш, харгӯши толой, мурғи тазарв, кабк, кабӯтар ва ғ. иборат буда, дар вояи ғизои он ҳамчунин ғизои растанигӣ (мева ва ғуҷуммеваҳо) мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Душманони табии рӯбоҳ дарандагони калонҷусса ва миёна, ҳамчунин баъзе парандагони соҳибчангол ба ҳисоб мераванд.

**Заргӯши толай - *Lepus tolai***

Заргӯши толай намуди васеъ паҳнгардида ва муқаррарӣ буда, аз минтақаҳои биёбонӣ (300 м аз сатҳи баҳр) то баландкӯҳҳо ва биёбонҳои баландкӯҳи Помири Шарқӣ (беш аз 5000 м аз сатҳи баҳр) вомехӯрад.



Муҳити хоси зисти заргӯш мавзеъҳои кӯҳӣ, соҳили дарёҳо, ҷангалзорони сирак, доманакӯҳҳои дорои пӯшиши тунуки растаниҳои дарахту буттагӣ дошта ба ҳисоб мераванд. Аксари заргӯшҳо дар дашту биёбон ва буттазору туғайзорҳо зиндагӣ мекунанд.

Вояи ғизоии заргӯши толай гуногун буда, аз решаи растаниҳо ва пиёзакҳо, растаниҳои сабз, растаниҳои эфемерӣ иборат аст. Тобистон аз растаниҳои алафии гуногун, бештар аз растаниҳои оилаи хӯшадорҳо ва қисман аз растаниҳои оилаи явшониҳо ғизо мегирад. Дар давраи тирамоҳу зимистон пӯсти растаниҳои буттагӣ ва дарахтиро ғизо мегирад.

Давраи ҷуфтшавии заргӯш аз моҳҳои март то август идома ёфта, то 4 маротиба насл медиҳад. Заргуши толай дар лонаи на он қадар чуқур аз 1 то 9 насл мегузорад. Насли навзод дар 6-8 моҳагӣ ба балоғат мерасанд. Душманони табиии заргӯши толай ширхӯрони даранда - гург, рӯбоҳ, шағол ва парандагони соҳибчангол ба шумор мераванд.

**Савсор - *Martes foina***



Савсор намуди паҳнгардида ва хоси ҷангалзорони паҳнбарг ва ҷангалҳои сираки доманакӯҳҳо ва кӯҳҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Савсор дарандаи ҳамахӯр буда, таркиби асосии ғизои он аз ҳайвоноти гуногун (ширхӯрони

хурд, парандаҳо ва тухми онҳо, хазандагон, қурбоққаҳо, туқӯм- шулук, ҳашарот) иборат аст. Ғизои савсорро қисман меваҳои дарахту буттаҳо низ ташкил медиҳанд. Дар синни 15-27-моҳагӣ ба балоғат расида, ба наслгузорӣ шурӯъ мекунанд.

### Ҷайраи ҳиндӣ - *Hystrix indica*



Ҷайра намояндаи калонтарини қатори хояндагон ба шумор рафта, дар минтақаҳои нимбиёбонии Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ, Марказӣ ва Шимолӣ дар баландиҳои 300-2600 метр аз сатҳи баҳр паҳн гардидааст.

Дарозии баданаш 90 см ва вазнаш то 27 кг мерасад. Барои ҷайра тарзи ҳаёти шабона хос буда, рӯзона дар лонаҳои зеризаминӣ паноҳ меёбад. Дар як сол як маротиба афзоиш мекунад. Фардҳои ҳомила аз моҳи март то моҳи август вомехӯранд. Аз 1 то 4 насл таваллуд мекунад.

Ҷайра ҳайвони ширхӯри алафхӯр буда, ғизои онро решаҳои сершира, пиёзак, мева, поя ва барги растаниҳои алафӣ ташкил мекунанд. Зимистон аз пӯст ва навдаҳои дарахту буттаҳо ғизо мегирад.

Ҷайра дар мавзеъҳои ноҳамвори дорои чашмасор, нишебиҳои серҷари доманакӯҳҳо, селроҳаҳои канори дарёҳо, ҷангалзорони сираки дарахтӣ-буттагӣ, нишебиҳо ва дараҳои серсанг вомехӯрад. Душманони табии ҷайра хирс, гург ва силовсин ба шумор мераванд.

# АСПҲОИ ХУШЗОТИ БАЛҶУВОН

***«Муаллифони аҳди қадим аспҳои ин сарзаминро ба зоти «аспҳои осмонӣ» ё «аспҳои обӣ» мансуб дониста, аз неруи эзидӣ ва қудрати илоҳӣ баҳравар гардидани ин ҷонваронро зикр намудаанд.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» менависанд: «Аспҳои бохтарӣ гаҳвораи нахустини давлату давлатдории тоҷиконро ба ҷунбиш оварда, дар ташаккули тамаддун ва давлати тавонои Бохтару Суғд хизмати арзандае кардаанд.

Бохтари қадим, Тахористон ва Хуталон ватани аспҳои хушзот, чобуку даванд ва зебову қавипайкар эътироф шудаанд. Аспҳои бохтарӣ тахорӣ ва хуталонӣ аз як решаву зурриёт буда, дертар дар заминаи падид омадани давлати Тахористон ва Хуталон дар ҳудуди Бохтари қадим бо ин номҳо машҳур гардидаанд. Муаллифони аҳди қадим аспҳои ин сарзаминро ба зоти «аспҳои осмонӣ» ё «аспҳои обӣ» мансуб дониста, аз неруи эзидӣ ва қудрати илоҳӣ баҳравар гардидани ин ҷонваронро зикр намудаанд».

Дар ноҳияи Балҷувон имрӯзҳо зиёда а 3200 аспи хушзот парвариш ва нигоҳубин карда мешавад. Аз 160 намуд аспе, ки дар ҷаҳон ҳаст, аспҳои зоти тоҷикӣ бо зебогӣ, чобукӣ ва давандии худ фарқ мекунанд.

Шермуҳаммад Шоҳиён дар пешгуфтор ба китоби «Достони асп» чунин иброз намудааст:

«Яке аз хислатҳои неку наҷиби асп, новобаста аз ҷуссаи азиму пурқувваташ, рому фармонбардори соҳибаш

будани ӯст. Ин ҷонвари бофаросат ҳар як нафас, задани набз ва таппиши дили савораи худро эҳсос мекунад, муҳаббату вафодории хешро бо ҳар гуна амалу ишора нишон доданӣ мешавад. Ба ҳарфу ишораҳои соҳибаш гӯш медиҳад. Ҳатто аз қиёфаи соҳибаш кайфияти ҳоли ӯро дарк месозад.

Боиси сарфарозӣ ва ифтихор аст, ки ҷавонони даврони истиқлолият бо дарки ин масъулият иқдомҳои ҳукумати мамлакатро дар самти идома додани анъана ва эҳёи суннатҳои неки аҷдодӣ дар амал татбиқ намуда, дар ин радиф таваҷҷуҳи онҳо ба асппарвариву аспдавонӣ, чавгонбозиву бузкашӣ рағбати беандоза зоҳир намуда, ҷавонон хуб медонанд, ки ин намудҳои варзиш ба кас неруву қудрати тоза бахшида, дар пешбурди тарзи ҳаёти солим нақши муҳим доранд.»

Вақте аспҳои ноҳияи Балҷувонро дидан кардам, мушоҳидаҳое ба назарам ҷилва намуд.



Дар шиҳаи асп савти хуши кабкони кӯҳсорон, шилдироси гӯшнавози оби чашмасорон, чаҳ-чаҳи булбулони саҳаргоҳон, насими форами чаманистон, овози хуши най, навои танбӯр омехта мафтунгару хушсадо ба гӯш мерасад.

Асп бовиқор ва хиромон пой мемонад ва бо чашмони зебояш, ки аз зери мижгонҳои дарозаш ҷолибтар менамоянд, ба ҳар тараф мағрурона назар мекунад. Дар ин лаҳзаҳо ёлу думи асп торафт дарозу зеби тамошо мешавад. Думи зебояш, ки мисли торҳои абрешим ҷило медиҳад, дам ба дам ба сӯе партофта мешаваду, ба ҳусни асп ҳусн зам мекунад. Ҳар гоҳе насими форами саҳаргоҳон ёли аспро мепарешаду болои чашмонаш меоварад, ӯ бо як такони сар онҳоро тарафе партофта, мегӯй ҳамин гуна шона мекунад. Чун ба давидан медарояд, намоишкорона наъли сумҳояшро нишон медиҳад. Мегӯй аз нуқра бошад. Бо нури хуршед бархӯрда, ҷило дода, чашми бинандаро мебарад.

Муайян кардани зот ва пайдоиши аспҳои Шарқи қадим бинобар вуҷуд надоштани навиштаҷоти зоотехникӣ қадре душвор аст. Оид ба аспҳое, ки дар сарзамини ҳозираи Осиёи Марказӣ (аз ҷумла Тоҷикистон) парвариш мекарданд, танҳо дар асоси омӯзиши қайдҳои сайёҳон, муаррихон, ҷуғрофидонҳо, бостоншиносон, лашкаркашон ва ғайра маълумот гирифтан мумкин аст. Бинобар маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар Хуталони (Хатлон) асри 4 то милод аспҳои хушзоти зебо парвариш меёфтанд. Шӯҳрати аспҳои Хуталон дар солномаҳои асрҳои 9 – 12-и арабу эрониҳо, ба монанди асарҳои Истахрӣ, Муродӣ, Низомӣ, Азрақӣ, Закариёи Қазвинӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Иқболи Лоҳурӣ ва дигарон низ қайд шудаанд.

Пайдоиши аспҳои хуталонӣ қиссаву ривоятҳои бисёр дорад. Масалан, дар солномаи хитойӣ («Таншу» ва «Сайшу») гуфта шудааст, ки аспи хуталонӣ аз Аспи «осмонӣ», ки дар яке аз қулла (ё ғор)-ҳои кӯҳи Тахористон

(ҳудуди ҳозираи Афғонистон) зиндагӣ мекунад, ба вуҷуд омадааст. Модиёнҳои аҳолии таҳҷоӣ, ки дар атрофи кӯҳ мечаридаанд, гӯё бо аспи «осмонӣ» ҷуфт шуда, аз он насл ба бор овардаанд. Ба аспҳои Тахористон нисбат додани пайдоиши аспҳои Хуталон бесабаб нест. Аспҳои Тахористон хеле машҳур буданд. Дар Тахористон аспҳои резаҷусса, вале ниҳоят пурбардошти кӯҳӣ, ки масофаи зиёдро мепаймуданд, инчунин зоти аспҳое, ки барои таҳдаштҳо мувофиқ буданд, парвариш карда мешуданд. Баъзе ровиён аспҳои Тахористонро саравлоди ҳамаи аспҳо меҳисобанд. Мувофиқи ривоёти дигар аспҳои хуталонӣ аз аспҳои обӣ рӯидаанд. Ҷуғрофидони араб Ибни Хурдодбеҳ қайд мекунад, ки дар Хуталон ҳавзе бо номи Нозкӯл мавҷуд аст. Нозкӯл аспҳои обӣ дорад, ки бо аспҳои подшоҳ (ба кӯл обнӯшӣ меомаданд) даромехта, аспи хуталониро ба вуҷуд овардаанд.

Дар ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон аз қадимулайём вуҷуд доштани асппарвариро табиатшиноси маҷорӣ А.Борнс (1848), олимони рус Н.Бахметев (1870), А.Вилкинс (1875), А.Ф.Миддендорф (1882), В.Базилевский (1907), Д.Н.Логофет (1911), О.Ф.Витт (1952) ва дигарон низ қайд кардаанд.

Дар «Доират-ул-маъорифи форсӣ»-и Мусоҳаб дар тавзеҳи «Хутал» ё «Хатлон» чунин омадааст: «Ноҳияе бар масири улё (болоӣ)-и Амударё, миёни рӯдҳои Панҷу Вахшоб. Дар қарни чаҳоруми ҳичрии қамарӣ маркази ноҳияе, ки амири Хутал дар он ҷо мезистааст, Ҳулбук ном доштааст ва эҳтимолан дар ҷануби Кӯлоби ҳолия (дар Тоҷикистони Шӯравӣ) воқеъ будааст ва зоҳиран ду шаҳри Мунк ва Ҳаловерд дар ин ноҳия аз Ҳулбук бузургтар будаанд. Аспҳои Хутал шуҳрати тамом дошт.» («Ҳулбук шаҳри хомӯши ҳазорсола», 2010). Ҳулбук маркази Хатлон маҳсуб мешуд ва аз Чину дигар кишварҳо аз масири Роҳи Абрешим ба ин ҷо колоҳои гуногун меовардаанд ва дар

ивази он аспҳои хуталӣ, ки он замон хеле машҳур буданд ва намаку тилло мегирифтанд.

Тибқи омӯзишҳои Достӣ Шарифов дар асрҳои XIX дар бекигарии Балҷувон феодалоне буданд, ки 5-10 ҳазор гӯсфанд, ҳазорҳо сар аспу чорвои калони шохдор дар ихтиёри худ доштанд. Ҳар сол аз бекигарии Балҷувон ҳазорҳо сар гӯсфанд ва садҳо сар аспҳои бидави хатлонӣ дар бозорҳои Самарқанду Бухоро фурӯхта мешуд (Достӣ Шарифов, «Таърихи мухтасари Балҷувон», 1993, с.37).



# БАЛҶУВОН ДАР ДАВРАИ НАВ

Балҷувон ҳамчун ноҳия дар вилояти Хатлон 23 ноябри соли 1930 таъсис ёфта буд. Аммо пас аз 24 сол - 15 ноябри соли 1954 барҳам дода шуда, ҳудуди маъмурии он ба ноҳияҳои Темурмалик (собиқ Совет) ва Ховалинг ҳамроҳ карда шуд. Бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз феврали соли 1996, №245 Балҷувон дувумбора ҳамчун ноҳия таъсис дода шуд. Масоҳаташ 1326 км$^2$, аҳолиаш имрӯз зиёда аз 32,0 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Ноҳияи Балҷувон дар қисмати шимолу шарқии Тоҷикистон ҷойгир буда, аз шимол бо ноҳияҳои Нуробод ва Рашт, аз ғарб бо шаҳрҳои Роғуну Норак ва ноҳияи Файзобод, аз шарқ бо ноҳияҳои Ховалингу Кӯлоб, аз ҷануб бо ноҳияи Темурмалику Восеъ ҳамсарҳад аст. Ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии 1400-1500 метр ҷой гирифтааст.

Ноҳия дорои 5 ҷамоати деҳот ва 104 деҳа мебошад.

Ҷамоати деҳоти **Балҷувон** - 22 деҳа, шумораи аҳолии ҷамоат 5800 нафар. Ҷамоати деҳоти **Тоҷикистон** - 6 деҳа, шумораи аҳолии ҷамоат 5625 нафар. Ҷамоати деҳоти **Сафар Амиршоев** - 28 деҳа, шумораи аҳолии ҷамоат 5777 нафар. Ҷамоати деҳоти **Сайф Раҳим** - 20 деҳа, шумораи аҳолии ҷамоат 8137 нафар. Ҷамоати деҳоти **Сари Хосор** - 28 деҳа**,** шумораи аҳолии ҷамоат 6820 нафар.

Маркази ноҳия деҳаи Балҷувон ба ҳисоб меравад.

Ноҳия минтақаи аграрист - соҳаи асосии хоҷагидорӣ кишоварзӣ буда, дар он чорводорӣ, рустанипарварӣ, боғдорӣ ва занбӯрпарварӣ ривоҷ ёфтааст. Балҷувон дорои 4518 га замини корам, аз ҷумла 68 га замини обист, ки барои парвариши картошкаву сабзавот, меваву ангур, ҷуворимаккаву ғалла мувофиқ мебошад.

Дар ноҳия як хоҷагии давлатии зотпарварӣ, ду хоҷагии ҷангал, 8 хоҷагии деҳқонии коллективӣ, 238 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, ду хоҷагии ёрирасон ва 3526 хоҷагии наздиҳавлигӣ фаъолият доранд.



*Ҷаноби Олӣ бо сафари корӣ дар ноҳияи Балҷувон моҳи августи соли 2019*



*Фаъолони ноҳияи Балҷувон дар вохӯрӣ бо Сардори давлат. Балҷувон соли 2019*

# РИСОЛАТИ БОНУВОНИ БАЛҶУВОН

***«Ҷомеае, ки ба Зан-Модар ғамхорӣ менамояд, ба ояндаи худаш ғамхорӣ мекунад.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Истиқлолияти Тоҷикистон замони ташаккули на танҳо муносибатҳои нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, балки замони дигаргун шудани мафкураву муносибати мардум ба воқеаҳо ва ба ҳастӣ гардид. Дар шинохти ин падидаҳо занону духтарон, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа фаъолона саҳм мегиранд, нақши хосе доранд.

**Чи тавре Сарвари давлатамон гуфтаанд:**

**«Мо ҳамеша ба неруи созандаи занони фарзонаву оқили тоҷик такя менамоем. Онҳо дар баробари ба ҷо овардани рисолати аслии худ - устувор гардонидани оила, тарбияи шоистаи фарзандони боодобу соҳибмаърифату банангу номус, ватандӯсту худшинос, инчунин бо заҳмату талошҳои пайгиронаи худ дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар саҳми босазо гузошта истодаанд.»**

Занон офарандагони ҳаётанд ва аз азал дар бунёд гузоштану обод кардани зиндагии инсоният нақши бориз доранд. Онҳо бо мардон паҳлу ба паҳлу истода дар тамоми соҳаҳои моддиву маънавӣ ҳиссагузоранд. Бонувони мо на танҳо тарбияи насли наврасро бар дӯш доранд, балки худ созандаи фаъоли имрӯзи диёри хеш мебошанд.

Дар сарзаминҳое, ки тоҷикон умр ба сар мебурданд, аз қадим ба ҷинси латиф, офаранда, созанда ва модар эҳтиром ва самимият доштанд. Нақши зан дар ҷомеа ва хизмати ӯро бузургтарин шахсиятҳои таърихӣ монанди Зардушт, Рӯдакӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ васфу тараннуму тасвир кардаанд. Аз адабиёти классик то ба имрӯз адибон дар васфи модар шеър, достон, қиссаҳо офаридаанд, аммо то ба имрӯз ягон адиб дар офариниши симои модар худро муваффақ наҳисобидааст, гарчанде биҳиштро зери пояш арзонӣ доштанд:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст.*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Аз солҳои аввали Истиқлолият масъалаи беҳбуди шароити кору зиндагии занон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Сардори давлат ва Ҳукумати кишвар қарор дорад. Дар ноҳияи баландкӯҳи Балҷувон зиёда аз 15770 нафар занон, аз онҳо: 7 нафар вакилони халқи ноҳия, 12 нафар вакилони ҷамоатҳо, 168 нафар дар соҳаи маориф, 84 нафар дар соҳаи тандурустӣ ва ғайра сарбаландона фаъолият доранд.

Занони балҷувонӣ дар баробари ба дунё овардани бузургмардони майдони набарду сиёсату давлат ва илму адаб баҳри истиқлолияти миллату кишвар саҳми арзандае гузоштаанд. Онҳо дар пуртазодтарин, душвортарин лаҳзаҳо, дар печутоби тақдир назокату малоҳат, нафосату иффат ва иззати хешро нигоҳ доштаанд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ занони Балҷувон бо шиори «Тамоми қувва – барои торумори душман» амал карда, дар ақибгоҳ, ба ҷои худ, падар, бародар ва ҳамсари ба ҷанг рафта, меҳнат мекарданд.



*Занони фаъоли ноҳияи Балҷувон*

Суханони Президенти кишвар – «Дили тавонои занмодар муҳаббатро мепарварад, рӯҳафтодаву дилшикастагонро умед мебахшад, барои ободии диёр саҳм мегузорад, ба ҳар кадоми мо боли парвоз ва неруи зиндагӣ ато мекунад. Дар қалби бузурги модар ҷаҳон ҷой мегирад» ба занони ноҳияи Балҷувон рӯҳу илҳом бахшида, онҳо барои гулгулшукуфии диёр бештару бештар саҳм мегузоранд.

Зан, пеш аз ҳама, давомдиҳандаи ҳаёт ва мураббии меҳрубони наслҳост. Ин аст, ки дар ноҳияи Балҷувон 168 нафар занон – муаллимаҳо ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд.

Қобили қайд аст, ки бо ташаббуси наҷиби Сарвари давлат ҳанӯз соли 1997 барои таҳсили духтарони деҳотӣ дар макотиби олӣ квотаи президентӣ ҷорӣ гардид. Идома

ёфтани квотаи президентӣ барои таҳсили духтарони деҳотӣ ба садҳо оилаҳо имкон дод, ки духтарони худро аз вартаи хурофоту таассуб берун кашида, ба олами тамаддун ворид кунанд.

Дар солҳои охир аз ноҳияи Балҷувон зиёда аз 130 нафар духтарон тибқи квотаи президентӣ мактабҳои олиро хатм намуда, ба деҳаҳои худ баргашта, дар соҳаҳои гуногун ба нафъи ҷамъият меҳнати сарбаландона доранд.

Занони Балҷувон дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» барои камхарҷу замонавӣ гузаронидани тӯйу маъракаҳо саҳм мегузоранд. Номи занони сарбаланди ин диёри зебоманзар Ғуломова Сафаргул, Ашӯрова Азиза, Шарифова Назокат, Мирзошоева Маърифат, Азизова Ҷиғагул, Юнусова Бибинисо, Баҳодурова Зулқаъда, Гулчеҳраи Аликул, Ҳақназарова Балхиё, Зоирзода Маърифатро қайд кардан ҷоиз аст, ки бо меҳнати софдилонаи худ дар оила, деҳа ва ноҳия мақомеро касб кардаанд. Онҳо яке духтур, дигаре муаллима, сеюмӣ китобдор, раиси ҷамоат ва Раиси ноҳия шуда, дар пешравии ноҳия саҳм гузоштаанд.



**Зоирзода Маърифат Оймаҳмад** зодаи ноҳияи Балҷувон буда, миёни занони ноҳия чеҳраи шинохта ба ҳисоб меравад. Маърифат Зоирзода аз соли 1996 то соли 1999 дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мудири шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, аз соли 1999 то 2011 муовини раиси ноҳия шуда кор кардааст.

Маърифат Зоирзода солҳои 2011 - 2015 ба ҳайси мудири шуъбаи кор бо занон ва оила ва сардори раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияи давлатии вилояти Хатлон шуда адои вазифа намудааст.

Бо ташаббуси Маърифат Зоирзода барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти занон дар телевизион ва радиои вилоят барномаҳои «Фарҳанги оиладорӣ», «Кадбонуи беҳтарин», «Сад ранги чакан» ва ғайраҳо омода карда шудааст.

Бо назардошти кордонию қобилияти хуби ташкилотчигӣ Маърифат Зоирзода соли 2015 раиси ноҳияи Балҷувон таъин гардида, дар ин вазифаи пурмасъулият то моҳи июни соли 2020 бомуваффақият адои хизмат намудааст.

Мушкилиҳои мардум барояш ошно буд. Мақсади аввалинаш дар мансаби пурмасъулият пуле буд, ки роҳи ҷамоатҳои Тоҷикистон, Сайф Раҳим ва ноҳияи Ховалингро ба маркази ноҳия мепайваст ва доимо «Оби мазор» атрофи пулро шуста мебурд ва мардум бо мушкилоти зиёд ба марказ меомаданд.

Барои иҷрои ин ҳадаф ба мутахасисони Вазорати нақлиёт мурочиат намуда, бо иштироки мардуми ноҳия ба тариқи ҳашар соҳилмустаҳкамкунӣ ташкил намуд.

Дар давраи фаълияти кории Зоирзода Маърифат Оймаҳмад дар мансаби раиси ноҳия бинои сеошёнаи шуъбаи маориф, ду бинои баландошёнаи манзили истиқоматӣ барои хизматчиёни давлатӣ, таваллудхона бо 12 кати хоб дар ҷамоати деҳоти Сари Хосор, Қасри фарҳанг бо тамоми таҷҳизот, бозори марказии ноҳия, кӯдакистон (2-ошёна), бинои шуғли аҳолӣ (2-ошёна), меҳмонхона дар пушти боғи Шар-шара, майдончаи варзишӣ дар ҷамоати деҳоти Сари Хосор, меҳмонхонаи 2-ошёна, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33 дар деҳаи Мулоконӣ ва бисёр дигар муассисаҳои барои ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ за-

рурӣ сохта, ба истифода дода шуд, ки дар онҳо саҳми Маърифат Зоирзода низ мебошад.

Маърифат Зоирзода имрӯзҳо низ аз таҷрибаи бойи худ истифода намуда, ба ҳайси Муовини якуми раиси ноҳияи Балҷувон барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия самаранок фаъолият намуда истодааст.

* * *

Барои занони ноҳияи Балҷувон ҳунарҳои мардумӣ аз қабили чеварӣ – дӯхтани куртаву ҷомаҳои нақшбандӣ, чакандӯзӣ, тоқидӯзӣ, шерозбофӣ, чолбандбофӣ, ресандагӣ, сабадбофӣ, ороиши гаҳвора бо дастбандаку побандаку муҳраҳои рангоранг, оро додани бандакҳои гаҳвора, дӯхтани кӯрпаву кӯрпача, қӯроқдӯзӣ шуғли доимист. Онҳо барои харидани ин мавод ба бозор намераванд, худ медӯзанд, мебофанд, мересанд ва оро медиҳанд.

Ҳамзамон, занони Балҷувонӣ бо ҳунари кадбонугарӣ – пухтани хӯрокҳои миллӣ, аз қабили фатирмаска, қурутоб, таҳмол, оталаи туппа, бурида, шакароб, тезакоб, оши палаву кабоб ва пухтани нонҳои чапотӣ, фатири курак, фатири ҷазза, кулча, кулчаҳои арӯсӣ, кулчаҳои сатрӣ машҳуранд. Ин ҳунарҳоро ба фарзандонашон низ меомӯзонанд, то онҳо дар оянда давомдиҳандаи кори модарон бошанд ва ин ҳунарҳо аз байн наравад.

Ҳар сайёҳе, ки ба минтақаҳои дурдасти кишвар сафар мекунад, пеш аз ҳама, ба ҳунарҳои анъанавӣ, фарҳанги маънавӣ, урфу одат таваҷҷуҳ менамояд, чунки ин ҳунарҳо суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, беҳтарин муаррифгари ҳувитяи маҳал ба ҳисоб меравад.

# М А О Р И Ф

***«Бо дастгирии Ҳукумати кишвар соҳаи маорифи ноҳияи Балҷувон муттасил рушд карда, маблағгузории он аз 9 миллион сомонии соли 2014 ба беш аз 17 миллион сомонӣ дар соли 2019 расидааст, ки хеле назаррас мебошад.***

***Дар давоми солҳои истиқлолият дар ноҳияи Балҷувон 34 бинои нави муассисаҳои таълимӣ бо 4400 ҷойи нишаст ва бинои шуъбаи маорифи ноҳия сохта, ба истифода дода шудааст.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***

*(Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолону сокинони ноҳияи Балҷувон, 6 августи соли 2019).*

То инқилоби Октябр дар қаламрави бекигариҳои Балҷувон чанд таълимгоҳи умумӣ амал менамуд, ки дар онҳо асосан фарзандони шахсони сарватманд таҳсил мекарданд.

Тибқи маълумотҳои бойгонӣ 15 марти соли 1925 шуъбаи нозироти маорифи Бухорои Шарқӣ созмон дода шуд.

Сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар таҳти назорат ва пуштибонии худ қарор дод.

Дар Кӯлоб, Ховалинг, Муъминобод, Балҷувон ва дигар мавзеъҳои калони аҳолинишин мактабҳои нав таъсис дода шуданд.

Масъалаи ба алифбои нав гузаштан ба хонандагон душвориҳо пеш меовард. То ибтидои солҳои чилуми асри

бист дар мактабҳои ноҳия таълим бо ҳуруфи лотинӣ мегузашт. Баъд таълим бо ҳуруфи кирилӣ ҷорӣ карда шуд.

Солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат соҳаи маорифи ноҳия ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ омад. Тарки касб намудани муаллимон ва заиф шудани давомоти хонандагон боиси коҳиш ёфтани таълиму тарбия дар мактабҳо гардид.

Вале пас аз баимзорасии Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ – 27 июни соли 1997, Ҳукумати Ҷумҳурӣ имконият ба даст овард, ки ба соҳаи маориф ба куллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд. Маорифчиёни ноҳияи Балҷувон фаъолияти худро дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилот, Низомномаи мактаб, ташкили воситаҳои таълим, таъмини мактабу маориф бо кормандони соҳибихтисос, таҷҳизоти талаби замон ба роҳ монда, ба як қатор пешравиҳо мушарраф гардиданд.



*Муассисаи таҳсилоти умумии № 33 ноҳияи Балҷувон*

Мутахассисони соҳаи маорифи ноҳияи Балҷувон барои баланд бардоштани сатҳу беҳтар намудани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Аз ҷониби роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оиди бо муаллимони баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ чораҷӯӣ карда шуда, доир ба ҳалли масъалаи норасоии омӯзгорон, махсусан, аз фанҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ, инчунин, бо кадрҳои дорои таҳсилоти олии касбӣ таъмин намудани мактабҳо, тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Ин аст, ки камбуду норасоиҳои соҳаи таълим тадриҷан аз байн рафт ва омӯзгорони мактабҳо нисбат ба иҷро ва ифои вазифаи пуршарафи хеш–тарбияи насли нави ҷамъияти соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёду демократӣ масъулияти баланд эҳсос менамоянд.

Як қатор муаллимон бо меҳнати ҳалоли худ сазовори қадршиносии волидон, ҳамкорон ва шогирдон гаштаанд. Аз ҷумла, Одинаев Бобоқул Худойқулович, ба ҳайси омӯзгор, директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5, сармушовирии шуъбаи маорифи ноҳияи Балҷувон фаъолият намуда, бо нишони»Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» қадр карда шудааст.

Бекова Умеда Шамсиддиновна, солҳои 2010 - 2019 дар мактаби №10 ба ҳайси омӯзгор ва директори мактаб фаъолият намуда, аз ноябри соли 2019 то инҷониб дар вазифаи мудири шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон фаъолият дорад.

Бекова У. аз рӯзҳои аввали фаъолияташ дар шуъбаи маориф кӯшидааст таълиму тарбия, ҷобаҷогузории кадрҳо, баланд бардоштани мақоми зан ва муносибати волидон ба мактабро мувофиқи талаботи замони муосир ба роҳ монда, ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани тарбияи созандагони ояндасози миллат шароити мусоид фароҳам созад.

«Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» Сайдалиев Рамазон Саидқулович фаъолияти меҳнатиашро соли 1994 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳияи Балҷувон ба ҳайси омӯзгори фанни математика оғоз карда, дар вазифаҳои ҷонишини директор оид ба таълим, директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1, мушовири шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон адои вазифа намудааст ва дар айни замон, директори маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди шуъбаи маориф шуда кор карда истодааст.

Дар қатори пешқадамони соҳаи маориф «Аълочиёни маориф ва илми Тоҷикистон» Суҳробов Шералӣ Давлаталиевич - директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8, Одинаев Шамсиддин Кенҷаевич ҷонишини директори муассисаи таҳсилоти умуми асосии №23, Неъматов Суҳроб Неъматович собиқ директори муассисаҳои таълимии №№2, 9 ва 21 ноҳия (айни замон нафақахӯр) ва дигар омӯзгорони собиқадорро номбар намудан мумкин аст.

Хизмати софдилонаи чунин омӯзгорон ва даҳҳо нафар ҳамкасбони онҳост, ки ҳар сол даҳҳо нафар шогирдон муассисаҳои таълимии ноҳияи Балҷувон дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён мегарданд.

# Ф А Р Ҳ А Н Г

***«Бо вуҷуди он, ки Балҷувон ноҳияи нисбатан навбунёд ба ҳисоб меравад, вале таърихи қадима ва бой дорад ва моро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихиро барои насли оянда, аз ҷумла сайёҳон обод кунем ва истифодаи самараноки онҳоро ба роҳ монем.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***

*(Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолону сокинони ноҳияи Балҷувон, 6 августи соли 2019).*

Фарҳанг ҳастии миллат аст. Солҳои навадуми асри гузашта барои соҳаи фарҳанг давраи басо душвор буд. Аммо сарфи назар аз шароити тезутунди сиёсӣ, вазъи ногувори иҷтимоӣ кормандони соҳа тавонистанд арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд.

Дар ноҳияи Балҷувон низ ба ин соҳаи бисёр муҳим, рушду нумуи он аз солҳои нахустини таъсисёбии ноҳия таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардидааст. 11 октябри соли 1936 рӯзномаи «Коммунисти Балҷувон» навишта буд: «Дар маркази ноҳияи Балҷувон шуъбаи маорифи ноҳия Чойхонаи Сурх сохта, ба истифода дод. Ин бинои Сурх яке аз биноҳои беҳтарин ва ҳозиразамони маркази ноҳия буда, барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ айни муддаост. Ҳоло барои ин чойхонаи зебо таҷҳизоти хело хуб дарёфт намуданд.»

Муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ҳамеша фишанги тавонои тарбияи маънавию бомаданиятӣ буданд.

Истиқлолият барои кашфи падидаҳои нави фарҳангиву

ҳунарӣ, сайқал додани суннатҳои мардумӣ, ҷалби ҷавонон ба фаъолияти эҷодӣ, таҳкими равобити манотиқи гуногуни кишвар заминаҳои боэътимод фароҳам овард. Соҳаи фарҳанг таҳти роҳнамоиҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун таҷассумгари симои маънавии миллат, муттаҳидсозандаи неруҳои ақлонию зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъана, одобу ахлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуд.

«Фақат миллате, ки барои рушду такомули илму маориф ва фарҳанг ғамхорӣ зоҳир мекунад, ба давлатдорӣ сазовор аст»- таъкид намудаанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҳудуди Балҷувон аз мавзеъҳои сайёҳӣ ва ёдгориҳои таърихӣ ғанӣ аст, ки Қалъаи Мир (асри 16-19), Қалъаи Чорбоғ (асрҳои миёна), Қалъаи тӯпхона (асрҳои 1-6 то милод), Қалъаи Турк (асрҳои 12-13), Қалъаи Дектур (асрҳои 18-19), инчунин Қалъаи Чаноро, Чавгонӣ, Додӣ ва бошишгоҳҳои давраи асри сангин дар деҳаҳои Файзобод, Шаҳидӣ, Бобохон аз ҷумлаи онҳоянд. Бо мақсади тақвият бахшидан ба рушди сайёҳӣ, дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия «Маркази рушди сайру саёҳати Балхиён» таъсис дода шудааст.

Ҷаҳонишавии равандҳои дохилӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ имкониятҳои ниҳоят васеъро фароҳам оварда, дар сатҳи ҷаҳонӣ сайёҳӣ ба яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди давлатҳо табдил ёфтааст.

Дар ноҳияи Балҷувон барои рушди навъҳои гуногуни саёҳат, кӯҳнавардию варзиши кӯҳӣ, саёҳати таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ (мардумшинсӣ), шикор, саёҳии хориҷӣ имкониятҳои назаррас мавҷуданд.

Балҷувон имкониятҳои хеле зиёди инкишофи сайёҳиро дорад. Ҷалби мутахассисони маҳаллӣ ба ин соҳа ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад.

Кӯҳу манзараҳои зебо, табиати дилангез ва ёдгориҳои таърихию меъмории Балҷувон аз замонҳои пеш диққати меҳмононро ба худ ҷалб мекард. Беҳуда нест, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2001, №498 ноҳияи Балҷувон минтақаи туризми байналмилалӣ эълон карда шудааст.

Зеботарин мавзеъ дар Балҷувон ин Шаршараи Сари Хосор мебошад ва ҳар як шахсе, ки ба Балҷувон равад, мехоҳад аз манзараи аҷоиби он ҳаловат бибарад. Агар ба ин Шаршара хуб диққат диҳед, пас мушоҳида мекунед, ки ранги оби он дар давоми рӯз якчанд бор дигар мешавад: субҳгоҳон оби Шаршара сап-сафед, нисфирӯзӣ осмонранг ва бегоҳ кабуттоб менамояд. Аммо сардӣ ва маззаи обаш дар ҳама ҳолат як аст. Дар як мавзеи аз дидаҳо хеле дур, аз қаъри сангҳо ҷорӣ шудани ин Шаршара худ гувоҳи он аст, ки табиат ба мардуми меҳнатқарини ин мулк ҳадяи илоҳӣ кардааст. Дар бораи ин манзараи зебо – Шаршараи нотакрор, шоир Сафар Амирхон гуфтааст:

Диламро бурда ин афсонадунёи Сари Хосор,
Шудам дар як нигаҳ мафтуну шайдои Сари Хосор.

Нигоҳам меравад аз пушти мурғони ғазалхонаш,
Бипечад дар хаму печи қадамҷои Сари Хосор.

Қалам бечораавзо монда гоҳи нақши тасвираш,
Шигифтолуда аз ин ҳусни зебои Сари Хосор.

Ғизолу кабку тӯтӣ, ҳар яке дил мебарад бо худ,
Куҷо ёбӣ дигар гумгаштапайдои Сари Хосор.

Бубин дар кокулони обшораш партави маҳтоб,
Хиромон меравад баҳри тамошои Сари Хосор.

Дар ин ҷо олами афсонаву дунёи эъҷоз аст,
Набитвонам, ки дил гирам зи савдои Сари Хосор.

Сафар шукронаи оғуши сарсабзи Ватан гӯяд,
Ба дил дорад хати меҳраш сувайдои Сари Хосор.

Ҳар як сайёҳи омада вақте ба ҳам омадани дарёҳои Оби Мазор, Оби Тира, Талхак, Шӯробдарёро бо чашми худ мебинад, дар ҳайрат мемонад, ки табиат чӣ зебоиҳо дорад. Чор дарё бо чор намуд ранг (сафед, кабуд, хокӣ ва сурх) ором ҷорӣ буда, вақте якҷоя мешаванд, дарёи пурталотуми суп-сурх – Сурхобро ташкил медиҳанд. Ва ин дарёи пурталотум мумкин аз он ҳисоб, ки аз чор дарё ба ҳам омадааст, хеле саркаш мебошад. Дарёҳо вақте сарҷамъ мешаванд, қуввату ғайрат даҳчанд мегардад.

Баҳорон мардуми соҳили ин дарё аз овози баланди ӯ гоҳо ба таҳлука меафтанд. Аммо қудрати одамӣ аз ҳама болост. Муттаҳидӣ ба инсонҳо низ қуввату ғайрат ато менамояд.



*Сарвари давлат дар оғӯши табиати зебои Сари Хосор*

# ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШ

***«Мо ҳамеша ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меоварем.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Ҷумҳуриамонро давлати ҷавону ҷавонон мегӯянд, чунки 70 фоизи сокинони онро шахсони синни то 30-сола ташкил медиҳанд.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар баланд бардоштани нақши ҷавонон, муҳайё сохтани шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, татбиқи сиёсат баҳри дастгирии ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тамоми шароити заруриро фароҳам овард.

Ҷавонони ноҳияи Балҷувон давоми солҳои соҳибистиқлолӣ фаъолияти худро дар асоси дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, баҳри татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, як қатор корҳоро ба анҷом расонидаанд.

Татбиқи дурусти сиёсати давлатии ҷавонон дар асоси барномаҳои комплексӣ дар ноҳияи Балҷувон самараи дилхоҳ дода истодааст. Айни замон баҳри таҳкими дурусти корбарӣ ва татбиқи босамари фаъолият дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди варзиш дар ноҳияи Балҷувон ҷиҳати татбиқи амалии Барномаи «Миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021», Барномаи маҷмӯии «Рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021», Барномаи маҷмӯии «Рушди футбол

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» ва Барномаи «Тарбияи Ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» пайваста чораҷӯӣ карда, барои таъмин ва иҷрои барномаҳои мазкур ҳамасола аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағҳо ҷудо карда мешаванд.

Ба муносибати «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҷавонони фаъоли ноҳия дар чорабиниҳои фарҳангӣ ширкат меварзанд.

Тибқи Нақша-чорабиниҳо оид ба баргузории чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ, иттилоотиву таблиғотӣ, мусобиқаҳои оммавӣ-варзишӣ ва солимгардонӣ бо ташаббуси Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳия дар байни ҷавонон ва хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия озмунҳои ноҳиявии «Ватанпарвар», «Нонпази беҳтарин», «Маликаи Наврӯз», «Кадбону» ва ғайраҳо гузаронида шудаанд.

Бо варзиш фаро гирифтани ҷавонон яке аз самтҳои асосии фаъолиятии Бахш ба ҳисоб рафта, ҷиҳати рушди соҳа бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар ноҳия як мактаби варзишӣ фаъолият дорад, ки дар он 7 – мураббӣ аз рӯйи 5 – намуди варзиш: гӯштини тарзи Дзю-до, гӯштини миллӣ, футбол, тенниси рӯи миз ва шашкаи русӣ ба 170 – нафар кӯдакону наврасон машқҳои ҳамарӯза медиҳанд.

Дар соли 2020 дар мусобиқаи вилоятӣ 8 нафар варзишгарони ноҳия иштирок карда, аз онҳо дар вазни 46 кг Шаҳобуддини Ислом қувваозмоӣ намуда, сазовори ҷойи 1-ум гардид. Ҳамчунин дар ин мусобиқа Муҳаммадҷони Зикрулло дар вазни 55 кг сазовори медали нуқра шуд.

Дар маҷмуъ таълимгирандагони мактаби варзишии ноҳия дар мусобиқаҳои минтақавӣ ва вилоятӣ фаъолона ширкат варзида, дар натиҷа сазовори 22 медал гардиданд.

Номи Оймаҳмадова Зулхумор - омӯзгори муваффақ,

Ғоибов Салим - агрономи кордон, Гулмаҳмадзода Фаридун - хонандаи синфи 10, Исломзода Марзия - донишҷӯ, Фирӯзи Баҳром - варзишгарро ба забон овардан мумкин аст, ки дар тамоми чорабиниҳои бахши ҷавонон ва варзиш фаъолона ширкат варзида, боиси ҳурмати ҷавонони ноҳия шудаанд.

Байни мардуми сарзамини куҳанбунёди Балҷувон аз давраҳои хеле қадим намудҳои гуногуни варзиш ва бозиҳои варзишӣ, аз қабили чавгонбозӣ, гӯштингирӣ, асптозӣ, бузкашӣ, пойга, гурзандозӣ, сангпартоӣ, дорбозӣ, дастхобонӣ, нишонзанӣ, тирпарронӣ, ба дарозӣ ва баландӣ ҷаҳидан, чилликдангал ва дигар намудҳои миллии варзиш маъмул буданд. Дар тӯю ҷашнҳо ва дигар маъракаҳои хурсандӣ варзишгаронро аз дуру наздик даъват карда, мусобиқаҳо доир менамуданд ва ғолибонро бо туҳфаҳо қадр мекарданд.

Мардуми саховатпешаи ин диёр дар ҳамаи ҷамоатҳо ба тариқи ҳашар ё аз ҳисоби саҳмдорон майдонҳои варзишӣ сохта, ба истифодаи умум додаанд. Ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи раиси Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён дар маркази ноҳия толори варзишӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Дар деҳаи Шаидони Ҷамоати деҳоти Сари Хосор аз тарафи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон майдончаи варзишӣ сохта шуд.

Чорабиниҳои варзишӣ дар рӯзҳои ҷашни «Наврӯз», «Ваҳдат», «Истиқлолият», «Меҳргон» бо шукӯҳу шаҳомати хосса гузаронида мешаванд. Мусобиқаҳои човандозӣ аз рӯи бузкашию пойга бошад, асосан дар фасли зимистон ва иди «Наврӯз» сурат мегиранд.

Ҷавонони ноҳияи Балҷувон сабақҳои Истиқлолияти давлатиро ҳаматарафа омӯхта, зери шиори «Варзиш – ҳаёти солим, зебоӣ ва ҷасурию далерӣ» амал менамоянд.

# НИГОРАҲО – ХОТИРАЕ АЗ НИЁГОН

Дар ноҳияи Балҷувон фонди нигораҳо ва осорхонаҳо зиёда аз 4030 ададро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар обод намудани Осорхонаи ноҳия саҳми шодравон собиқ директори он Миров Саид бениҳоят назаррас мебошад.

Миров Саид соли 1940 дар деҳаи Дишехи ноҳияи Балҷувон дар оилаи хизматчии давлатӣ, Вакили маҷлиси Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Балҷувон Шарифов Мир таваллуд шудааст. Шарифов Мир соли 1942 ихтиёран ба фронт рафта, соли 1943 дар яке аз муҳорибаҳои шадиди зидди душманон қаҳрамонона ҳалок гардидааст.

Соли 1944 модараш низ вафот мекунад ва Саиду хоҳараш Давлатбӣ ятими кулл мемонанд.

Соли 1948 оилаи онҳоро чун дигар мардуми кӯҳистони Балҷувон муҳоҷир карда, ба ноҳияи Фархор мебаранд.

Миров Саид мактаби миёнаро дар деҳаи Бобосафоли ноҳияи Фархор хонда, соли 1959 онро хатм мекунад ва ҳамон сол ба Омӯзишгоҳи мусиқии ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ Ленин) дохил мешавад.

Соли 1961 Миров Саид ба ноҳияи Фархор омада, дар хонаи маданияти ноҳияи мазкур ба кор медарояд. Пас аз якчанд соли фаъолияти меҳнатӣ ӯро ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ даъват мекунанд. Миров Саид хизмати Модар-Ватанро дар шаҳри Москва адо карда, соли 1966 ба Тоҷикистон бармегардад ва ҳамон сол ба вазифаи Директори хонаи маданияти ноҳияи Фархор таъин карда мешавад.

Миров Саид соли 1977 бо аҳли оилааш кӯчида, ба деҳаи Туркои ҷамоати деҳоти Балҷувони ноҳияи Совет омада, ба ҳайси мудири клуби деҳа фаъолияти меҳнатии худро идома медиҳад.

Миров Саид ба таърих, мавзеъҳои таърихӣ, ёдгориҳо ва нигораҳои таърихӣ аз рӯи меҳру муҳаббат таваҷҷуҳи зиёд дошт. Ӯ ҳамеша кушиш дошт, ки рӯзгору оини гузаштагони худ ва умуман гузаштагони халқи худро омӯзад, нигораҳоро гирд оварад, ба намоиш гузорад, то ба дигарон муаррифӣ намояд. Бо ҳамин мақсаду нияти нек Миров Саид соли 1979 дар назди клуби деҳа осорхонае таъсис дод. Осорхона дар рӯзҳои аввал нигораҳои кам, балки ангуштшумор дошт. Вале ҷаҳду талош ва садоқату муҳаббати беинтиҳои муассисаш теъдоди нигораҳои онро рӯз то рӯз, балки соат ба соат зиёд мекард.

Миров Саид шабу рӯз дар фикру ҷустуҷӯи осори таърихӣ ва нигораҳои таърихӣ буд. Борҳо ба тамоми деҳоту мавзеъҳои ҳудуди ноҳияи Балҷувон пойи пиёда сафар карда буд. Тамоми мавзеҳои таърихии ноҳияро ҷустуҷӯ мекард, то аз таъриху рӯзгори гузаштаи халқи худ осоре ва нигорае пайдо кунад. Барои пайдо ва дастрас кардани нигорае, ҳеҷ боигарӣ ва ҳатто саломатии худро дареғ намедошт.

Оре, ӯ воқеан ҳам фидоӣ буд, фидоии пешаи интихобкардааш, фидоии нигаҳдошти осори таърихии халқи худ ва фидоии миллати худ!

Миров Саид бо мақсади пайдо кардани нигораҳои таърихӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ сафарҳои зиёде мекард. Бо шунидани овозаи бозёфти як нигорае садҳо километр роҳро тай мекард, то онро дастрас намуда, ба осорхонаи Балҷувон биёварад.

Натиҷаи меҳнати софдилона ва садоқатмандонаи ӯ буд, ки дар осорхонаи таъсисдодааш зиёда аз 2 650 адад нигораҳои таърихиро гирд оварда, ба маърази тамошо гузошт.

Миров Саид таърихи ҳар як нигораи осорхонаашро медонист ва метавонист нисбати ҳар кадоми он бо рағбат соатҳо суҳбат намояд, маълумот пешниҳод намояд-

маълумоти илмӣ, воқеӣ ва таърихӣ. Ин муҳаббату садоқат ба ҷойи кору пешаи интихобкарда сабаб мешуданд, ки Осорхонаи Мир Саид ҳамеша диққати бинандагонро ба худ ҷалб мекард ва тамошояш фикру андешаи онҳоро ба умқи таъриху гузаштаи дури рӯзгори ниёгон мебурд.

Осорхона барои муассисаш Миров Саид даргоҳи муқаддас ба ҳисоб мерафт. Овозаи осорхонааш дар тамоми ҷумҳурӣ паҳн шуда буд. Васфу сифати нигораҳои ҷолибу қадимӣ ва сершумори осорхонаи Балҷувонро тамошобинонаш ба тамоми гӯшаҳои Тоҷикистон мебурданд.

Меҳнату заҳматҳои шаборӯзии ин ватандори сарсупурда Миров Саид аз ҷониби сохторҳои соҳавӣ қадрдонӣ гардидаанд. Аз ҷумла, бо Қарори ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶШС Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 1980 ба Осорхонаи Балҷувон номи «Осорхонаи мардумии ноҳияи Балҷувон» дода шудааст.

Миров Саид 5-уми ноябри соли 2018 аз дунё чашм пӯшид. Вале пас аз худ осоре гузошт хеле ҷолиб, осори диданӣ, осори садоқат ба гузаштаи халқи худ ва осоре аз рӯзҳои гузашта, ки номи ӯро барои наслҳои оянда зинда нигоҳ медоранд.





*Миров Саид - Директори Осорхонаи мардумии ноҳияи Балҷувон бо баъзе аз нигораҳо.*



# ҚАЛЪАИ БАЛҶУВОН

Қалъаи Балҷувон солҳои 30-юми асри Х1Х аз ҷониби мири Кӯлоб Товулхон (Ахтахон) сохта шуда, баъдан, Мизробхон онро васеъ ва мустаҳкам кардааст. Академик Бартолд В.В. дар ёддоштҳои худ менависад, ки дар Бухоро як дастнависеро пайдо кардааст, ки дар он чунин навишта шудааст: «Дар солҳои 1827-1828 Октахон ба ҷойи падараш Тавулхон ҳокими Балҷувон мешавад. Дар ин вақт Қалъаи Балҷувон дар рӯ ба рӯи Қалъаи нави Балҷувон қарор дошт (ҳоло дар ҷойи он хонаи истиқоматӣ бино гардидааст) Октахон бо розигии аҳолии маҳаллӣ дар ҷойи қалъаи ҳозира қалъаи навро месозад».

Дар солҳои 30–юм ва 40–уми асри Х1Х бекигарии Балҷувон нисбати ҳамсояҳояш пуриқтидортар ва мустақил будааст. Тахмин меравад, ки дар асри Х1Х то ҳукмронии Сарабек минтақаи Кӯлоби ҳозира шаҳри Балҷувон будааст.

Аз руи хабари сайёҳони тоинқилобии рус Қалъаи Балҷувон дар як мавзеи алоҳида, ҷудо аз шаҳр дар ҷойи баланди канори дарё ба шакли «Лонаи уқоб» сохта шуда будааст. Девори Қалъа дар баракии тақрибан ҷарӣ қарор дошт. Деворҳои бурҷи он ба доманаи кӯҳ часпида буданд. Дарвозаи Қалъа бошад, рӯ ба сӯи шаҳр гузошта шуда буд.

Мувофиқи навиштаҳои бостоншинос А.Э.Снесарёв «Аз рӯи характери дурнамо Қалъа дар ҷойи мувофиқ сохта шуда буд. Тавассути нишебии обдараи соҳили дарёи Сурхоб Қалъа дастнорас буд. Тақрибан тарафи соҳили дарёи Талхак низ дастнорас ба назар мерасид, чунки аз кӯчаҳои танг ва кӯтали сахт ба Қалъа мебаромад. Қалъа бо девори ғафс ва дарвозаҳои мустаҳкам иҳота шуда буд. Дар қисми ҷанубии Қалъа хеле пасттар аз он дар соҳили дарёи Талхак қариб то наздикиҳои девори Қалъа чорбоғи бекигарӣ, яъне бо номи боғи мирӣ мавҷуд буд». Ҳамаи иншоотҳои шаҳр ва бозор як қисматашон дар ҳамвории соҳили дарё то нишебиҳои девори Қалъа сохта шуда буданд.

Мувофиқи навиштаҳои бостоншинос Логофет «Аз таги айвони қаровулсарой қаторҳои тулонии дуконҳои бозор намудор буданд, ки дар пеши онҳо анбуҳи мардум, ки аз роҳи дур ба инҷо меомаданд, саргарми хариду фурӯш буданд.».

Қалъа дар суфаи ҳафтодметраи баланде сохта шуда, дар макони якҷояшавии чор дарё - Шӯробдарё (Сурхоб), дарёи Талхак, Оби Мазор ва Тира ҷойгир шуда буд.

Қалъа дар ҷое бино ёфта буд, ки барои назорати роҳҳои даромаду баромади шаҳр бисёр мувофиқ буд. Мувофиқи акси Қалъа, ки аз тарафи аксбардори англис Вилсон Ричмерс дар соли 1906 аксбардорӣ шудааст, мавқеи ҷойгиршавии Қалъа аз се зина иборат будааст. Дар ду зинаи болоии Қалъа дарбор ҷойгир кунонида шуда, баландии фарқи байни зинаҳо чор метрро ташкил медодааст. Дар суфаи зинаи поёнӣ биноҳои ёрирасон, ё ки хоҷагидорӣ ҷойгир будаанд. Даромадгоҳ ба Қалъа аз тарафи қаноти ғарбӣ буд. Ҳамаи сохтмонҳои поёнӣ, ки тиреза надоштанд, нақши истеҳкомро иҷро менамуданд. Дар болои онҳо айвон (долони) серсутуне сохта шуда буд. Дар зинаи болоӣ яъне зинаи сеюм бинои ҷойгиршавии хизматчиёни ҳарбӣ ва муҳофизин қарор дошт. Аз Қалъа қад-қади чапи суфачаи лаби ҷарӣ девори муҳофизатӣ бо бурҷҳои дидбонӣ сохта шуда буд. Роҳи ба Қалъа баромадан аз соҳили чапи дарёи Талхак оғоз мегардид, ки аз рӯи диагонал суфаи нишебиро бурида мегузашт. Роҳрав шағалрез шуда буд. То ҳол он дар баъзе қисматҳои роҳрав маҳфуз мондааст. Дар поёни ҷарӣ, ки дар ҳозира хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон бино гардидаанд, корвонсарой ҷойгир будааст.

Балҷувон дар гузашта яке аз қадимтарин ва калонтарин вилоятҳои таърихӣ дар аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт. Аз охирҳои асри 19 сар карда, Остонқулбек, Авлиёқулбекбӣ, Исҳоқбек, Субҳонқулбек, Сарахонбек, Абдукаримбек, Давлатмандбек пайи ҳам дар бекигарии Балҷувон ҳукмронӣ намуда будаанд.

Доир ба мустаҳкамӣ ва устувории Қалъа бисёр сайёҳону ҳарбиёни рус, ки ба ин ҷонибҳо бо мақсадҳои гуногун сафарҳо мекарданд, қайдҳо намудаанд. Аз рӯйи тасвири онҳо Қалъа дар баландии 70 метр аз сатҳи замин қарор гирифта, барои душман қариб ки дастнорас ҳисоб мешуд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандии 1921-1924 дар Қалъа гарнизони аскарони сурх ҷой гирифта буд. Баъдан, дар замони шӯравӣ Қалъа ҳамчун иншооти зулму истибдоди феодалӣ хароб карда, қисмати ҷанубии он ба қабристони мардуми русзабон ва кӯдакони ятимхона табдил дода шуда, қисмати шимолии Қалъа бошад, қариб якуним метр пасту ҳамвор карда, дар он трансформатор насб карда шуд. Дар натиҷа аз шаҳомати Қалъаи як вақтҳо пуриқтидор қариб чизе боқӣ намонд.

Ҳангоми корҳои барқарорнамоӣ тасдиқ гардид, ки як қисми биноҳои Қалъа аз хишти пухта бино ёфтааст, аз ҷумла ҳаммом ё таҳоратхонаҳо, сандаливу оташдонҳо ва ғайраҳо.

Бо мақсади барқароркунии Қалъа аз ҷониби Гурӯҳи корӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон оид ба амалӣ намудани корҳои ободонию созандагӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Балҷувон корҳои зиёде анҷом дода, тибқи муроҷиати Гурӯҳи корӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии Ҳукумат ба корҳои азнавсозии ин объекти муҳими таърихӣ мутахассисони соҳавии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб гардиданд.

Омӯзиши ҳолати азнавбарқарорсозии Қалъаи Балҷувон муайян намуд, ки дар солҳои 2008-2009 аз ҷониби бостоншиносони Академияи милли илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ҳафриётӣ гузаронида, дар асоси далелҳои раднопазир собит гардидааст, ки чуноне дар боло қайд гардид, як қисмати боқимондаҳои таҳкурсии иншоотҳои Қалъа аз хишти пухта бино карда шудаанд.



Бо мақсади дар сатҳи баланди касбӣ анҷом додани корҳо оид ба барқарорсозии Қалъаи Балҷувон, инчунин сохтмони бинои нави «Осорхонаи бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ» дар ноҳияи Балҷувон бо ташаббуси Гурӯҳи корӣ якчанд маротиба бо роҳбарият ва мутахассисони Муассисаи давлатии «Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолӣ оид ба тармими ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯриҳо гузаронида, масъалаҳои мазкур дар ҷаласаҳои назди Президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Гурӯҳи корӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон оид ба амалӣ намудани корҳои ободонию созандагӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (24 июни соли 2020 ва 4 марти соли 2021) мавриди омӯзишу муҳокимаҳо қарор дода, барои мушаххас намудани самтҳои фаъолият, муайян намудани мақоми Осорхона ҳамчун ҷумҳуриявӣ, омода

намудани Консепсияи азнавсозии Қалъаи Балҷувон, интихоби маводи сохтмонии муносиб, омода намудани кормандон барои фаъолият дар Қалъа ва Осорхона ва ғайраҳо чораҷӯиҳо идома доранд.

Имрӯзҳо бо ташаббуси Гуруҳи корӣ оид ба амалӣ кардани нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Муассисаи давлатии «Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолӣ оид ба тармими ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмати Дарвозахонаи Қалъаи Балҷувон барқарор карда шуда, корҳои азнавсозӣ ва барқарорсозӣ идома доранд.

Дар асоси Консепсия барои барқарорсозии мукаммали Қалъаи Балҷувон анҷом додани якчанд корҳои таъмиру сохтмонӣ пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла, таъмири боми Дарвозахонаи Қалъа, азнавсозӣ намудани саҳни даромадгоҳи Дарвозахона ва девори атрофи он, чӯбкорӣ намудани сақфи ҳуҷраҳои дохили Дарвозахона, ба тартиб даровардани нигораҳои дохили Қалъа, барқарорнамоии толори қабулгоҳи ҳокими Балҷувон бо хишти пухта, барқарор намудани растаи ҳунармандон ва роҳи пиёдагарди Қалъа дар қисмати шарқии он бо истифода аз сангҳои табиии маҳаллӣ, шинонидани дарахтҳо ва гулу буттаҳо дар қисмати дохил ва дар атрофи Қалъа ва ғайраҳо.

Азнавсозии Қалъаи Балҷувон, сохтмони бинои нави Осорхонаи бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ва ба маърази умум гузоштани бозёфтҳои таърихӣ гузаштаи бостонию, асрҳои миёна ва замони нави ин куҳандиёрро ба сайёҳони дохилию хориҷӣ бо забони далелҳои рӯшан муаррифӣ хоҳад намуд.

# СЕ ҚАҲРАМОН АЗ ЯК МАКОН

***«Хотираи онҳое, ки аз ҷанг барнагаштаанд, яъне ҷони худро ба хотири озодӣ аз истеъмори фашистӣ қурбон кардаанд, дар саҳифаҳои таърих бо хати заррин навишта хоҳад шуд.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фарзандони Тоҷикистон дар як саф бо намояндагони дигар халқу миллатҳои ИҶШС дар набардҳо фаъолона иштирок намуданд. Ҷанг бисёр нақшаҳои бунёдкорӣ ва созандагиро, ки дар сатҳи чумҳурӣ, вилоят ва ноҳияи Балчувон бояд ба ҳаёт татбиқ када мешуданд, ба таъхир андохт. Тамоми қувва ба фронт, барои ғалаба, барои муҳофизати Ватан равона шуда буд.

Моҳи июни соли 1941 Комитети Иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба халқ мурочиат намуда, сафарбарии умумӣ ба фронтро эълон намуд. Ин мурочиат аввалин шуда дар деҳшӯрои Саталмуши ноҳияи Балҷувон ҳамовозӣ пайдо намуд. Дар ин деҳшӯро рӯзҳои 1-8 июли соли 1941 сафарбарии умумӣ ба фронт эълон карда шуд. Аз деҳаи Дараи Боҳтур ҷавонони шуҷоу далер Тошбой, аз деҳаи Арарак Файзалӣ Шариф, аз деҳаи Сари Ҷар Наим Раҳим, Давлат Назар, Сафар Талбак, аз деҳаи Каштут Шариф Наимов, Сафар Ҳакимов, аз деҳаи Чилатош Ҳайдаралӣ ва Умаралӣ Шарифовҳо аввалин шуда ихтиёрӣ номи худро барои ба ҷанг рафтан сабт карданд (Филиали Бойгонии Давлатии Марказии РСС Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, ф,7, оп.1, д22, варақаи 53.)

Аз моҳи июли соли 1941 то якуми апрели соли 1942 меҳнаткашони Балҷувон ба фронт ба ҷанговарони шӯравӣ ва дастгирии сарбозон 190 сандуқ туҳфа аз ҳар хел меваҳои хушк, 30 ҳазору 678 сӯми нақд, 84 ҳазору 720 сӯмина облигатсия, 41 сар бузу гӯсфанд, 765 кг пашм, 647 пӯсти гову гӯсфанд, 9 дона пӯсти рӯбоҳ, 21 килою 310 грамм нуқра доданд (Рӯзномаи «Коммунисти Балҷувон», 6-уми июли соли 1942).

Мардони бонангу номуси Балҷувон бо азму иродаи қавӣ дар баробари миллатҳои дигари Ватан ба даст силоҳ гирифта, дар сангарҳои пуроташи ҷанг ҷонбозиҳо карданд ва қарзи ватандории хешро бо сарбаландӣ адо намуданд.

Занону наврасон ва мӯйсафедон дар ақибгоҳ заҳмати зиёде кашида, барои таъмини ғалаба молу амволи хешро дареғ намедонистанд. Ба фронт посилкаҳо бо маводи гуногун: ҷӯроби пашмин, дастпӯшаки чармин, мӯзаи намадин, телпак, пӯстинча, меваи хушки зардолу, олу ва дӯлона, чормағз, кулчаи хушк фиристода мешуд.

Бояд қайд намуд, ки аз 260 деҳае, ки дар 43 хоҷагии коллективии Балҷувон муттаҳид шуда буданд, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар фронт 7696 нафар ширкат варзида, аксарияти онҳо дар ҷанг шаҳид гардиданд.

Аз як ноҳияи нисбатан хурди Балҷувон сазовори номи олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ шудани се нафар, албатта, нишонаи он аст, ки ин мулк ҷавононеро ба воя расонидааст, ки ҷасуру далеру ватандӯст мебошанд.

Саидқул Турдиев, Исмат Шарифов ва Сафар Амиршоев ифтихори на танҳо мардуми Балҷувон, балки ифтихори тоҷикистониён ва Иттиҳоди Шӯравӣ мебошанд.



**Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Турдиев Саидқул Алиевич** соли 1912 дар деҳаи Хонаободи Балҷувон ба дунё омадааст.

Саидқул Турдиев баъди дар Хатлонзамин барқарор шудани Ҳукумати Шӯравӣ то дараҷаи ҷонишини комиссари халқии зироати РСС Тоҷикистон расидааст. Саидқул Турдиев июни соли 1941 ихтиёрӣ ба фронт рафт. Ӯ дар ҳайати полки 342-юми тирандозӣ ва дивизияи 136-уми тирандозии Армияи 38-уми Степной, ки аз октябри соли 1943 ба Фронти якуми Украина табдил шуда буд, меҷангид.

Саидқул Турдиев дар дивизияи тирандозӣ сардори қисми пулемётчиён буд ва дар ин корзор дар ҳамвории Конга-заспа қаҳрамонона ҳалок гардид (Л.Сечкина, Фарзандони шарафманди Тоҷикистон, Душанбе, «Ирфон», соли 1968, саҳ. 78.)

Ба Саидқул Турдиев 10 январи соли 1944 барои шуҷоат ва қаҳрамонӣ бо Укази Президиуми Шӯрои Олии СССР баъди ҳалок шуданаш, номи олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд.

Барои абадӣ гардонидани хотираи неки Саидқул Турдиев муҷасаммаҳои ӯ дар шаҳри Кӯлоб, деҳшӯрои ноҳияи Балҷувон гузошта шуда, ятимхона, мактаб, кӯча номи ӯро доранд.



**Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов** соли 1915 дар деҳаи Этаркаи Балчувон ба дунё омадааст. Ӯ дар қатори садҳо чавонони шӯҷоу далер ва ҷасури Балчувон дар сафи аввалинҳо ихтиёрӣ барои ҳимояи Ватан номашро сабт намуд.

Исмат Шарифов дар ҳайати Фронти дувуми Украина, дар полки 86–уми тирандозии дивизияи 294-ум ҷангидааст.

Исмат Шарифов дар амалиёти назди Корсун Шевченковский, ҷанубтари Звенигород, Кировоград, Итола дар муҳорибаҳои шадид иштирок намуда, ҷасурона ҷангидаааст.

Ба Исмат Шарифов барои шуҷоат ва мардонагӣ бо Укази Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 13 сентябри соли 1944 номи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шудааст.



**Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Сафар Амиршоев** моҳи декабри соли 1912 дар кӯҳистони Балҷувон ба дунё омадааст.

Сафар Амиршоев дар рӯзҳои аввали ҷанг ихтиёрӣ ба фронт рафта, корнамоиҳои бемисл нишон додааст. Ӯ дар озод намудани шаҳру деҳаҳои Белорусия аз

фашистон фаъолона иштирок намудааст. Дар яке аз муҳорибаҳо чусту чолокӣ ва далерӣ нишон дода, дар несту нобуд намудани панҷ пулемёт, се тӯп, ду автомашинаи зиреҳпӯши ҷангӣ ва зиёда аз сесад нафар сарбозону афсарҳои немис саҳми босазо гузоштааст.

Тобистони соли 1944 командири тӯпи батареяи полки 213-уми артиллерӣ, сержанти калони гвардия Сафар Амиршоев дар яке аз задухӯрдҳои мусаллаҳона барои озод намудани маҳалли калони аҳолинишин қаҳрамониҳо нишон додааст.

Барои мардонагӣ ва шуҷоат ба Сафар Амиршоев бо Укази Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 25 сентябри соли 1944 баъди ба ҳалокат расиданаш номи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд. Вай дар шаҳри Жижморйяи Литва ба хок супорида шудааст. Дар болои қабраш тӯпи вай гузошта шудааст, ки дар муҳорибаҳои пуршиддат аз 63 ҷояш тир хӯрдааст.

Ватан аз қаҳрамониҳои фарзандони фарзонаи худ ифтихор дошта, ҷоннисориҳои онҳоро ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард.

# ФАРЗАНДОНИ БАРУМАНДИ БАЛҶУВОН

***«Модари тоҷик, ки дар тӯли асрҳои дароз ба инсоният ҳазорон алломаву нобиғаҳо додааст, сиёсатмадорону давлатдорони бузург, паҳлавонону қаҳрамонони миллатро дар домани покаш парваридааст, имрӯз ва оянда низ қодир аст, фарзандоне ба дунё орад, ки номбардорони аҷдоди хирадманду сарбаланди худ бошанд ва ба ганҷинаи тамаддуни башарият мисли гузаштагони хеш дурдонаҳои ноб ҳамроҳ намоянд».***

***Эмомалӣ Раҳмон***



## Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ

*Бувад ҳар нуқтаи девони*
*Ҳоҷӣ олами ҳайрат,*
*Ки карда аз баёзи дидаи*
*бедор таҳрираш.*

Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ соли 1868 дар маҳаллаи Қарақамиши деҳаи Кангурти бекигарии Балҷувон таваллуд шудааст. Падараш Зокири девонбегӣ шахси босавод ва бомаърифат буд. Савод ва дониши аввалияро Ҳусайн аз падар гирифта, бо ҳидояту роҳнамоии ӯ барои донишомӯзӣ ба шаҳри Бухоро меравад. Чандин муддат дар мадрасаҳои Турсунҷону Рашидии Бухоро таҳсили илм менамояд. Дар

ҳамин ҷо шеърҳои нахустинро эҷод намуда, ҳунари хаттотӣ ва забони арабиро меомӯзад. Баъди хатми таҳсил ба ҳаҷ рафта Эрону Ироқ, Арабистон, Афғонистону Ҳиндустон ва Фаронсаро саёҳат менамояд. Баъди чандин соли саёҳат ба зодгоҳаш баргашта, дар мадрасаи он ҷо ба толибилмон дарс меомӯзад.

Шуҳрати адабии шоир дар овони ҳаёташ ба атроф, то ҳадди Самарқанду Бухоро ва дигар ҳудудҳо густариш ёфт. Ӯ дар умри начандон тӯлонияш тавонист аз худ осори гаронбаҳое боқӣ гузорад. Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайн соли 1917 дар синни 49 солагӣ вафот намудааст.

Ҳанӯз соли 1913, дар вақти қайди ҳаёт буданаш Куллиёти осори шоир дар шаҳри Тошканд чоп шуда буд.

Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайн гуфтааст: «Ӯ яке аз ситорагони дурахшони адабиёти тоҷику форс аст, ки дар рушду такомули фарҳанги миллии мо саҳми шоистаи хешро гузоштааст.»

Аз Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайн тақрибан 260 ғазал, рубоиёт, 31 мухаммасу мусаддас, 2 қасида, 5 марсия, 12 таърих, маснавиҳои «Василат-ун-наҷот», «Таърихи ҷавдат», достони «Комде ва Мадан» боқӣ мондааст.

Эҷодиёти шоир гуногунжанру гуногунмавзӯъ буда, ҳар кадоме аз эҷоди ӯ баёнгари ҳунару истеъдоди волои шоир буда метавонад. Ӯ дар ғазалиёташ дар баробари истифодаи таъбиру ифодаҳои наву номустаъмал вожаҳову номҳоеро истифода кардааст, ки дар эҷодиёти аксари шоирони пешгузаштааш ба назар намерасанд. Номҳои таърихии Помфил, Хирхиз, Судон ва дигар мавзеу маҳалҳо, вожаҳои наву камистифода ножу (сарв), яшик (русӣ - қуттӣ), вилла (иморат) аз фарохии донишҳои забониву ҷуғрофии шоир дарак медиҳанд. Умуман, шоир фарҳанги зиндаи замони худ ба шумор мерафтааст, ки дунёи вожаҳо ва таъбиру ифодаҳои забониву фарҳангиро дар худ ғунҷоиш дода будааст.

Куллиёти Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайн бо мусоидату дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019 дар нашриёти «Адиб» ба нашр расонида шудааст (таҳияи матн ва шарҳу тавзеҳоти Қамчин Чиллазод ва Амирхӯҷа Абдураҳимӣ).

Намунаҳо аз ашъори Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайн.

*Арши суханро бидиҳам бартарӣ,*
*Фарши хирадро бикунам заргарӣ.*
*Файзи сухан бахшиши субҳонӣ аст,*
*Табъи накӯ рутбаи инсонӣ аст.*
*Тифли башар, чун бирасид аз адам,*
*Наѓмаи ӯ соз зад ин зеру бам.*
*Субҳи баён аз лаби ӯ бардамид,*
*Шоми маонӣ зи дамаш рӯсапид.*
*Рутбати ӯ чунки суханпарварист,*
*Бар ҳама аѓёр варо бартарист.*

* * *

*Муқими хонаро роҳат расад музди нишастанҳо,*
*Расад дар кулбаи ойина сурат бе давиданҳо.*
*Зи бемаѓзӣ, ҳубобосо, дар ин ҷо худнамоёнро*
*Ба зери гунбади дастор нопайдост гарданҳо.*
*Бадон аз ихтилоти некувон ширинnамо бошанд,*
*Шавад дӯѓи туруш, чун шир танҳо шуд зи равѓанҳо.*
*Ба чашми танги мардум аз заифӣ метавон рафтан,*
*Ки ѓайри риштаро раҳ нест дар суфори сӯзанҳо.*

* * *

*Набошад поси номуси вафо қалбошнойиро,*
*Баҳори ранги бӯ набвад гули суратнамойиро.*
*Замин муштоқи мушти устухони туст, эй ѓофил,*
*Кушода чун ҳумо минқору чанги сахтхойиро.*

*Машав беҳуда дар банди қабову афсари шоҳӣ,*
*Ба зери бори ӯ то нашканӣ дӯши гадойиро.*
*Дили аҳли сафо гар хаста шуд, ислоҳ бипзирад,*
*Шикасти шиша кай гирад илоҷи мумиёиро.*
*Ту, зоҳид, зуҳд кун, рамзи гуноҳу афв кай донӣ,*
*Бубахшад нур ҷуз дар шоми зулмат рӯшнойиро.*
*Зи сӯзи дил агар созе ба қонуни зуҳур ояд,*
*Зи ҳайрат мегазад сӯрохи най ангушти нойиро.*
*Маҷӯ осори некон аз сириште зишти бадаслон,*
*Ки ҳар нофе набахшад накҳати нофи хитойиро.*
*Надоматфитратам, з-оғози тифлӣ ин амал дорам,*
*Ки хӯрдам хуну кардам шеваи ангуштхойиро.*
*Ҷаҳони санъатам, дар баҳри маънӣ гавҳарэъҷодам,*
*Вале ҳамчун садаф, Ҳоҷӣ, надонам худситойиро.*

Аз рубоиёт.

*Бо аҳли ҳунар нишину шахси доно,*
*Гар заҳр диҳад, бихӯр чу шаҳду ҳалво.*
*В-аз суҳбати ноаҳлу касони ҷоҳил,*
*Пайванд агар бувад, табарро бинмо.*

* * *

*Бо булҳавасӣ гузашт аёми шабоб.*
*Андар пайи молу ҷоҳу фикри асбоб.*
*Чун дид, ҷавонӣ ҳамчу тире бигузашт,*
*Пирӣ ба қади ҳамчу камон кард шитоб.*

* * *

*Моро ба дили фигор мепурсӣ ҳеҷ?*
*Аз қолаби бемадор мепурсӣ ҳеҷ?*
*Умрам ба сар омад аз ғами танҳоӣ,*
*Эй шоҳиди гулъизор, мепурсӣ ҳеҷ?*

* * *

Ёре, ки ҷафо кунад, аз он ёр чӣ суд?
Гар ҳур бувад, бувад ситамгор, чӣ суд?
Умре, натавон дар ӯ накукорӣ кард,
З-он умри дарози носазовор чӣ суд?



## Бобоюнус Худойдодзода

Бобоюнус Худойдодзода 9 феврали соли 1875 дар деҳаи Косатароши ноҳияи Балҷувон ба дунё омадааст. Падараш марди камбағале буда, дар шӯриши Восеъ иштирок доштааст.

Бобоюнус Худойдодзода аз ҷавонӣ ятим монда, мардикорӣ мекардааст. Соли 1916 барои кор дар ақибгоҳи аскарони рус ба Русия фиристода шуда, Инқилоби Октябрро соли 1917 дар Тошканд пешвоз гирифтааст, ки достонҳои ӯ «Революцсия» ва «Дар бораи Ленин» зодаи ҳамон айёманд.

Соли 1919 ба зодгоҳаш баргашта, дар бунёди ҳаёти нав ҳисса гузоштааст. Аз аввалин аъзои колхози навташкил буда, яке аз бунёдкорони роҳи мошингарди Сталинобод-Кӯлоб будааст.

Дар мактаби шеъру суруди халқӣ ба воя расида, дар бистсолагӣ «Гӯрӯғлӣ»-ро азбар кардаву дар байни мардум ҳунарнамоӣ мекардааст. Сурудҳои эҷодкардаашро хонда бойҳои бераҳмро ҳаҷв карда, мардумро ба ҳаётдӯстӣ ва азму талош даъват менамудааст.

Ҳамчун гӯяндаи мумтози қиссаҳои «Оймаҳмад», «Ҳотам», «Гулъизор», «Шаҳри Мунг» ва ғайра шинохта шудааст.

Истеъдоди ӯ дар сурудани шеърҳои созгори замони нав комилтар гардида, ҳар падидаи тоза ӯро ба илҳом овардаву сурудаш ба атроф болу пар мекушодааст.

«Достони Восеъ»-и Бобоюнус Худойдодзода аз муборизаи ҷасуронаи мардуми далери кӯҳистони кишварамон барои бахту саодату озодӣ қисса мекунад.

Сурудаҳои ӯ дар китобҳои алоҳида, аксаран, фолклорӣ, ҷамъоварӣ ва чоп шудаанд. Чанде аз офаридаҳояш ба русӣ тарҷума ва нашр гардидаанд.

Бобоюнус Худойдодзода соли 1941 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки шоир дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр шеъру достонҳо офаридааст, аз қабили «Дар бораи Таня», «Сафар Амиршо», «Баҳодурони шаҳри Ленин», «Муҳаммадӣ Иброҳимов», «Ҷавоб ба душман», «Достони Муҳаммади Иброҳим», «Интиқомгирандагони халқ», «Қувваи мо», «Фронт ва ақибгоҳ» ва ғайраҳо. Шоир дар ин шеъру достонҳояш ҷанговарони тоҷикро ба далерию мардонагӣ ҳидоят намудааст.

Баъд аз ғалабаи халқи советӣ бар фашизм шоир хушнуд гардида, 20 майи соли 1945 дутор ба даст гирифта, «Суруди ғалаба»-ро сароид (Нальский Я. «Сурудҳои Бобоюнус Худойдодзода», Сталинобод, 1951).

Бобоюнус Худойдодзода 27 майи соли 1945 аз олам чашм пӯшид.



## Маҳмадалиев Миралӣ

Миралӣ Маҳмадалиев 10 марти соли 1914 дар деҳаи Сурхтеппаи ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст.

Аз соли 1940 то 1949 раиси колхози ба номи Крупская, аз соли 1950 то 2002 раиси колхози ба номи В.И.Ленини ноҳия Восеъ шуда фаъолият намудааст.

Миралӣ Маҳмадалиев намо-

яндаи мардумӣ дар Шӯрои Олии ИҶШС (даъватҳои 5-7) ва Шӯрои Олии Тоҷикистон (даъватҳои 4, 8, 10), аз соли 1971 аъзои Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон, аз соли 1969 узви Шӯрои умумииттифоқии раисони колхозҳо буд.

Миралӣ Маҳмадалиев барои хизматҳои арзанда дар рушди хоҷагии халқ бо 7 ордени Ленин, орденҳои «Инқилоби Октябр», «Байрақи сурхи меҳнат», 5 медали тилло, 2 медали нуқра, Ифтихорномаҳои Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст. Бо унвонҳои Арбоби давлатӣ, Устоди пахтаи Тоҷикистон (1947) сазовор дониста шуда, соли 1951 ба ӯ унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ дода шудааст.

Собиқ колхози ба номи В.И.Ленини ноҳияи Восеъ соли 2002 ба номи Миралӣ Маҳмадалӣ номгузорӣ шудааст.

Миралӣ Маҳмадалиев 21 марти соли 2002 дар ноҳияи Восеъ вафот кардааст.



## Абдулҳақов Нусратулло


Абдулҳақов Нусратулло 10 январи соли 1930 дар деҳаи Сияҳлояки ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Генерал – майори милитсия (1975). Фаъолияти меҳнатиашро соли 1944 ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидоӣ оғоз кардааст. Соли 1946 омӯзишгоҳи омӯзгорӣ ва соли 1948 факултети забон ва адабиёти Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлобро хатм намудааст. Аз соли 1948 то соли 1950 дар мактабҳои ҳафтсолаи ноҳияи Балҷувон кор кардааст. Аз соли 1950 то 1952 ба ҳайси Котиби якуми кумитаи комсомоли ноҳияи Балҷувон, аз соли 1952 то 1956 корманди кумитаи ҳизбии ноҳияҳои Балҷувон ва Данғара буд. Аз соли 1956 то соли

1960 дар мактаби олии ҳизбии назди Кумитаи Марказии ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ (ш.Тошкент) таҳсил карда, дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ фаъолият намудааст.

Абдулҳақов Нусратулло аз соли 1965 то соли 1972 Вазири корҳои дохилии ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Абдулҳақов Н. барои меҳнатҳои софдилона бо ду ордени «Байрақи Сурхи меҳнат», ордени «Нишони фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст.

Соли 2004 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.



## Афардӣ Сайф Раҳимзод

(Раҳимов Сайфулло Абдуевич)

*«Мехоҳам дунёро аз нав бисозам…*

*Қимати умри инсон дар кӯтаҳӣ ва дарозии он нест.*

*Барои мардумони имрӯз муҳим нест, ман кӣ будам, муҳим он аст, кӣ боқӣ мондам».*

*Афардӣ Сайф Раҳимзод*

Афардӣ Сайф Раҳимзод 20 ноябри соли 1953, дар деҳаи Дектури ноҳияи Балҷувон таваллуд шуда, 20 маи соли 2000 дар шаҳри Душанбе қотилони нохалаф риштаи умри ӯро буридаанд. Инсонеро аз байн бурданд, ки дили чун оина соф дошт.

Дастпарвари факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1975), Ходими давлатӣ, рӯзноманигор, нависанда, кинорежиссёр буд. Асарҳояш аз соли 1980 нашр шудаанд. Бо нашри нахустин ҳикояаш – «Гунҷишки сафед» аз ҷониби хонандагон шинохта ва пазируфта шуд. Сипас бо қиссаи зебову дилангезаш «Ситораҳои сари

танӯр» (1984) вай чун нависандаи навпардоз дар адабиёти тоҷик маҳбубият ва шуҳрат пайдо кард. Ӯ услуби фардӣ, тарзи нигориши хос дошт. Ба воқеияти зиндагӣ аз назари фалсафӣ менигарист. Олами маънавии инсон, махсусан, наврасонро бо маҳорати ҷолиб тасвир менамуд. Дар ҳикояҳову қиссаҳои Афардӣ аз асотир, нақлу ривоятҳои халқӣ ва китобӣ истифода шудааст ва онҳо бо рангомезиҳои ҷолибе ба хонанда пешниҳод гардидаанд. Асарҳои Афардӣ ба забонҳои русиву украинӣ, қазоқиву қирғизӣ, ӯзбекӣ ва ғайра тарҷума шудаанд.

Афардӣ соли 1987 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст.

Филмҳои офаридаи Афардӣ, ки хусусиятҳои хоси миллӣ доранд, бо тарзи офариниш, наворгирӣ ва ғайра ҷавобгӯи услуби филмофарии муосири ҷаҳонӣ мебошанд. Онҳо дар фестивал – озмунҳои байналмилалӣ, аз ҷумла кинофестивали Канни Фаронса, соҳиби ҷоизаҳо гардидаанд.

Афардӣ барандаи ҷоизаи ба номи Садриддин Айнӣ (1995) мебошад. Пас аз вафоташ, соли 2002 барои филми «Ситораҳои сари танӯр» сазовори ҷоизаи давлатии Чумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ дониста шуд. Ҳунари тозаҷӯйиву тозаандешиву тозанигории Сайф Раҳимзод дар қиссаи «Ситораҳои сари танӯр» хеле зебо, дилчасп, дилангез ва дилнаво ошкор гардидааст.

Қиссаву ҳикояҳои офаридаи ӯ - «Решаҳо», «Азёдҳо, аз ёдҳо», «Падруду пайғом», «Руъё», «Дурӯғи сафед», «Додараки фариштаҳо», «Доғистон», «Таронаҳо ва тавбаҳо» беҳтарин асарҳои адабиёти муосири мо ба шумор мераванд.

Аз рӯи ҳикояи «Падруду пайғом»-и Афардӣ коргардони кино Муҳаббат Сатторӣ филме офаридааст бисёр ҷолиб.

Ба хотираи неки ӯ дар ноҳияи Балҷувон яке аз ҷамоатҳои деҳот ва мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ба номи ӯ гузошта шудааст. Сайф Раҳимзод дар замири дили инсонҳои фарҳангдӯст мақоми хоси худро дорад.



## Ҳадиса Қурбонова

Ҳадиса Қурбонова 17 феврали соли 1940 дар деҳаи Шӯркаҳаки Сари Хосори ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Дар хонаҳои ятимони Сари Хосор, Балҷувон, Хуҷанд ва Шаҳринав тарбият ва камол ёфтааст. Хатмкардаи мактаб – интернати занонаи №10 шаҳри Душанбе, факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (1963) ва Донишкадаи полиграфии Маскав (ғоибона 1965) мебошад. Ихтисосаш рӯзноманигор.

Муаллифи китобҳои шеърии «Паймон» (1972), «Шукрона» (1980), «Нури Октябр» (1981), «Сомон» (1984), «Даргоҳи офтоб» (1986), «Дунёи ҷавонӣ» (1987), «Эҳсон» (2000), «Лоиқ намеояд дигар» (2001), «Хаймаи Хайём» (2012), «Шоҳин» (2014), «Сарир» (2020) ва ғайра мебошад.

Дар соҳаи драматургия низ қувва озмуда, соли 1973 намоишномаи «Муниса»-ро навиштааст, ки аз ҳаёти кӯдакони ятимхонаи Балҷувон ҳикоят мекунад ва дар театри драмавии вилояти Хатлон ба саҳна гузошта шудааст.

Намоишномаи «Машъали ҷовид», драмаҳои «Дуроҳа», «Зиндагӣ», «Савти нотамом» маҳсули қалами ӯ мебошанд.

Шеърҳои алоҳидаи ӯ ба забонҳои русӣ, беларусӣ, инчунин дар Афғонистон, Эрон, Чехословакия, Арабистони Саудӣ ва ғайра чоп шудааст.

Соли 1994 сазовори унвони фахрии «Корманди шоистаи маданияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» гардидааст.

Соли 2003 барои китоби «Лоиқ намеояд дигар» ба дарёфти ҷоизаи ба номи Мирзо Турсунзода мушарраф шудааст.

Дорандаи нишонҳои фахрии «Аълочии матбуоти Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва нишони «Сухан»-и Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Аз соли 1969 узви Иттифоқи рӯзноманигорон, аз соли 1978 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

Шоираи халқии Тоҷикистон.

Порча аз достони **«Хатлон»:**

*Балҷувон, эй ахтари пурнози ман,*
*Эй ҷаҳони кӯдакӣ, гулнози ман.*
*Номи ту гар даврае буд Балхиён,*
*Чун ғалат хонда навишти Балҷувон.*
*...Балхиён ё Балҷувон номат барам,*
*Эй навоям, эй садоям, шаҳпарам.*
*Бек будиву шукӯҳе доштӣ,*
*Чӣ ҳашам, чӣ обрӯе доштӣ.*
*Кӣ тавонад шарҳи ҳолатро намуд,*
*Сарвату дунёи молатро намуд.*
*Нафту газ, магниту торфат бебаҳо,*
*Сурбу тилло дар канори ту ба ҷо.*
*Сурма дорӣ кай ба абрӯят кашӣ,*
*Ту худат, ки моҳрӯву маҳваши.*
*Балҷувон, охир ту тоҷу тахти ман,*
*Ту сари болову воло бахти ман.*
*Ҳақ бувад, ки мардумат омад зи Балх,*
*Ганҷ буду боғу роғу руди Талх.*
*Аз қадим овозаат будӣ ба даҳр,*
*Рудҳову чашмаҳоят буду наҳр.*
*...Балҷувон ту дидаӣ ҳам ҳирсу оз,*
*Ҳар якеро буд бар ганҷат ниёз.*
*Чи зи Юнон, турку аъробу муғул,*
*Мерасид он тангчашмони чуғул.*

*Ҳар куҷо бинӣ бувад хоку туроб,*
*Қалъаи Мирам бигардидӣ хароб.*
*Бохтар, он модари сад шаҳри нав,*
*Балҷувон чун духтараш дар даҳри нав...*



## Раҳмон Сафар

Раҳмон Сафар нависандаи ҷангномонавис ва ҷӯянда буд. Ӯ бо меҳнати шаборӯзии худ рӯҳи ҳазорон ҳазор шаҳидонро аз ҳуҷҷатҳои пурчанг ҷамъ оварда, ба онҳо бори дуюм ҷон бахшид.

Раҳмон Сафар 5 августи соли 1930 дар деҳаи Шоҳраҷаби ноҳияи Балҷувон ба дунё омадааст. Ӯ соли 1948 Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, пас аз он Донишкадаи омӯзгории Кӯлобро хатм кардааст. Соли 1955 Омӯзишгоҳи ҳарбии Ярослав, соли 1962 Академияи Артиши Шӯравиро хатм карда, бист сол дар системаи комиссариати ҳарбии ҷумҳурӣ фаъолият бурдааст. Соли 1965 факултаи таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанберо ба поён расонидааст.

Аввалин навиштаҳои Раҳмон Сафар аз ибтидои солҳои 70-ум ба чоп расидаанд. Ӯ пайваста баҳри дарёфти корномаҳои тоҷикписарон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ талош меварзид. Дар натиҷаи чунин ибтикору ҷустуҷӯҳои фидокорона соли 1970 очерки ҳуҷҷатии «Ӯ мурдан намехост», соли 1973 қиссаи мустанади «Сафар Амиршоев»-ро ба қалам овард, ки драммаи ҳамноми он соли 1974 дар Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов ба саҳна гузошта шудааст.

Соли 1978 қиссаи мустанади «Фарзанди сарзамини ман», соли 1981 қиссаи ҳуҷҷатии «Қаҳрамони Вахш ва

Днепр»-и Раҳмон Сафар аз чоп баромаданд, ки дар бораи диловариҳои тоҷикписарони ҷасуру диловару қаҳрамон Домулло Азизов ва Саидқул Турдиев ҳикоя мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки гаронбаҳотарин натиҷаи заҳматҳои тӯлониаш китоби пурмуҳтавои «1001 корнома» мебошад, ки қисми аввалаш соли 1995, қисми дувумаш соли 2000 ва қисми сеюмаш соли 2010 аз чоп баромад.

Раҳмон Сафар барандаи Ҷоизаи комсомоли ленинии Тоҷикистон (1985), собиқадори Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ буда, ба ӯ унвони Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон дода шудааст.

Раҳмон Сафар аз соли 1978 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст.

Раҳмон Сафар хотираи фарзандони миллатро аз нав зинда намуда, аз худ низ хотираи нек гузошт.

Раҳмон Сафар 4 майи соли 2005 аз олам даргузашт.



## Шарифов Достӣ

Шарифов Достӣ 23 июни соли 1938 дар деҳаи Каштути ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Муаррих, доктори илмҳои таърих, профессор. Аълочии мактабҳои олии ИҶШС (1988), Аълочии маорифи Тоҷикистон (1998). Д.Шарифов хатмкардаи факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе (1961) мебошад. Мавзӯи тадқиқоташ таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии Хатлонзамин аз нимаи дуюми асри Х1Х то ибтидои асри ХХ1. Муаллифи зиёда аз 230 асару мақолаҳои илмӣ мебошад.

Д. Шарифов бо медалҳои «Собиқадори меҳнат» ва «Хизмати шоиста» мукофотонида шудааст.

Д. Шарифов барои омӯхтани таърихи Балҷувон корҳои назаррасе намудааст.

Шарифов Достӣ муаллифи асарҳои зерин ба ҳисоб меравад: «Солҳои пурошӯб» (Кӯлоб,1990), «Барои бунёди ҳаёти нав» (Кӯлоб, 1990), «Таърихи мухтасари Балҷувон» (Кӯлоб, 1993), «Тазодҳои зиндагӣ» (Кӯлоб, 2002), «Назаре ба таърихи тамаддуни Кӯлоб» (Душанбе, 2006) ва ғайраҳо.



## Зариф Ибод

Зариф Ибод 10 сентябри соли 1936 дар деҳаи Дараи Азимбойи ноҳияи Балҷувон ба ҷаҳон омадааст. Соли 1963 Донишгоҳи давлатии омзӯгории Душанберо хатм намудааст.

Фаъолияти адабиаш аз солҳои донишҷӯӣ сар шудааст. Маҷмуаи шеърҳои «Навоҳои зиндагӣ» (1978), «Давлати бедор» (1983), «Умед» (1985), «Аз нигоҳи дил» (1992), «Номус» (1993), «Туҳфа» (1996), «Бодоми думағз» (2001), «Ёдҳо, ёдҳо, ёдҳо...» (1996) ва ғайраҳоро ба чоп расонидааст.

Аз русӣ шеърҳои алоҳидаи В.Солоухин, С.Баруздин, М.Дудин, аз ӯзбекӣ шеърҳои ҷудогонаи Б.Бойқобилов, Н.Нарзуллоев ва Т.Норбекро ба тоҷикӣ гардондааст.

Намунаи ашъори ӯ ба забонҳои украинӣ ва ӯзбекӣ тарҷума шудаанд.

Аълочии маорифи халқ (1972), фарҳанг (2010), матбуот (2011) мебошад.

Аз соли 1983 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст.



## Сангов Гулмаҳмад

Гулмаҳмад Сангов 11-уми ноябри соли 1937 дар ноҳияи Балҷувон дар оилаи фидоии соҳаи маориф Санг Одинаев ба дунё омадааст. Чун падари донишманд мехост, ки фарзандонаш ҳам мисли худаш соҳибмаърифат бошанд, Гулмаҳмад низ баъди хатми синфи 7 таҳсилашро дар Омӯзишгоҳи маданӣ давом дод.

Баъди хатми оӯзишгоҳи мазкур Гулмаҳмад Сангов дар ноҳияи имрӯзаи Темурмалик ба сифати мудири китобхонаи ноҳиявӣ фаъолияташро оғоз намуда, баъдан ҳамчун омӯзгор дар минтақаи Балҷувони бостонӣ дар дабистоне, ки ба номи Қаҳрамони иттифоқи Советӣ, зодаи ҳамин диёр Саидқул Турдиев номгузорӣ шуда буд, ба таълиму тарбияи фарзандони халқ машғул шуд. Дар фаъолияти омӯзгорӣ мисли падараш навҷӯю навовар буда, ҳамеша кӯшиш мекард, то ин ки шогирдонаш донишманду хушахлоқ ба камол расанд. Ӯ соли 1961 ба Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дохил шуд. Соли 1966 ҳамчун мутахассиси соҳаи чорводорӣ дар Совхози Кангурти ноҳияи Темурмалик ба фаъолият оғоз намуда, то ташкилшавии Совхози Балҷувон дар соли 1978 дар вазифаи сарзоотехник адои вазифа намудааст.

Дар хоҷагии навтаъсиси Балҷувон низ ин вазифаи пурмасъул ба уҳдаи Гулмаҳмад Сангов гузошта шуд. То соли 1996 вазифаҳоеро, ки ба уҳда дошт, иҷро намуда, худро ҳамчун шахси кордони дорои қобилияти ташкилотчигӣ, соҳиби иззату ҳурмат дар байни коллектив ва мардум ва сарвари чашмикордон нишон дода тавонист. Соли

1996 ноҳияи Балҷувон аз сари нав эҳё гашт ва Гулмаҳмад Сангов сардори идораи кишоварзии ноҳияи мазкур таъин гардид. То ба синни нафақа расидан, дар ин вазифаи пурмасъул баҳри рушди соҳаи кишоварзии ноҳия заҳмати зиёд кашида, соли 1998 ба нафақа баромад.

Сангов Гулмаҳмад аз соли 2001 то ҳол раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Балҷувон мебошад.

Инсоне, ки устухонаш бо меҳнати ҳалолу нони меҳнатӣ сахт шудааст, дар давраи нафақароииаш низ бекор нишаста наметавонад. Гулмаҳмад Сангов аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди 4 га замин дар мавзеи Оличадара, ки 100 сол муқаддам дар он ҷо Мири Балҷувон боғеро ташкил намуда буд, онро аз нав бунёд намуда, Хоҷагии деҳқонии «Гулмаҳмади Санг»-ро ташкил медиҳад, ки дар он 400 бех ниҳоли чормағз, 250 бех себ, 200 бутта ангур, 50 бех зардолу, 40 бех шафтолу, инчунин ниҳолҳои анору гелос ва анҷиру олучабандакҳои зиёде маҳсули дастони заҳматқарини Гулмаҳмад Сангов мебошанд. Ниҳолҳои бо меҳр парвардааш имрӯз самар медиҳанд.

Гулмаҳмад Сангов 62 соли умри худро сарфи меҳнати ҳалол намуда, сарбаландию накуномӣ ёфтааст. Соли 2007 Гулмаҳмад Сангов бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2013 бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардонида шудааст. Дар маҷмуъ меҳнати ҳалоли Гулмаҳмад Сангов бо унвонҳои «Собиқадори меҳнат» ва даҳҳо ифтихорномаю сипоснома қадршиносӣ гардидааст.

## Неъматов Ҷӯрахон

Неъматов Ҷӯрахон 15 сентябри соли 1940 дар деҳаи Душехи ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Соли 1965 Донишгоҳи политехникии Тоҷикистонро бо ихтисоси муҳандис-механик хатм намудааст.



Аз соли 1974 то соли 1987 раиси Комиҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Фархор, аз соли 1987 то соли 1994 раиси хоҷагии «40 солагии Октябр», аз соли 1994 то 2000 ҳамчун раиси ноҳияи Фархор фаъолият намудааст.

Чандин даъват вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум, солҳои 1990-1995), вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати якум, солҳои 1995 – 2000) интихоб гардидааст.

Неъматов Ҷӯрахон иштирокчии Иҷлосияи таърихии 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хуҷанд,1992) мебошад.

Бо ду ордени «Нишони Фахрӣ» (1976, 1982), «Дӯстии халқҳо» (1979) ва медали «10 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст.



## Шарифов Ҳомиддин

Шарифов Ҳомиддин 15 июни соли 1947 дар деҳаи Саталмуши ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Ходими давлатӣ, генерал-полковник (2001), Корманди ифтихории Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия (1999) ва Вазорати корҳои дохилии Украина (2003).

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро (1971) хатм кардааст. Дар вазифаҳои Раиси суди вилояти Кӯлоб (1986-1993), раиси суди вилояти Хат-

лон (1993-1995), Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996), Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-2008), вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008) кор кардааст.

Шарифов Ҳомиддин 29 сентябри соли 2008 аз олам даргузашт.

## Ҳасанов Бобоҷон



Ҳасанов Бобоҷон 10 марти соли 1947 дар деҳаи Саризиндони ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст.

Ҳунарпешаи театр, овозхон. Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон (1987), Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (1985).

Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе (1967) ва шуъбаи актёрии факултети санъати Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанберо хатм намудааст. Аз соли 2001 дар Театри давлатии академи драмаи ба номи А.Лоҳутӣ кор мекунад. Б.Ҳасанов маҳорати хоси ҳунармандӣ дошта, дар намоишномаҳои театрӣ аксаран нақшҳои асосиро мебозад. Симоҳои офаридаи ӯ табииву самимӣ ва ҷаззобанд. Дар давоми солҳои фаъолияти эҷодиаш зиёда аз 100 нақши хурду калонро бозидааст, ки беҳтаринашон инҳоянд: Лука («Табиби зӯракӣ»-и Ж.Б.Молйер), Озар («Робиаи Балхӣ»-и А. Атобоев), Чичик-Гогол («Айбномаи хотимавӣ»-и Н.Думбадзе), Карим Девона («Карим Девона»-и Т. Аҳмадхонов), Восеъ («Восеъ»-и С. Улуғзода), Шайх Камол («Фишор»-и С. Аюбӣ) ва ғайраҳо.

Б. Ҳасанов ҳамчунин, сарояндаву оҳангсози хушсалиқа аст. Сурудҳои «Падар», «Шохи гул», «Бӯса ба дарё задам»

ва ғайраҳо дар ичрои ӯ хушу форам садо медиҳанд. Хонишҳои бадеиаш пурмазмуну таъсирбахш, буррову самимӣ ва дилчаспанд.



## Ализода Абдурашид Хуҷамқул

Ализода Абдурашид Хуҷамқул 7 ноябри соли 1950 дар деҳаи Хилесонии ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Рӯзноманигор, Аълочии телевизион ва радиои ИҶШС (1990), Аълочии матбуоти Тоҷикистон (2003), дорандаи Ҷоизаи Иттиҳоди рӯзноманигорони Тоҷикистон ба номи А.Лоҳутӣ(1994), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1994).

Хуҷамқулов соли 1972 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Ба ҳайси директори Радиои Тоҷикистон фаъолият намудааст. Яке аз асосгузорон ва барандаи доимии барномаи «Хоки Ватан» (1993-1996) мебошад. Дар «Хазинаи тиллоӣ»-и Радиои Тоҷикистон зиёда аз 200 гуфтору барномаҳои сиёсӣ, адабӣ ва мусиқӣ бо овози Хуҷамқулов маҳфузанд.

Муаллифи як рисола, беш аз 20 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ оид ба масъалаҳои умдаи адабиёти муосири тоҷик («Баъзе масъалаҳои навоварӣ дар шакли назми С.Айнӣ» (1978), «Назари устод С.Айнӣ ба анъана ва навоварӣ» (1979), «Анъана ва замон» (1979) ва ғайра мебошад. Дар мавзӯи «Анъана ва навоварӣ дар ашъори М. Раҳимӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, номзади илмҳои филологӣ гардидааст.

Узви Иттифоқи журналистон (1979).

Бо ордени «Дӯстӣ» мукофотонида шудааст.



## Рустами Хомарахш
(Тағоймуродов Р.Ҳ)

Тағоймуродов Рустам Ҳакимович 16 июни соли 1962 дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Балҷувон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна ба Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1982 бомуваффақият хатм намудааст.

Аз моҳи майи соли 1993 то моҳи июни соли 2005 дар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ба ҳайси омӯзгор ва саромӯзгор фаъолият намудааст. Аз соли 2000-ум ҳамзамон вазифаи ҷонишинии сармуҳаррири рӯзномаи умумидонишгоҳии «Фурӯғ»-ро ба уҳда дорад.

Аз моҳи августи соли 2005 то моҳи июли соли 2006 мудири кафедраи рӯзноманигории ДДҚ ба номи Носири Хусрав буд. Аз моҳи июли соли 2006 то моҳи ноябри соли 2007 дар вазифаи декани факултаи филология, ҳамзамон дар вазифаи муҳаррири масъули маҷаллаи илмии «Фурӯғи илм» адои вазифа намудааст. Моҳи августи соли 2006 дар мавзӯи «Вазни ғазалиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ» рисолаи илмии номзадӣ дифоъ кардааст. Аз моҳи апрели соли 2014 ба ҳайси дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва ҳамзамон муҳаррири бахши тоҷикии маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав» ифои вазифа кардааст.

Моҳи апрели соли 2015 рисолаи доктории хешро дар мавзӯи «Масъалаҳои афкори адабӣ-назарӣ ва сохтори ҳунарии ашъори ғиноии Амир Хусрави Деҳлавӣ» бомуваффақият дифоъ кардааст.

Муаллифи якчанд рисола, дафтари шеърҳои «Баҳори

хаёл» (1999), «Нигоҳи ноларез» (2001) ва зиёда аз 50 мақолаҳои илмӣ мебошад.

Бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои иштироки фаъолона дар корҳои фарҳангӣ бо нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва барои таълифи мақолаҳои муҳимми рӯзмарра ва проблемавӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуривию вилоятӣ бо нишони «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз шудааст. Узви Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узви Иттиҳоди журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



# БАЛҶУВОН
## дар омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни бузурги 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мардуми Тоҷикистон бори дигар шоҳиди хиради тавоно, роҳнамоиҳои дурандешонаю дурбинона, ғамхориҳои падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардид.

Бори нахуст нест, ки Пешвои муаззами миллат бо истифода аз ҳар фурсати муносиб – арафаи ҷашну ҷашнвора, идҳои умумимиллӣ ва суннатҳои аҷдодӣ мардумро ба ободонию эҳсонкорӣ, хайрандешиву ободкорӣ ҳидоят ва роҳнамоӣ менамоянд.

Бо мақсади хотирмон ва ба шукуҳу шаҳоматаш муносиб ҷашн гирифтани Иди бузурги 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 майи соли 2018 ҷиҳати дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо сардории роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ таъсис додани гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳия ва амалӣ кардани нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амр ба имзо расониданд.

Аз он ҷумла, чунин гурӯҳи корӣ дар ноҳияи Балҷувон низ таъсис дода шуда, тибқи Амри номбурдаи Сардори давлат Давлатзода Нусратулло Муқим, Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси роҳбари гурӯҳи корӣ дар ноҳияи Балҷувон муқаррар гардид.

Ман, ҳангоми омода намудани матни китоби мазкур, бо Зоирзода Маърифат дар бораи корҳои бунёдкорию ободонӣ ба муносибати сазовор ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Балҷувон ва нақши Нусратулло Давлатзода дар ин корҳо, суҳбатҳо намудам. Дар он солҳо чуноне, ки дар боло қайд намудам, Зоирзода Маърифат вазифаи раиси ноҳияи Балҷувонро ба уҳда дошт (дар айни замон муовини якуми раиси ноҳия) ва шоҳиду иштирокчии бевоситаи ташкил ва оғоз гардидани корҳои бунёдкорию ободонӣ буд.

Бинобар ин, ман ба хулосае омадам, ки беҳтар мешавад, агар доир ба ин мавзуъ суханҳои Зоирзодаро рӯи коғаз биёрам.

Зоирзода М. доир ба фаъолияти Гурӯҳи корӣ ҷиҳати анҷом додани корҳои бунёдкорию ободонӣ ва Роҳбари Гурӯҳи корӣ – Давлатзода Нусратулло Муқим чунин суҳбатҳо намуд.



“**Нусратулло Давлатзода** аз рӯзҳои аввали бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари Гурӯҳи корӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон оид ба амалӣ намудани корҳои ободонию созандагӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудан, бо кордонию ташаббускории ба худ хос барои иҷрои супоришҳои аз ҷониби Сардори давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда пардохтанд» – нақл намуд Зоирзода М.

Аллакай пас аз 3 рӯзи ба тасвиб расидани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 майи соли 2018, яъне рӯзи 26 майи соли 2018 Нусратулло Давлатзода ба Балҷувон ташриф оварда, сараввал бо вазъи маркази ноҳия шинос гардида, бо роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамсуҳбат шуда, бо мақсади таъмини иҷрои супоришҳои Пешвои миллат ҷиҳати муайян намудани тартиби кор, пеш аз ҳама ташкил намудани Гурӯҳи корӣ ва омода сохтани лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои оид ба ободкорию созандагӣ фикрҳояшонро изҳор намуда, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Тибқи дастуру супоришҳои Нусратулло Давлатзода аз ҳисоби роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон аъзои гурӯҳи корӣ ноҳиявӣ муайян ва бо қарори Раиси ноҳияи Балҷувон аз 31 майи соли 2018 (№134) тасдиқ карда шуда, Гурӯҳи корӣ ба омӯзиши эҳтиёҷоти ноҳия ҷиҳати таҳияи лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуд.

Вобаста ба таҳияи Нақшаи чорабиниҳо мехоҳам ёдрас намоям, ки – мегӯяд Зоирзода Маърифат – бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 майи соли 2018 Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода санаи 30 майи соли 2018 ҷаласа гузаронида, ҷиҳати иҷрои дастурҳои Сардори давлат таъкид намуда буданд, ки дар доираи омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ дар шаҳру ноҳияҳо бояд чунин корҳо анҷом дода шаванд, аз ҷумла, таъмиру бунёди боғча, кӯдакистон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бунгоҳи тиббӣ, маркази саломатӣ бо таваллудхона, маркази тиббӣ, нуқтаи хатнаи кӯдакон, китобхона, қасри фарҳанг, маркази фарҳангӣ, боғи фарҳангӣ,

боғу гулгаштҳо, сартарошхонаҳо, ҳаммомҳо, майдончаҳои варзишӣ, корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ, корхонаҳои дӯзандагӣ, дӯконҳои ҳунармандӣ, таъмири роҳҳои байнишаҳрию байниноҳиявӣ ва дар шафати онҳо шинондани дарахтон, бунёд кардани инфрасохтори сайёҳӣ, тармими роҳҳои байни деҳаҳо, деҳот, шаҳракҳо ва дар шафати онҳо шинондани дарахтон ва ғайраҳо.

Аммо, маълум аст, ки ҳар як шаҳру ноҳия илова ба ин дастурҳои умумӣ, вобаста ба ҳолати воқеии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ боз хусусиятҳои хоси худро дорад.

Роҳбари Гурӯҳи корӣ Нусратулло Давлатзода, ки ҳар ҳафта дар рӯзҳои шанбе ва якшанбе ба ноҳия ташриф меоварданд, шароити ноҳияро омӯхта, вобаста ба эҳтиёҷоти он барои дар Нақшаи чорабиниҳо ба инобат гирифтани иншооти нав таклифҳои мушаххас пешниҳод менамуданд. Аз ҷумла, бо кордонии ба худ хос муайян намуданд, ки барои анҷом додани корҳои ободонӣ дар маркази ноҳия ва як қатор мавзеъҳои дигар, бо назардошти хусусиятҳои хоси ноҳия ҳамчун минтақаи кӯҳистон, бояд пеш аз бунёди иншооти нав, аввал корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ анҷом дода шавад. Зеро ҳар сол дар фасли баҳорон дарёҳо сероб гашта, ба иншооти ба соҳилҳо наздик сохташуда зарар меоварданд.

Инчунин, ба таърихи Балҷувон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асарҳои “Таърихи Нофеъ”-и Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсаиди Балҷувонӣ, “Таърихи Ҳумоюн”-и Гулшании Бухороӣ, “Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз”-и Ғолиб Ғоибов, “Таърихи мухтасари Балҷувон”-и Достӣ Шарифов ва дигар тадқиқотҳои таърихиро дастрас намуда, омӯхта, муайян намуданд, ки яке аз иншооти муҳимми ин мавзеи куҳанбунёд Қалъаи Мири Балҷувон ба ҳисоб меравад, ки бо назардошти моҳияти таърихӣ доштанаш бояд барқарор карда шавад.

Дар баробари ин, муайян намуданд, ки ин мавзеи таърихӣ нигораҳои зиёди бостонӣ дорад, ки асосан бо кӯшишу ғайрат, ташаббусҳои бемонанд ва сарсупурдагиҳои собиқ Директори Осорхонаи ноҳиявӣ – шодравон Саид Миров ҷамъоварӣ карда шудааст. Нусратулло Давлатзода бо собиқадорони ноҳия, Саид Миров ва аҳли оилаи Саид Миров, ки пас аз вафоти он кас нигоҳдории ёдгориҳои таърихиро ба уҳда гирифта буданд, кунҷковона ва донишандӯзона вохӯриҳо анҷом дода, суҳбатҳо доир карда, маълум намуданд, ки маҳз Саид Миров паи ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ бархоста, барои худ вазифа гузошта будааст, ки дар Балҷувон осорхонаи мардумшиносиро ташкил намояд ва бинобар ин, солҳои тӯлонӣ ба ҷамъоварии осор ва олоти дорои таърихи куҳандоштаи ин диёр машғул гардидааст.

Тибқи маълумоти дастраснамудаи Нусратулло Давлатзода, Саид Миров соли 1940 дар як хонаводаи балҷувонӣ ба дунё омада, дар айёми наврасӣ ба ноҳияи Фархор муҳоҷир шуда, моҳи июли соли 1977 пас аз талошҳои пайиҳам дар маркази деҳи Балҷувон, ки он ҳангом 400 нафар маскун дошту дар ҳайати Ҷамоати деҳоти Кангурт шомил мешуд, Осорхонаи мардумшиносиро таъсис намуда, солҳои зиёд фидокорона ба ҷамъоварии осор ва нигораҳои таърихӣ машғул гардидааст.

Саид Миров дар рафти ҷустуҷӯҳо ва омӯзишҳо муайян намуд, ки минтақаи мазкур дар садаҳои гузашта майдони ҳаводиси назарраси таърихӣ будааст ва дар ҳудуди он ёдгориҳои тамаддун ва нигораҳои таърихӣ бештар маҳфуз мондаанд. Шояд ҳамин омил будааст, ки Саид Мировро ба ташкил додани Осорхонаи ёдгориҳои таърихӣ ҳидоят намудааст, чунки дар қиёс бо дигар навоҳӣ ва бинобар таҳқиқоти таърихию бостоншиносӣ агар Балҷувонро макони ёдгориҳои таърихӣ биномем, иштибоҳ нахоҳем кард.



*Саид Миров рӯзноманигор Машраби Абдуллоро бо нигораҳои таърихӣ шинос намуда истодааст.*



Нусратулло Давлатзода аз нақлҳо ва суҳбатҳои Саид Миров мутаассир гашта, дар симои ӯ шахсеро дарёфтанд, ки сарсупурдаи пешаи худ аст, барои эҳё намудани гузаштаи бой ва таърихи пурошӯби диёри маҳбубаш ва то насли имрӯзаю оянда расонидани далелҳои моддию гӯёи он тамоми ҳастиашро бахшидааст. Бо ташаббуси Нусратулло Давлатзода рӯзноманигорон ба ноҳияи Балҷувон фиристода шуда, бо Саид Миров вохӯрӣ намуда, суҳбатҳо гузарониданд, ки сабти он маҳфуз нигоҳ дошта шуда, шунидани он барои насли оянда аз намунаи касбияти олӣ ва меҳри беандозаю самимӣ ба диёри хеш нақл хоҳад намуд.

Дар суҳбатҳо бо Нусратулло Давлатзода Саид Миров орзуи деринаи худро ифшо намуда, гуфта буд, ки нигораҳои таърихии Балҷувон сазовори онанд, ки дар Осорхонаи наву замонавӣ ва бошукӯҳе ба маърази тамошо гузошта шаванд.

Бо мақсади амалӣ намудани орзуи ин шахси ватандӯст, инчунин азнавсозии Қалъаи Балҷувон Нусратулло Давлатзода ҷиҳати бино намудани Осорхонаи наву замонавии ба нигораҳои пураразиши таърихии ин диёри соҳиби таърихи бою рангоранг ва пурошӯб муносиб, ҳамчун Роҳбари Гурӯҳи корӣ ба Вазорати фарҳанг ва Академияи миллии илмҳо расман муроҷиат намуда, бо мутахассисон, аз ҷумла бо кормандони Муассисаи давлатии “Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолӣ оид ба тармими ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ”-и Вазорати фарҳанг якчанд вохӯриҳо гузаронида, сафарҳои кории онҳоро ба ноҳияи Балҷувон ташкил намуда, бо роҳбарият ва мутахассисони Вазорати фарҳанг ва Академияи миллии илмҳо бевосита дар ноҳияи Балҷувон ва толори Академия ҷаласаҳо доир намуда, масъалаҳои бо касбияти баланд азнавсозӣ намудани Қалъаи Балҷувон ва анҷом додани сохтмони Осорхонаро мавриди баррасӣ қарор дод.

Дар натиҷаҳои чунин чорабиниҳо то имрӯз дарвозаи

Қалъаи Балҷувон пурра азнавсозӣ гардида, корҳо оид ба барқарор намудани қисматҳои боқимондаи он идома доранд.

Бинои Осорхонаи ноҳияи Балҷувон низ омода гардида, дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешавад.

Албатта, боиси таассуф аст, ки ба Саид Миров дидани чунин бинои бошукӯҳ, ки орзуи онро менамуд, муяссар нагардид, аммо номи ӯ тавассути нигораҳои ҷамъовардааш барои оянда боқӣ хоҳад монд.”



*Намои берунаи бинои нави Осорхонаи Балҷувон (расми ангоравӣ).*

Маърифат Зоирзода мегӯяд: “таърихчаи кӯтоҳи сохтмони Осорхонаи нави Балҷувон ва азнавсозии Қалъаи Балҷувон танҳо як мисолест аз заҳматҳои зиёди Роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба таҳия ва амалӣ кардани нақшаи

корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Балҷувон Нусратулло Давлатзода.


Дар давраи фаъолият ҳамчун Роҳбари Гурӯҳи корӣ Нусратулло Давлатзода зиёда аз 70 маротиба ба ноҳия ташриф оварда, бо иштироки аъзои Гурӯҳи корӣ ва намояндагони мақомоти вилоятию ҷумҳуриявӣ дар маҷмуъ бештар аз 50 ҷаласаю машварат ва вохӯриҳо доир намуда, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои ҳалталаби рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия ва рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар ин давра сохтмону навсозии 8 муассисаи таълимӣ, кӯдакистон, 4 корхонаи саноатӣ, Қасри фарҳанг, Гулгашт, Маркази бонувон, 8 бунгоҳи тиббӣ, 2 маркази саломатӣ, дорухона, Толори варзишӣ, 7 майдончаи варзишӣ, майдончаи бозии кӯдакон, 5 меҳмонхона, 8 сартарошхона, 4 ҳаммом, кошонаи ҳусн, 23 маркази савдо, 16 маркази хизматрасонӣ, 2 коргоҳи дӯзандагӣ, дукони ҳунармандӣ, 3 адад пул, дар зиёда аз 60 қитъа таъмиру барқарорсозии роҳҳо, дар 53 қитъа кашидани хатти оби нушокӣ, чароғонкунии кӯчаҳо, шинонидани трансформаторҳо ва амалӣ гардонидани 104 адад иншоотҳои гуногун анҷом дода шуд, ки дар рушди инфрасохтори ноҳия ва амалан беҳтар гардидани сатҳи зиндагии сокинони ноҳия нақши муҳим доранд.

Қобили қайд аст, ки бо мақсади иҷрои роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар натиҷаи гузаронидани вохӯриҳо ва суҳбатҳо бо зодагони ноҳия ва соҳибкорон, зиёда аз 90 фоизи иншоотҳои сохта, баистифода додашуда бевосита бо ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда шудааст.

Муҳимтарин иншоот, ки дар ин давра бо супоришу дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат сохта, бо иштироки Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шуд, шоҳроҳи Кангурт – Балҷувон – Ховалинг ба ҳисоб меравад ва чуноне, ки Сардори давлат дар мулоқот бо фаъолону сокинони ноҳияи Балҷувон 6 августи соли 2019 таъкид намуданд, шоҳроҳи мазкур “имконият медиҳад, ки мушкилоти сокинон ва интиқоли молу маҳсулот ба тамоми минтақаҳои кишвар бартараф гардад.”


Дар фароварди сухан Зоирзода Маърифат изҳори боварӣ намуд, ки мардуми Балҷувон аз ташаббуси наҷиби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илҳом гирифта, минбаъд низ ба корҳои ободонию созандагӣ идома бахшида, барои рушди диёри зебоманзарашон нерую имкониятҳояшонро дареғ намедоранд.



Аксҳои баъзе аз биноҳою иншоот, ки дар доираи амалӣ намудани Нақшаи чорабиниҳои ноҳияи Балҷувон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта, ба истифода дода шудаанд.




Дарвозаи нави ноҳияи Балҷувон






Намуди умумии маркази ноҳияи Балҷувон



Пули Сари Мазор




Қалъаи Балҷувон





Дарвозаи
Қалъаи Балҷувон






Майдончаи фароғатӣ ва бозиҳои кӯдаконаи «Бону»



Қасри фарҳанг



Даромадгоҳи Гулгашт дар маркази ноҳия



Намуди умумии Гулгашт



Фаввораҳои Гулгашт



Бинои Бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ
дар ноҳияи Балҷувон




Бинои кӯдакистони № 1




Маркази хизматрасонии «Гулдастон»




Тарабхонаи «Насими Балҷувон»




Маркази хизматрасонӣ



Майдончаи варзишӣ



Шоми Гулгашт ва майдончаи фароғатии кӯдакон





Гӯшае аз майдончаи фароғатии кӯдакон



Сохтмони бинои Осорхона ва Варзишгоҳи марказӣ

# ХОТИМА

Ҳар кореро оғоз ҳасту анҷом.

Сайре дар бекигарии Балҷувон кардем. Аз қаҳрамонии мардони далери Балҷувон ва занони сарбаланди он дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ қисса гуфтем. Табиати зебои ин диёрро васф кардем. Дар бораи фарзандони ба ору номуси Балҷувон сухан гуфтем. Меваҳои истиқлолро бо чашми худ дидем. Дастовардҳои 30 соли истиқлолиятро бо расмҳо намоиш додем. Чакидаҳои ашъори адибони ин сарзаминро ба пешгоҳи хонанда расонидем.

Боқӣ, хонандаи азиз, барои боварӣ ҳосил кардан ба гуфтаҳои боло, ба ин мулки зебо сафар мекунеду аз обҳои шаффофу меваҳои лаззатбори он нӯши ҷон карда, ин диёри афсонавиро бо чашми сар мебинед. Он гулу гиёҳ, он обу ҳаво, он буттаву дарахт, хониши кабкони дарӣ, чаҳчаҳи мурғони даштӣ, шир-шири обҳои ширину шаффофи чашмасорон, нурҳои дурахшони бирешимвори хуршеди тобон, меваҳои ширини дарахтон, он нонҳои хушбӯи гандумӣ, он тезакоб ва шакароби аз дуғи навкашида ва нугули аз гашнич, шибит, пудина, райҳон, нозбӯ, себарга ва мурчу қаланфур кӯфташударо мо бояд муаррифӣ карда тавонем. Шунаванда ҳоло он мавзеъро надида ошиқи он диёр шавад. Дар замири дилаш лаҳзае як ларзиши ширину гуворо, хисси хештаншиносӣ боло гирад. Бо дастрас намудани каме маблағ ба тамошои он диёри афсонавӣ равад.

Ҳастанд инсонҳое, ки маблағи як сол ҷамъовардаашонро ба хориҷа бурда, аз он васфе, ки кардем даҳ фоизашро надида, пас мегарданд ва як соли дигар таърифи он диёри аз мо дурро мекунанд.

Боварӣ дорам, ҷавонмардони ба ору номус ва меҳандӯсти мо таҳти роҳбарии хирадмандона ва ҳидоятҳои оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳама аз як гиребон сар бароварда мулки худро обод мекунанд ва бигузор дигарон омада, аз зебоиҳои мо баҳра баранд ва ангушти ҳайрат газанд.

Балҷувон ҳамеша интизори меҳмонон, дӯстон ва сайёҳон мебошад.

Нури дида, тоҷи сар!!!



## КИТОБНОМА


1. Адибони Тоҷикистон. – Душанбе, соли 2003.
2. Азонзод Ҷ. Рустаниҳои шифоӣ ва ғизоӣ, Истеъмоли оқилона ва самарабахши ғизо. – Душанбе, соли 2006.
3. Вакилони халқ (1938-2010). – Душанбе, соли 2006.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна, Душанбе, Ирфон, соли 1998).
5. Ёқубов Ю. Проблемаи омӯзиши таърихи Хатлони қадим. Эҳёи Кӯлоб, соли 1991.
6. Юнусӣ С.С., Асрориён Ҷ. Авроқи рангини Кӯлоб, соли 1992.
7. Қармишева Б.Х. Очерки этнической истории южных районов Таджикистана и Узбекистана. М. 1976.
8. Мелкумов А. Туркистониҳо, Душанбе, соли 1964.
9. Сафаров Р. Герои Вахша и Днепра. Душанбе, Ирфон, 1982.
10. Сечкина Л. Фарзандони шарафманди Тоҷикистон, Душанбе, Ирфон, соли 1968.
11. Филиали Бойгонии Давлатии Марказии РСС Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб.
12. Ҳадиса, Хатлон, Душанбе, соли 2015.
13. Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт, Душанбе, 2019.
14. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик, Душанбе, соли 2007.
15. Энсиклопедияи миллии тоҷик, Душанбе, соли 2013.
16. Эркаев М. Ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва аҳамияти таърихии он барои халқи тоҷик. Сталинобод, соли 1959.
17. Шарипов Д. Таърихи мухтасари Балҷувон, Кӯлоб, соли 1993.
18. Жизнь животных, т. 5, М., 1970; Абдусалямов И. А., Фауна Таджикской ССР, т. 19, ч. 2; Птицы, Д., 1971;
19. Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2015.
20. Книга о лошади, ч. 1 – 5, М., 1952 – 1960.
21. Сари Хосор (тавсифи табиӣ-географӣ, сохти геологӣ, ҳолати сейсмикӣ, гуногунии биологӣ, захираҳои обӣ, вазъи радиатсионӣ). – Душанбе: Дониш, 2018.



Гулчеҳра Муҳаммадиева дар ноҳияи Фархор ба дунё омадааст. Ӯ соли 1977 баъди хатми донишкадаи олӣ бо дипломи аъло ба зодгоҳаш баргашта фаъолияти меҳнатиашро аз омӯзгорӣ оғоз намудааст. Дониши хуб ва қобилияти ташкилотчигии Гулчеҳраро ба назар гирифта ӯро ба корҳои роҳбарӣ тавсия медиҳанд. Ӯ 28 сол хизматчии давлатӣ буд. Дар мансабҳои котиби Кумитаи комсомолии ноҳияи Фархор, инструктори Кумитаи партиявии ноҳияи Фархор, муовини Раиси ноҳияи Фархор, мудири бахши шуъбаи тарҷума, таҳрир ва нашри Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намудааст.

Гулчеҳра аз давраи мактабхонӣ ба навиштан, эҷод кардан майл дошт. Асарҳои эҷодкардаи ӯ «Як шаб…» (с.2007), «Қасоси зан» (с.2008), «Бонувони Фархор» (с2011), «Бӯи модар» (с.2011), «Чордодарон» (с.2014 қисми 1), «Чордодарон» (с.2015 қисми 1,2), «Мунтахаби осор» (с.2016) «Ишораабрӯ»( с.2016), «Навҳаи асп» (с.2016), « Ору ва шоҳпарак» (с.2017) «Сафинаи муҳаббат» (с.2017), «Афсонаи товус» (с.2017), «Дунёи бачаҳо» (с.2018), «Кабутари сулҳ» (с. 2019) «Гули лола» (2019), «Ғалабаи Ситора» (с.2019), « Офтоби оламоро» ( с.2020), « Чор ҳикоя» (с.2020) аз чоп баромадаанд.

Садҳо мақолаҳояш дар мавзуъҳои мухталиф дар матбуоти даврӣ рӯи чопро дидааст.

Гулчеҳра Муҳаммадиева барои хизматҳои шоён бо медали «Хизмати шоиста» (с.2001) ва Ифтихорномаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) сарфароз гаштааст.

Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (с.2010), Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2011), Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2016), Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1 мебошад.

## МУНДАРИҶА

Сухане чанд оид ба эҷоди китоб.....5
Оғоз.....8
Сайре дар бекигарии Балҷувон.....13
Табиати Балҷувон.....24
Аспҳои хушзоти Балҷувон.....55
Балҷувон дар давраи нав.....60
Рисолати бонувони Балҷувон.....62
Маориф.....68
Фарҳанг.....72
Ҷавонон ва варзиш.....77
Нигораҳо – хотирае аз ниёгон.....80
Қалъаи Балҷувон.....84
Се қаҳрамон аз як макон.....89
Фарзандони баруманди Балҷувон.....94
Балҷувон дар омодагӣ ба ҷашни 30-солагии
Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....115
Аксҳои баъзе аз биноҳою иншоот.....125
Хотима.....137
Китобнома.....139
Маълумот дар бораи муаллиф.....140

**Гулчеҳра Муҳаммадиева**

# БАЛҶУВОН

Аз кириллӣ ба форсӣ баргардони *Азимова Сарварой*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Азиз Қурбонзода*

Ба матбаа 02.08.2021 таҳвил гардид.
Чопаш 10.08.2021 ба имзо расид.
Андозаи 70х100 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 19,0.
Адади нашр _____ нусха.

Дар матбааи «ЭР-граф» чоп шудааст.